АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ
РӮДАКӢ

ЖУМАКУЛОВ ЖАМШИД ПАНЖИЕВИЧ

# МУНҶИКИ ТИРМИЗӢ ВА МУҲИТИ АДАБИИ ЧАҒОНИЁН ДАР АСРИ X ВА ИБТИДОИ АСРИ XI

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**Барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология
аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик**

**Роҳбари илмӣ: номзади илми филология Анзурат Маликова**

**Душанбе - 2023**

**Мундарича**

Муқаддима.........................................................................3
Боби якум
Муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI...... 16
I. 1. Баррасии мухтасари вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Чағониён........................................................16
I.2. Вазъи адабии Чағониён..........................................29
Боби дуюм
Мунҷики Тирмизӣ ва осори адабии ӯ.................................30
II.1. Шарҳи ҳол, мероси адабӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии эҷодиёти шоир..............................................................43
II.2. Тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик (сабк, забон ва тарзи баён, поэтика)........................................................62
Боби сеюм
Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ...................................83
III.1. Қасидаҳои Мунҷик................................................83
III.2. Марсияҳои Мунҷик...............................................104
III.3. Ҳаҷву мутоиботи Мунҷик.....................................115
III.4. Абёти парокандаи Мунҷик....................................136
Хулоса.............................................................................151
Китобнома.........................................................................156

# Муқаддима

**Мубрамият ва зарурати таҳқиқи мавзуъ.** Ҳавзаи адабии Чағониён як ҷузъи таркибии муҳити адабии Сомониёнро ташкил дода, дар ташаккули адабиёти асри X ва ибтидои асри XI форсии тоҷикӣ саҳми барҷаста дорад. Воқеан, пас аз шикасти давлати Сомониён маҳз тавассути ҳамин ҳавзаи адабӣ, ки беш аз ним аср фаъолият кард, машъали шеър ва забони порсӣ фурӯзон нигоҳ дошта шуд. Масъала ин ҷост, ки баъди тохтутозҳои аҷнабиён ба қаламрави давлати Сомониён бештари осори хаттии ин маҳдудаи ҷуғрофӣ нобуд шуда, аз он мероси гаронбаҳо миқдори кам боқӣ мондааст, ки ашъори Мунҷики Тирмизӣ низ аз он мустасно нест.

Воқеияти ҳаёти адабӣ далели он аст, ки дар радифи Рӯдакиву Фирдавсӣ, ки дар ибтидои ин аҳд зиставу эҷод кардаанд, шоирони дигаре низ фаъолият намудаанд, ки ҳар кадоми онҳо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ соҳиби ному шуҳрат ва ҷойгоҳи хос будаанд.

Маълум аст, ки шеъри сара ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи дӯстдорону алоқамандони адаб, аз ҷумла амирону шоҳон будааст. Азбаски муҳтавои шеъри он рӯзгорро мадҳ ташкил медод ва ин омил барои ҷалби ин ё он шоир ба дарбор мусоидат мекард. Забеҳуллоҳи Сафо донишманди эронӣ сабаби аслии гирд омадани шоирону нависандагонро дар ин ё он дарбор ё доираи адабӣ ба "силаву ташвиқ" ва дар роҳи ташвиқи шоирон "силоти гарон ва неъматҳои фаровон"[1] сарф кардани амирону шоҳон донистааст, ки аз муболиға холӣ нест. Аз ҷумла, дар муҳити адабии Чағониён амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ ва амир Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ, ки адабпарвар ва сухансанҷ будаанд, шоирон, аз ҷумла Мунҷикро ба дарбори худ ҷалб карда, заминаи мусоидро барои

[1] Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар қаламрави забони форсӣ. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи салҷуқӣ. Бахши 1. / Забеҳуллоҳи Сафо.–Теҳрон: Фирдавс. Ҷ. 3., -с 81.

ташаккул ва таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ фароҳам овардаанд. Бо дастгирии бевоситаи амирони чағонӣ дар ин муҳит шоиру нависандагон аз манотиқи гуногуни қаламрави Сомониён гирд омадаанд, ки "ҳар як соҳиби шуҳрат ва аҳаммияти хос дар таърихи адабиёти форсӣ ҳастанд".[2]

Мутаассифона, муҳити адабии Чағониён ва рӯзгору осори шоирони ҷудогонаи он ба сабаби камии осори боқимонда ба дараҷаи зарурӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Ҳол он ки баъзе тамоюлҳои инкишофи адабиёти ин давра ва мухтассоти ҳунари шоирии адибони ҷудогонаи он, бахусус Мунҷики Тирмизӣ на фақат ҳамчун падидаи адабии он аҳд муҳим ба назар меояд, балки дар таҳаввулу ташаккули минбаъдаи адабиёти форсии тоҷикӣ низ таъсиргузор будааст.

Тарафи дигари масъала ин аст, ки дар бораи рӯзгору осори Мунҷики Тирмизӣ то ҳол таҳқиқи мукаммал ва ҷудогонаи монографӣ анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, мо ба осори боқимондаи шоир, ки ниҳоят кам аст, такя кардем. Маълумоте, ки дар манобеи адабӣ, хусусан тазкираю баёзҳо роҷеъ ба Мунҷик вуҷуд дорад, мазмунан яксон буда, ҳамдигарро такрор мекунанд. Аз ин ҷиҳат, дар диссертатсия дар баробари маълумоти сарчашмаҳои адабӣ, ба баъзе ишораҳои шоир, ки дар қасоид ва ашъори ҷудогонааш боқӣ мондааст, такя карда шуд. Мунҷики Тирмизӣ "шоире забоновару суханпардоз ва нозукхаёлу балеғ ва нуктадон"[3] буда, шеъраш "...ғарибу алфозе хуб ва маъонии бикру ибороте балеғ ва истиороте нодир"[4] дорад. Дар ҳаҷв Мунҷики Тирмизӣ саромади шоирони асри худ шумурда шудааст. Аммо,

[2] Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар қаламрави забони форсӣ. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи салҷуқӣ. Бахши 1. / Забеҳуллоҳи Сафо. –Теҳрон: Фирдавс, 1373. Ҷ. 3., -с 81.
[3] Сафо, Забеҳуллоҳ. Таъри адабиёти Эрон. ҷилди аввал, бахши аввал. / Забеҳуллоҳи Сафо. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. –Душанбе: Алҳудо, 2001. -с.100.
[4] Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Ба саъй ва эҳтимоми Эдвард Браун. / Муҳаммад Авфӣ – Теҳрон: Мумтоз.1361, ҳ.ш. -1036 с. С. 500.

чунонки мушоҳида мешавад, рӯзгору осори Мунҷик бо сабабҳои айнию зеҳнӣ аз таҳқиқ дур мондааст. Бинобар ин, аҳволу осори Мунҷики Тирмизӣ, ба андешаи мо, шоистаи таҳқиқ мебошад, ки барои равшан кардани бисёр нуктаҳои торики таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри X ёрӣ мерасонад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ**. Доир ба рӯзгору осори Мунҷики Тирмизӣ дар "Сафарнома"-и Носири Хусрав,[5] "Лубоб-ул-албоб"-и Муҳаммади Авфӣ,[6] "Арафот-ул-ошиқин"-и Тақиюддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Авҳадии Балиён,[7] "Ҳафт иқлим"-и Амин Аҳмади Розӣ[8] ва "Риёз-ул-орифин"[9] ва "Маҷмаъ-ул-фусаҳо"-и Ризоқулихон Ҳидоят,[10] "Тарҷумон-ул-балоға"-и Муҳаммад ибни Умар Родуёнӣ[11] ва "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър"-и Рашиди Ватвот,[12] "Таърихи адабиёти форсӣ"-и Ҳерман Эте,[13] "Таърихи адабиёти Эрон"-и Эдвард Браун,[14] "Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ"-и Е.Э. Бертелс,[15] "Таърихи адабиёти Эрон"-и Ян Рипка,[16] "Сухан ва суханварон"-и Бадеъуззамон Фурӯзонфар,[17] "Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ"-и Саид

---

[5] Хусрав, Носир. Сафарнома./ Носири Хусрав –Душанбе: Ирфон, 1970. Ба чоп тайёркунандагон К. Айнӣ ва С. Айнӣ. -115 с. с. 11.

[6] Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Ба саъй ва эҳтимоми Эдвард Браун / Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон: Мумтоз.1361, ҳ.ш. -1036 с. С. 500.

[7] Балиёнӣ Авҳадӣ, Тақиюддин Муҳаммад ибни Муҳаммад. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. / Тақиюддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Авҳадии Балиёнӣ.–Теҳрон: Мероси мактуб, 1389, ҷ. 1. -794 с.

[8] Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим. Бо тасҳеҳ ва таълиқот ва ҳавошии Муҳаммадризо Тоҳирӣ. / Амин Аҳмад Розӣ.– Теҳрон: Суруш, 1378. Ҷ. 1.- с. 179

[9] Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин. / Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши Меҳралӣ Гургонӣ. – Теҳрон:Заҳро, 1344. -631 с.

[10] Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо./ Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши М. Мусаффо. – Теҳрон: Амири Кабир, 1339. -486 с.

[11] Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоға./ Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Бо эҳтимоми дуктур Муҳаммадҷаводи Шариат. –Исфаҳон: Дижнабишт, 1386. -984 с.

[12] Ватват, Рашид ад-дин. Сады волшебства в тонкостях поэзии (Хадаиқ ас-сихр фи дакаик аш-шиър). Перевод с персидского, исследование и комментарий Н. Ю. Чалисовой. / Рашид ад-дин Ватват. –Москва: Наука, 1985. -324 с.

[13] Ҳерман, Э. Таърихи адабиёти форсӣ / Э. Ҳерман, Тарҷумаи Ш. Ризозода. –Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 361 с.

[14] Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон / Э. Браун. Тарҷумаи Алибошшо Солеҳ [ва дигарон]. –Теҳрон: Марворид. 1366. Ҷ. 1. -464 с.

[15] Бертелс, Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Е. Э. Бертелс. –Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 584 с.

[16] Рипка Ян. Таърихи адабиёти Эрон / Рипка Ян. Тарҷумаи Абулқосими Сиррӣ. – Теҳрон: Сухан, 1384. Ҷ. 1. -620 с.

[17] Фурӯзонфар, Б. Сухан ва суханварон / Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1380, чопи панҷум. -713 с.

Нафисӣ,[18] “Таърихи адабиёти Эрон”-и Ризозода Шафақ,[19] “Луғатномаи Деҳхудо”-и Алиакбари Деҳхудо,[20] “Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ”-и Маҳмуди Мудаббирӣ,[21] “Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ” –и Аҳмад Идорачии Гелонӣ,[22] “Таърихи адабиёти тоҷик”-и Х. Мирзозода,[23] “Ашъори аҳди Сомониён” дар таҳияи Х. Шарифов ва А. Абдусатторов[24] ва “Ашъори парокандаи Мунҷики Тирмизӣ” ба кӯшиши Эҳсон Шаворибии Муқаддам[25] ва дар дигар манбаъҳои адабию таърихӣ ва илмӣ маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Қадимтарин ахборро Носири Хусрав дар “Сафарнома”-и хеш дар бораи Мунҷики Тирмизӣ зикр карда: “Ва дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеър нек мегуфт, аммо забони форсӣ некӯ намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд”.[26] Ахбори Носири Хусрав далели он аст, ки девони ӯ дар асри XI дар Эрон машҳур буда ва мавриди истифодаи аҳли шеъру адаб қарор доштааст.

---

[18] Нафисӣ Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ / Саид Нафисӣ. –Порис: Анҷумани Рӯдакӣ, 2022. -752 с.
[19] Шафақ, Ризозода. Таърихи адабиёти Эрон / Ризозода Шафақ. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи паҳлавӣ, 1352. -648 с.
[20] Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо / Алиакбари Деҳхудо. Зери назари доктор Муҳаммад Муин ва доктор Саидҷаъфари Шаҳидӣ. –Теҳрон: Муассисаи Луғатномаи Деҳхудо, Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. -14464 с.
[21] Мудаббирӣ, Маҳмуд. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ / Маҳмуди Мудаббирӣ.-Шероз: Пуриё, 1370.- 704 с.
[22] Гелонӣ, Аҳмад Идорачӣ. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ / Аҳмад Идорачии Гелонӣ.-Теҳрон, 1356. – 438 с.
[23] Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII) / Холиқ Мирзозода. -Душанбе: Маориф, 1987. Китоби 1 (1). -478 с.
[24] Шарифов Х., Абдусатторов А. Шоирони аҳди Сомониён / Х. Шрифов, А. Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 1999. -С. 66-74
[25] Муқаддам, Эҳсон Шаворибӣ. Ашъори парокандаи Мунҷики Тирмизӣ / Эҳсон Шаворибии Муқаддам. Ба нашр тайёркунанда ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳоти Р. Абдуллоев. –Тошканд: Янги нашр, 2016. - 129 с.
[26] Носири Хусрав. Сафарнома. –Душанбе: Ирфон, 1970. Ба чоп тайёркунандагон К. Айнӣ ва С. Айнӣ. -115 с. с. 11.

Муҳаммад Авфӣ дар “Лубоб-ул-албоб”, ки нахустин тазкираи адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад, дар бораи фазилатҳои шеъри Мунҷик изҳори назар карда, ӯро аз ҷумлаи “соҳирони шоирон”[27] мешуморад. Баъди ӯ муаллифони тазкираҳои “Арафот-ул-ошиқин”, “Ҳафт иқлим” ва “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” асосан ба ахбори Муҳаммад Авфӣ такя карда, навиштаи ӯро бо каме иловаҳо овардаанд.

Намунаҳои ашъори балеғи Мунҷик дар ду рисолаи нахустини фанни бадеъи форсии тоҷикӣ – “Тарҷумон-ул-балоға”-и Родуёнӣ ва “Ҳадоиқ-ус-сехр”-и Рашиди Ватвот зимни баррасии санъатҳои бадеъӣ ҳамчун шоҳид зикр шудаанд, ки ин далели иштиҳор доштани ашъори Мунҷик дар асрҳои XI-XII будааст.

Маҳмуди Мудаббирӣ дар китоби арзишманди “Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ” дар бораи аҳволи Мунҷик шарҳи мухтасар оварда, баъзе намунаҳои шеърашро низ зикр кардааст, бо далелҳои муътамад ба субут расонидааст, ки луғатнигорон зимни шарҳи баъзе вожаҳо бархе абёти боқимондаи Мунҷик шоҳид овардаанд. Аз ҷумла, ӯ менависад: “Ҳамин қадар, ки ашъори ӯ дар китобҳои луғат ва балоғат барои шавоҳиди луғавӣ ва ё зебоиҳои сухан нақл шуда, худ аз аҳаммияти ин шоир мегӯяд. Қудрати Мунҷик дар истеъмоли луғоти дарӣ дар қарни чаҳорум ба ҳаддест, ки китобҳои луғат дар шоҳид овардани бисёре аз луғот танҳо ба шуаро истинод ҷустаанд”.[28] Ин далели он аст, ки шеъри ӯ аз оғоз мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб ва муҳаққиқони соҳа будааст ва таҳлилҳои дар зимн анҷом гирифтаро ҳамчун марҳалаи ибтидоии шинохти ҳунари шоир, шеъри ӯ ва заминагузорӣ барои таҳқиқи минбаъдаи ҳаёт ва осори ӯ метавон маънидод кард.

---

[27] Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Ба саъй ва эҳтимоми Эдвард Браун / Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон: Мумтоз.1361, ҳ.ш. – 500 с.

[28] Мудаббирӣ, Маҳмуд. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ / Маҳмуди Мудаббирӣ.-Шероз: Пуриё, 1370.- 229 с.

Аввалин маълумоти мухтасарро дар бораи Мунҷик ва осори ӯ Алиакбари Деҳхудо, Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Маҳмуди Мудаббирӣ, Аҳмад Идорачии Гелонӣ ва Забеҳуллоҳи Сафо нашр кардаанд, ки дар шинохти чеҳраи шоирии Мунҷик қадами аввал аст. Аз ҷумла, соҳиби “Луғатномаи Деҳхудо” Мунҷикро аз “шоирони бузурги нимаи дувуми қарни чаҳорум” ва “шоире забоновар ва суханпардоз ва некухаёл ва балеғ ва нуктадон” донистa, суханони Авфиро дар бораи ӯ иқтибос мекунад. Ин донишманд маҳорати суханварии Мунҷикро дар сурудани “қасоиди бузурги мадҳӣ” мебинад ва “дар ҳаҷву ҳазл низ дасти қавӣ”[29] доштани шоирро махсус таъкид мекунад.

Аҳмад Идорачии Гелонӣ дар китоби “Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ” дар фасли ҷудогонае бо номи “Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ” мақолаи муфассале навишта, доир ба мавқеъ ва ҳунари шоирии Мунҷик маълумоти муфид овардааст. Махсусан арзёбиҳои ӯ аз “ширинии сухан, малоҳати гуфтор, балоғати калом, ваҷоҳати баён, ҳусни таркиб, шеваи забонӣ ва нуктапардозӣ”-ҳои Мунҷик дар шинохти чеҳраи ҳунарии ин шоир маълумоти нав аст.[30]

Дар китобҳои таърихи адабиёт, аз ҷумла таълифоти Ҳерман Эте, Эдвард Браун, Е.Э.Бертелс, Ян Рипка, Бадеузамон Фурӯзонфар, Ризозода Шафақ ва Забеҳуллоҳи Сафо дар бораи Мунҷик, замони зиндагии ӯ ва осораш чандон маълумоти тозае ба назар намерасад. Донишманди эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам бори аввал дар шакли нисбатан комил осори Мунҷикро бо тадқиқоте дар бораи ӯ дар Эрон нашр кард, ки арзишманд аст.[31]

[29] Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо / Алиакбари Деҳхудо. Зери назари доктор Муҳаммад Муин ва доктор Саидҷаъфари Шаҳидӣ. –Теҳрон: Муассисаи Луғатномаи Деҳхудо, Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. – с 1225.

[30] Гелонӣ, Аҳмад Идорачӣ. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ / Аҳмад Идорачии Гелонӣ.-Теҳрон, 1356. – с.184-224 .

[31] Муқаддам, Эҳсон Шаворибӣ. Ашъори парокандаи Мунҷики Тирмизӣ / Эҳсон Шаворибии Муқаддам. Ба нашр тайёркунанда ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳоти Р. Абдуллоев. –Тошканд: Янги нашр, 2016. - 119 с.

Дар Тоҷикистон то ба имрӯз доир ба Мунҷик тадқиқоте анҷом нагирифтааст, вале осори ӯ дар баъзе ҷунгу китобҳои дарсӣ, аз ҷумла дар "Таърихи адабиёти тоҷик"-и Х. Мирзозода[32] баъзе маълумоти мухтасар оварда шудаанд. Инчунин, дар маҷмуаҳои ашъор намунаи шеърҳои ӯ интихобан нашр гардидаанд. Таҳқиқоти тозатарин ва нашри ашъори Мунҷик бо саъйи донишмандони тоҷик Х. Шарифов ва А. Абдусатторов дар китоби "Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" анҷом гирифтааст, ки дар он баъзе аз намунаҳои ашъори ӯ зикр шудаанд. [33]

Ҳамин тариқ, дар бораи аҳволу ашъори Мунҷики Тирмизӣ дар сарчашмаҳо маълумот ниҳоят кам буда, то ҳол рӯзгору осори шоир мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки дар ин диссертатсия барои равшан намудани лаҳзаҳои зиндагии Мунҷики Тирмизӣ нахуст дар бораи вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии Чағониён, инчунин тамоюлҳои адабии муҳити адабии давр мулоҳиза ронда, баъдан дар хусуси шарҳи ҳол, мероси адабӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии эҷодиёти шоир, сабки баён ва корбасти саноеи бадеъӣ дар шеъри шоир пажӯҳиш кунем, зеро таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи ин масъала ва муаррифии Мунҷики Тирмизӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таълиф шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Ҳадафи асосии рисола омӯзиши зиндагӣ, ҳаёти адабӣ, мероси боқимондаи шоир, муайян намудани мухтассоти

[32] Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII) / Холиқ Мирзозода. -Душанбе: Маориф, 1987. Китоби 1 (1). –сс.240-243.

[33] Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. –Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.

ҳунарии ашъор ва ҷойгоҳи Мунҷики Тирмизӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф сайъ кардем, ки тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён, шоирони ҳамзамони Мунҷик ва хусусиятҳои ҳунарии осори онҳоро муайян намудем.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Дар меҳвари асосии таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин қарор гирифтаанд:

-муайян кардани вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва адабии муҳити адабии Чағониён дар нимаи дуюми асри X ва ибтидои асри XI;

- нишон додани ҷойгоҳи муҳити адабии Чағониён дар таҳаввули шеъри форсии тоҷикӣ;

- қиёс кардани тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён ва Сосониён;

-баррасии осори адабии муҳити адабии Чағониён ва муқаррар кардани тамоюлҳои адабӣ ва мухтассоти ҳунарии эҷодиёти ҳамзамонони Мунҷик;

- таҳқиқи рӯзгори Мунҷики Тирмизӣ;

- омӯзиши осори адабии Мунҷики Тирмизӣ:

-таҳлили сохторӣ, сабкӣ ва хусусиятҳои адабии ашъори Мунҷик.

**Объекти таҳқиқро** масъалаҳои омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи ашъори Мунҷики Тирмизӣ, инчунин ҷойгоҳи ҳунарии шоирони ҳамзамони ӯ дар адабиёти форсии тоҷикии нимаи дувуми асри X ва ибтидои асри XI ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқ** омӯзиш ва баррасии раванди инкишофи тамоюлҳои адабӣ дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, хусусан ашъори Мунҷик мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии диссертатсия ба дастовардҳои олимони адабиётшиноси ватанию хориҷӣ, ба монанди Э. Ҳерман, Э. Браун, Е. Э. Бертелс, Ян Рипка, И. С. Брагинский, Р. Шафақ, З. Сафо, С. Нафисӣ, Б. Фурӯзонфар, А. Зарринкӯб, М.

Мудаббирӣ, А. И. Гелонӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А. Сатторзода, Х. Шарифов, А. Абдусаттор, Э. Ш. Муқаддам бунёд ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Диссертатсия дар асоси усулҳои илмии таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, равияҳои назарияи адабӣ ва шарҳиҳолӣ таълиф шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии рисоларо тазкираҳои таърихиву адабӣ, ҷунгу баёзҳо, китобҳои таърихи адабиёт ва абёти парокандаи Мунҷик ташкил мекунад. Аз ҷумла, "Сафарнома"-и Носири Хусрав, "Лубоб-ул-албоб"-и Муҳаммад Авфӣ, тазкираҳои "Арафот-ул-ошиқин", "Ҳафт иқлим" ва "Маҷмаъ-ул-фусаҳо", "Тарҷумон-ул-балоға"-и Родуёнӣ ва "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашиди Ватвот дар ҷараёни кор мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ба шумори муҳимтарин сарчашмаҳои таҳқиқ китобҳои "Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевони қарнҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ" –и Маҳмуди Мудаббирӣ, "Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ" -и Аҳмад Идорачии Гелонӣ, "Сухан ва суханварон"-и Бадеъуззамони Фурӯзонфар, "Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" дар таҳияи Х. Шарифов ва А. Абдусатторов ва "Ашъори парокандаи Мунҷики Тирмизӣ"–и Эҳсон Шаворибии Муқаддам шомил гардидаанд. Илова бар ин, дар рисола таҳқиқоти донишмандони хориҷиву ватанӣ ва мақолаҳои алоҳидае, ки марбут ба мероси адабии Мунҷики Тирмизӣ таълиф гардидаанд, истифода шудааст.

**Навоварии илмии таҳқиқ**. Навоварии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти нимаи дувуми асри X ва аввали асри XI, саромади навъи адабии ҳаҷв будани Мунҷики Тирмизӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия

зиндагиномаи шоир ва мероси боқимондаи ӯ, хусусан маҳорати шоирӣ, андешаҳои ахлоқӣ, иҷтимоию адабии шоир ва корбасти санъатҳои бадеъӣ дар ашъори Мунҷик дар алоқамандӣ бо тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён ва эҷодиёти шоирони муосираш баррасӣ шудаанд. То ба имрӯз дар Тоҷикистон ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Ҳамзамон бо ин, навигарии илмии диссертатсияро нуктаҳои зер ташкил мекунад:

-бори нахуст ҷанбаҳои гуногуни осори адабии Мунҷики Тирмизӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст;

-шахсияти шоир ба ҳайси саромади навъи адабии ҳаҷв дар замони хеш исбот шудааст;

- бори аввал мавзую муҳтаво, ҷанбаҳои бадеӣ, сабку услуби ашъори боқимондаи шоир таҳлилу таҳқиқ гардидааст;

- вижагиҳои ҳунарии шеъри Мунҷик ва ҳамасрони ӯ бо қиёсу муқобила равшан карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Нуктаҳои меҳварии зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии Чағониёни асри даҳ ва ибтидои садаи ёздаҳ, маҳдудаи ҷуғрофиёии ин сарзамин, саҳми хонадони Оли Сомон дар ҳифзи арзишҳои бунёдии илму адаби форсии тоҷикӣ, тарбияту ташвиқи адибон ва таҳкими ҳукумати амирони Сомонӣ аз нуктаҳои муҳиммест, ки дар рисола таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, махсусиятҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи адабиёти тоҷик ва нақши хонадони Оли Сомон дар пешрафти адабию фарҳангии ин ҳавза мушаххас гардидааст. Воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва тамоюлҳои адабии ин маҳдудаи ҷуғрофиёӣ, ки аз ғарб то Дари Оҳанин, дар шарқ бо Аҳорун, дар шимол бо Суғд ва аз ҷануб бо Қубодиёну Тирмиз ҳамсарҳад буд, аввалан нақши мусбати ҳуккоми

вақтро дар ҳаёти адабию фарҳангӣ муайян кунад, сониян таҳкимбахшандаи тамоюлҳои мусбат дар адабиёти ин давра мебошанд, ки зери таъсири он чеҳраҳои таъсиргузори адабиёт-Мунҷик ва муосирони ӯ зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

2. Таҳаввулоти мусбате, ки дар ин ҳавза дар адабиёти форсии тоҷикӣ, бахусус шеър ба вуҷуд омад, зери таъсири сиёсати инсонпарварона ва адбиётдӯстонаи хонадони Оли Муҳтоҷ сурат гирифта, ба ҷараёни минбаъдаи таҳаввули шеър бетаъсир набудааст. Шоирон дар дарбори амирони Чағонӣ зиндагӣ ва эҷод карда, бо мадади амирон ҳам кифофи маишат менамуданд, ҳам равияи хосси эҷодии худро ташаккул медоданд. Аз санадҳо бармеояд, ки муҳити дарбори Чағониён озодиҳои ҳунариро низ барои шоирон маҳдуд накардааст.

3. Тамоюлҳои мусбати адабии ин давраро фаъолияти адабии Мунҷик ва ҳамзамонони ӯ ташаккул ва таҳаввул бахшидааст, ки пеш аз ҳама баёнгари ҷойгоҳи Мунҷик ва шоирони муосири ӯ, мисли Дақиқӣ, Бадеии Балхӣ, Лабибӣ, Лӯкарӣ, Фаррухӣ ва дигарон дар ташаккули шеъри ин давра мебошад.

4. Омӯзиши мероси Мунҷик яке аз масъалаҳои муҳимми адабист, ки то имрӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, аз ин лиҳоз, боби охири рисола ба масъалаҳои назариявӣ оид ба дараҷаи омӯзиши он бахшида шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада барои таҳлилу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, махсусан омӯзиши зиндагинома ва баррасии ашъори боқимондаи Мунҷики Тирмизӣ дар робита бо пажӯҳиши мероси адабии муҳити адабии Чағониён, сабку хусусиёти бадеъии ашъори адиб мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ба таҳқиқи ашъори Мунҷики Тирмизӣ ва адабиёти нимаи дувуми асри X

ва аввали асри XI мепардозанд, маводи фаровони назарӣ дода метавонад.

Инчунин маводи таҳқиқ метавонад ҷиҳати нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикии дувуми асри X ва аввали асри XI дар мисоли эҷодиёти Мунҷики Тирмизӣ дар факултети филологияи тоҷик мусоидат намуда, барои омӯхтани аҳволу ашъори Мунҷик, мураттаб кардани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ аз таърихи адабиёт, суханрониҳо аз таърихи адабиёт дар мактабҳои миёнаву олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои эҷоди таърихи ҷомеи адабиёти форсии тоҷикӣ истифода кард, зеро Мунҷик, ҳамасрони ӯ ва муҳити адабии Чағониён, бешак, ифодагари тамоюлҳои хоси инкишофи адабиёти тоҷик ва ташаккулу таҳаввули ҷараёни адабӣ хидмат карда метавонад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи ҳаёти адабии Чағониён, аз ҷумла рӯзгору ашъори Мунҷики Тирмизӣ ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, нақду баррасии маводи фаровони илмию адабӣ вобаста ба ҳаёт ва фаъолияти шоир фароҳам оварда шудааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Масъалаҳо ва натиҷаҳои асосии рисола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами филология ва омӯзиши забон», (18-19 октябри соли 2019)-и Донишгоҳи давлатии Славянии Россия-Тоҷикистон дар мавзуи “Бустон”-и “Гулистон”-и Шайх Саъдии Шерозӣ ва масъалаҳои омӯзиш ва тарбия дар мактабҳои ӯзбекӣ” ва “Myруре ба вазъи

адабиёти форсии тоҷикии Чағониён (асри X ва ибтидои XI) дар санаи 29 октябри соли 2020 матраҳ гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (протоколи №1, аз таърихи 18. 01. 2022) ва шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмун ва муҳтавои асосии рисола дар 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва 7 мақола дар маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар нашр гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зерфасл, хулоса ва рӯихати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 173 саҳифаи компютериро ташкил мекунад.

# БОБИ ЯКУМ
# МУҲИТИ АДАБИИ ЧАҒОНИЁН ДАР АСРИ X ВА ИБТИДОИ АСРИ XI
## 1.1. БАРРАСИИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ ҶУҒРОФӢ, СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ЧАҒОНИЁН

Асри X ва нимаи аввали асри XI мелодиро муҳаққиқон муҳимтарин давраи таърихи ташаккули халқи тоҷик, илму адаб ва фарҳанги он дониста, аз бисёр ҷиҳатҳо қобили таваҷҷуҳ будани онро таъкид кардаанд. Яке аз паҳлуҳои муҳимми ин таърих таъсиси давлати Сомониён ва анҷомёбии "протсеси ташаккули халқи тоҷик ва созмони давлатӣ"-и [1, 442] он буда, паҳлуи дигари он ба вуҷуд омадани нооромиҳои дохилӣ, ки омили асосии "ба таври равшан падидор" шудани "таназзули давлати Сомониён" [63, 459] гардид ва заминаро барои пайдоиши ҳукуматҳои маҳаллӣ ва шаҳрҳои амирнишин дар қаламрави ин кишвар ба вуҷуд овард.

Махсусан дар давраи ҳукумати Нуҳ ибни Наср (943-954) нишонаҳои фурӯпошии давлати Сомониён равшан мегардад, ки иллати асосии он зиддиятҳои дохилӣ ва мушкилоти иҷтимоию фарҳангии баамаломада дар кишвар мебошад.

Дар ҳамин марҳалаи тақдирсоз таърихшиносон зуҳури ҳукумати маҳаллӣ ва амирнишини Чағониён ва мавқеияти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо кардани онро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлати Сомониён ҳодисаи мусбат арзёбӣ кардаанд [63, 459-460; 108, 186]. Ин ҳукумати амирнишин дар ин марҳалаҳои ҳассоси таърихӣ минбаъд барои ҳифзи арзишҳои бунёдии илму адаби форсии тоҷикӣ ва тарбияту ташвиқи адибону донишмандони ин сарзамин саҳме бузург доштааст. Аз ин ҷиҳат, хонадони Чағонӣ дар давраи зиндагии Мунҷик ва муосирони ӯ, аз ҷумлаи ҳукуматҳои маҳаллии таъсиргузор буда,

дар як фосилаи таърихӣ силсилаи асиле ба номи Оли Муҳтоҷ онро раҳбарӣ ва ҳидоят намудааст ки, бешак, нақши он дар ҳифзи арзишҳои ватанию миллӣ муҳим мебошад.

Чағониён, ки дар сарчашмаҳои арабӣ ба исми Сағониён низ ёд шудааст, аз ҳукуматҳои муқтадир ва мустақили маҳаллии замони Сомониён буда, амирони он "ташаххус ва дурахшандагии боризеро доро будаанд" [120]. Ин силсила аввалан дар замони ҳукумати Наср ибни Аҳмад ба қаламрави давлати Сомониён пайваста, барои рушди илму адаб ва фарҳанги форсии тоҷикӣ талошҳои зиёд анҷом дода, номи худро дар таърих бо дурахшандагӣ сабт кардаанд, сониян, пас аз таназзули Сомониён, ки аксари вилоёти Хуросону Фарорӯд ба дасти туркони қарохонӣ ва туркмонони салҷуқӣ афтод, Чағониён ҳамчунон дар маҳдудаи Хуросон боқӣ монд ва дар ҳифз, рушди илму адаб ва фарҳанги миллӣ нақши муҳим гузошт.

Бо вуҷуди шикасту рехти зиёд ва хуҷумҳои пайдарпаю фосилавии таҷовузгарон дар қаламрави зери нуфузи Чағониён ҳамеша амну осоиш ва зиндагии борифоҳ мавҷуд будааст. Аз он таърихи ғанӣ то кунун масҷиди ҷомеи зебо бо сутунҳои хишти пухта, бидуни меҳроб, ки дар миёни бозор бунёд ёфта, ба ёдгор мондааст, ки ҳоло харобае беш нест. Ба ҳар хона оби ошомиданӣ гузаронида шуда, ҳотаи хонаҳо сабзу сер долу дарахт будаанд. Мардуми Чағониён мутадаййину меҳмоннавоз будаанд. Чағониён бо чарогоҳҳо ва парвариши зотҳои баргузидаи асп низ шухрати хос доштааст [108, 220-221].

Аксари муҳаққиқон маҳдудаи ҷуғрофиёии Чағониёнро вилояте дар бахши болооби масири Ҷайҳун (Амударё) донистаанд, ки ҳавзаи рости Ҷайҳун, яъне Чағонрӯд (рӯдҳои Қаротоғ ва Сурхондарёи кунунӣ) ба он шомил мешуд [108, 220]. Шахри асосии ин вилоят низ номи Чағониён (мутобиқи Деҳнави кунунӣ)-ро дошта [45, 558], бо бозорҳои сарпӯшидаи хушсохт ва куҳандизаш шухрат доштааст. Аз

ҷумла, дар қадимтарин асари дастраси ҷуғрофӣ “Ҳудуд-ул-олам” ба таври сареҳ ишора шудааст, ки “Тирмиз шаҳрест хуррам ва бар лаби рӯди Ҷайҳун ниҳода ва ӯро куҳандизест бар лаби рӯд. Ва ин шаҳр боргаҳи Хатлон ва Чағониён аст. Ва аз вай собуни нек ва бӯрёи сабз ва бодбезан хезад” [32,70].

Муаррихон мардумони ин минтақаро фақир (дарвеш)ва ҷанговар унвон кардаанд ва муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” шумораи деҳаҳои Чағониёнро муболиғаомез шонздаҳ ҳазор зикр карда, аз ҷумла таъкид кардааст, ки ҳангоми бурузи хатар даҳ ҳазор марди ҷангӣ бо махориҷ ва маркабҳои хеш аз он ҷо ба ёрии султон (амири сомонӣ) мешитофтаанд [32, 69]. Бесабаб нест, ки дар навоҳию шаҳрҳои Чағониён ва атрофи он работҳое сохта будаанд, ки амлоке авқофи фаровоне бар онҳо вақф шуда буд. Аз он ҷумла, работҳое, ки Абулҳасан Муҳаммадҳасани Моҳ сохта буд [108, 222].

Чағониён дар замони Сомониён аз самти ҷануб то шаҳри сарватмандтару пурҷамъияттари Тирмиз доман паҳн карда, аз машриқ то Шумон тӯл доштааст. Академик В. В. Бартолд бо иттико бар ёддошти сайёҳи чинӣ Сюан Тзан мулоҳиза пеш меронад, ки: “Пеш аз истилои араб дар ин ҷо буддоия тасаллут дошта; бавижа дар он рӯзгор дар Чағониён 500 дайр мавҷуд будааст, вале роҳибони он зиёд набудаанд” [45, 558]. Баъди истилои араб Чағонхудот “ба сифати иттифоқчии араб” [45, 558] ва сабабгори тобеи арабҳо гардидани қаламрави Чағониён ёд мешавад [108, 412].

Чағониён, бинобар маълумоти муаррихи барҷастаи тоҷик Бобоҷон Ғафуров, пеш аз ҳуҷуми арабҳо яке аз вилоятҳои калону ободи Тахористон буда, назар ба ишорати маъхазҳои таърихӣ “ҳайтолиён” Чағониёнро соҳиб будаанд. Дар ибтидои асри VIII, амиқтараш, соли 719 м. подшоҳи Чағониён Тиши Якчашма буд ва сарчашмаҳои арабӣ ҳадс мезананд, ки худи ҳамин шахс дар айни ҳол

ябғуи Тахористон буд. Ин ном, бидуни шак, ориёист ва дар забони бохтарӣ ситораи “Сирус” чунин маъниро ифода мекард. Подшоҳони Чағониёнро “чағонхудот” мегуфтанд” [63, 305]. Гузашта аз ин, дар катибаи суғдии Афросиёб унвони сафири Чағониён “дабирпат” зикр шудааст, ки аллома Бобоҷон Ғафуров ин нуктаро ба назар гирифта, онро ҳамчун далели соҳиби “идораи мукаммали маъмурӣ” будани ин сарзамин ҳадс задааст [63, 305].

Бо истинод ба манобеи таърихӣ ва кутуби муътабари ҷуғрофие, чун “Ҳудуд-ул-олам” метавон ба ин натиҷа расид, ки дар он рӯзгор арзу тӯли қаламрави Чағониён “дар ғарб то Дари Оҳанин, ки дар байни Деҳнаву Шаҳрисабз воқеъ гашта, давлатҳои бузурги Тахористон ва Суғдро аз ҳам ҷудо мекард, ташкил мекард. Дар шарқ он бо Аҳорун, дар шимол бо Суғд, дар ҷануб бо Қубодиёну Тирмиз ҳамсарҳад буд. Ба истилоҳи дигар, Чағониён дар асрҳои VIII-IX минтақаи кунунии Сурхондарё-Деҳнаву Саросиё ва Бойсунро дар бар мегирифт. Дар асрҳои минбаъда, яъне то асри XI Чағониён ба сабаби болоравии нуфузи Абуалии Чағонӣ дар давраи Сомониён хеле васеъу пурқувват гашта, заминҳои водии Ҳисорро то сарҳади Вашгирд фаро мегирифт. Вилоятҳои Шумон ва Аҳорун ҳанӯз дар давраи Сомониҳо (асри X) ба Чағониён ҳамроҳ карда шуда буданд. Пойтахти Чағониён низ Чағониён ном дошт. Маркази Чағониёни асрҳои VI-VII-ро бори аввал бостоншинос Л. И. Албаум ошкор кард. Харобаҳои он Дилварзинтеппа ном дошта, дар 30 километр ҷанубтари Деҳнави имрӯза воқеъ гаштааст” [65, 14].

Аммо дар ин маврид, андешаи бостоншиноси рус Г. А. Пугаченкова каме дигаргун аст. Ӯ дар натиҷаи омӯзиши мавзеи Дилварзинтеппа ба ин натиҷа расидааст, ки “замони ободии шаҳр ба давраи антиқа мансуб буда, дар асрҳои IV-V шаҳр ба харобӣ дучор шуда будааст. Дар асрҳои VI-VIII бошад, ҳаёт дар кухандизи шаҳр

ҷараён дошта, баъдан дар натиҷаи ҳуҷуми туркҳо ё арабҳо ё ҳодисаи дигар комилан қатъ гардидааст” [65, 14].

Дар заминаи ёдгориҳои маҳфузмонда, ин донишманд ба хулоса омадааст, ки дар Дилварзинтеппа дар асрҳои I-III ва ҳатто пеш аз он дар ҳақиқат пойтахти Чағониён воқеъ будааст. Вале ӯ дар мавриди маркази Чағониёни асрҳои IX-XII, ки дар бораи он дар сарчашмаҳо маълумоти зиёде мавҷуд аст, назари дигаре дошта, мавқеи ҷойгиршавии онро дар мавзеи дигар пешбинӣ кардааст. Г.А.Пугаченкова дар натиҷаи ҷусторҳои пайвастаи худ харобаҳои ин шаҳрро дар 6-километрии ҷанубу шарқи Деҳнав, дар мавзее, ки дарёи Қизилсу ба Сурхон мерезад, пайдо намуд. Он харобаҳо Бедрач ё Будрач ном дошта, масоҳати 84 гектарро дар бар мегирад [65, 14].

Ҳукумати Чағониён дар замони Нуҳ ибни Насри Сомонӣ мустақил буд ва ба давлати Сомониён тобеъ набуд. Тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ хонадони маҳаллии Оли Муҳтоҷ ҳадди ақал аз аввали садаи чаҳоруми ҳиҷрии қамарӣ (асри X мелодӣ) бар Чағониён фармонравоӣ доштаанд. Ҳарчанд ки дар тӯли таърих муқовиматҳое миёни ин хонадон ва амирони Сомонӣ ба мушоҳида расидааст. Аз ҷумла, шӯриши Яҳё бародари амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ мебошад, ки бар зидди Абубакр Муҳаммад ибни Музаффари Чағонӣ сурат гирифт ва дар ин мубориза лашкари Яҳё шикаст хӯрд. Ин ҳамон шӯришест, ки академик Н. Неъматов аз он ҳамчун “шӯриши калони халқии зиддифеодалӣ ва зидди хилофат” ёд кардааст [106, 135].

Баъди ин шӯриш амир Наср ибни Аҳмад ҳукумати Балху Тахористонро низ ба Абубакри Чағонӣ вогузор кард. Баъди марги Абубакри Чағонӣ ҳукумат ба дасти Абуалӣ ибни Абубакр гузашт. Ин воқеа соли 939 мелодӣ сурат гирифта, Абуалии Чағонӣ ба ҷойи падар ба сипаҳсолорӣ ва ҳукумати Хуросон мансуб шуд ва кори маунат (раёсати шурта) ва баргузории намозро дар Хуросон уҳдадор гашт.

Вале бар асари мухолифатҳои дохилӣ соли 944 м. амир Нуҳ ибни Наср вайро аз ин мақом барканор кард. Соле баъд Абуалӣ бар зидди амири сомонӣ шӯришеро номуваффақона ба роҳ андохт ва бо фурӯ нишастани он ба Чағониён бозгашт. Вай дар набард бо лашкари амир Нуҳ шикаст хӯрд ва Чағониён чанде ба тасарруфи  лашкари Нуҳ даромад ва коххои Абуалӣ дар он ҷо хароб гардид. Фақат баъди сулҳи соли 948 м. Абуалӣ боз ҳукумати Чағониёнро ба даст гирифт. Муаррихи асрҳои миёна Ибни Ҳавқал аз исёни Абуалии Чағонӣ ёд карда, шараф ва асолати ӯро ситудааст [108, 223-224].

Доктор Муҳаммадризо Ночӣ бо такя ба “Сурат-ул-арз”-и Ибни Ҳавқал меафзояд, ки Чағониён шаҳри Оли Муҳтоҷ буда, “фарзандони Абуалии Муҳтоҷи Чағонӣ дар он ҷо ҳастанд ва амлоку сутуронеро ба манзилаи подоши хидматгузории Абуалӣ ва падаронаш аз тарафи шоҳзодагони сомонӣ дар даст доранд” [108, 224]. Ин муҳаққиқ маълумоти охирро дар бораи Абулмузаффар Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳтоҷ зоҳиран писари Абуалии Муҳтоҷ, ҳамсӯии ӯ бо Фоиқ ва барканор шудану ба ҷояш таъйин гардидани Абулҳасан Тоҳир ибни Фазл (зоҳиран писарамуи Абулмузаффар) ва ба Балх тохтану кушта шудан ва пароканда гардидани лашкари ӯро оварда, пас аз ин дар рӯйдодҳои ҳассос ва сарнавиштсозе чун набардҳои солҳои 994-999 м. дар навоҳии Ҳироту Балх, ки умарои Ҷузҷону Ғарчистон низ ҳузур доштанд, набудани нишоне аз амирони Чағониёнро таъкид кардааст [108, 224-225].

Муҳаққиқон аҳолии Чағониёнро “мардуми мутадаййин ва меҳмоннавоз” ва “дӯстдори некон” унвон кардаанд. Қаламрави Чағониён монанди дигар минтақаҳои болооби Амударё “ҳавои хуш...ва замини дуруст ва оби гуворанда” дошта, ба таъбири муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” “...аз вай асп хезад андак ва ҷомаи пашмин ва палос ва заъфарон бисёр хезад. Ва подшоҳи ин ноҳият аз

мулуки атроф аст ва ӯро амири Чағониён гӯянд” [32, 70]. Нигорандаи “Ҳудуд-ул-олам” аз шаҳрҳои Чағониён ба тариқи зер ёд кардааст: “Дорзангӣ шаҳракест аз гирди ӯ хандақ аст ва аз ҳудуди Чағониён аст. Ва аз вай пойтоба хезад ва гилемҳо ва бисоти пашмин. Чағониён шаҳрест бузург ва баркӯҳ ниҳода ва қасабаи ин ноҳият аст. Ҷое бо обҳои равону ҳавои хуш ва мардумони дарвеш. Босанд шаҳракест бо мардуми бисёр бар роҳи Бухоро ва Самарқанд. Ҷое устувор ва мардумони ҷангӣ. Зайнур шаҳракест бо кишт ва барзи бисёр ва каммардум” [32, 70].

Донишманди муаррихи тоҷик Ғ. Ғоибов бо истинод ба қавли ҷуғрофиёдони араб ал-Муқаддасӣ овардааст, ки Чағониён ноҳияи ниҳоят обод буда, серфайзу баракат аст ва пойтахташ низ ҳамин номро дорад. Ин ноҳия то ба заминҳои Тирмиз тӯл кашида, дар он сарҳад қавме ба номи кумиҷӣ ва турки ганҷина зиндагӣ ба сар мебаранд. Он 16 ҳазор деҳа дошта, аз он метавонад 10 ҳазор марди ҷангӣ бо чорвои савориаш берун ояд...Нон дар он арзон, гӯшт бисёр ва об фаровон буда, рустании он аҷиб аст ва чорво дар он гум мешавад. Дорзанҷӣ хуш аст ва дар наздикии Ҷайҳун воқеъ аст. Тамоми аҳли он пашминабоф буда, либосҳо тайёр мекунанд...Дастгирд бузург буда, дар байни ду шохоби Ҷайҳун воқеъ гаштааст...Тамоми шаҳрҳои Чағониён хушу ободанд [65, 16].

Сарчашмаҳои таърихӣ дар боби ободиҳо ва ҳайати уламову фуқаҳои Чағониён низ маълумоти зиёде овардаанд. Агар Муқаддасӣ аз шумори ками уламову фуқаҳо ёд карда, Самъонӣ ва Ёқути Ҳамавӣ шумори зиёди уламо ва фуқаҳои мансуб ба он ҷоро зикр кардаанд. Аз санадҳои таърихӣ бармеояд, ки ҳукумати ин вилоят дар дасти амирони чағонӣ буда, аз аввалҳои садаи нуҳум хонадони маҳаллии Оли Муҳтоҷ бар Чағониён ҳукумат доштааст, ки Абубакри Чағонӣ ва

фарзандаш-Абуалӣ аз аввалин ва машҳуртарини онҳо будаанд. Ин ду сипаҳсолории амир Насри Сомониро низ бар ухда доштаанд.

Низомии Арӯзӣ дар “Чаҳор мақола” ҳикоятеро меоварад, ки дар он сухан аз сафари тафреҳии чаҳорсолаи амир Наср ба Бодғис ва сурудани шеъри “Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён” аз тарафи Рӯдакӣ меравад, ки сабаби зуд ба роҳ афтодани амир мегардад [15, 129-130]. Маҳдии Саидӣ дар мақолаи худ бо номи “Чағониён ва Хатлон то ҳамлаи муғул” ба ин масъала дахл карда, аз ҷумла ёдовар мешавад, ки: “Ҳарчанд даъвои Низомӣ холӣ аз баъзе ғулув ва иғроқҳо нест, аммо ҳақоиқеро ҳам дар худ нуҳуфта дорад. Ва ба ростӣ давраи Амир Наср дар сояи рашодатҳо ва садоқатпешагии амирони нажодаи эрониаш даврае дурахшон будааст, ки ду амири Чағонӣ низ дар ба вуҷуд овардани он асри шукуфо муассир будаанд” [120].

Афзун ба ин, барои исботи фикри худ муҳаққиқи мазкур аз “Лубоб-ул-албоб” ҳикояти газидани каждум Абуалиро ва сабру таҳаммули ӯро оварда, таъкид мекунад, ки ин ҳикоятҳо “далолат бар ҳамон фидокорӣ ва амирдӯстии Чағониён доранд” [120]. Муҳаммад Авфӣ дар “Лубоб-ул-албоб” нақл кардааст, ки вақте Абуалиро дар суҳбати амир каждум мегазад, ӯ “... ба ҳеч ҳол суханашро қатъ накард ва аз ҷодаи адаб мунҳариф нашуд, то ки он сухан ба қатъ расид ва аз он ҷо берун омад ва ҷома берун кард. Каждум дар ҷомаи ӯ рафта буд ва неш мегузорид. Гӯянд ҳафтдаҳ ҷои ӯ захм хӯрда буд. Чун ин хабар ба амир Саъид расид, бағоят мутааҷҷиб шуд ва ӯро бихонду гуфт: - Чаро ҳам аз аввал барнахостӣ ва бурун нашудӣ? Гуфт:- “Шармам бод, ки бо нӯши сухани ту аз неши каждум андеша кунам. Агар ман дар мушоҳидаи ту бо неши каждуме сабр натавонам кард, дар ғайби хидмати ту дар муқобалаи хасмон бар теғи обдодаи эшон чӣ гуна сабр тавонам кард?” [120].

Вале ҳақиқати ҳол ин аст, ки номи Абуалии Чағонӣ на дар давраи сипаҳсолорӣ ва бо ҳикояти каждумгазидагӣ, балки ба сабаби эътироз ва вокуниши ӯ дар муқобили ғуломони турки исёнгар ва фақеҳони ҳомии онон миёни солҳои 330 то 344 ҳиҷрӣ ба таърихи Чағониён ва ҷуғрофиёи Сомониён алоқаманд шудааст.

Муаррихон аз сардорони ҳукумати маҳаллии Сомониён ҷойгоҳи Абубакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Муҳтоҷи Чағонӣ (933-939 м.) ва писараш - Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад Муҳтоҷи Чағониро (939-944 м.) дар густариши давлати Сомониён дуруст ва нек шинохта, аз ҷумла муаррихи машҳури асрҳои миёна Ибни Ҳавқал дар тавсифи Абуалии Чағонӣ менависад: "Аз лиҳози фазлу шараф ва асолат дар миёни асавони (пирони - шарҳи мо) Хуросон бемонанд аст" [108, 426]. Зайли намуна ёддошти Абуалии Мискавайҳро, ки аз муаррихони машҳури даврони сарди ислом мебошад, дар бораи равиши размии Абуалӣ Муҳтоҷи Чағонӣ, ки муаллифи рисолаи "Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён" иқтибос кардааст, айнан нақл мекунем, ки гувоҳи салоҳияти комили хонадони Оли Муҳтоҷ дар идораи умури давлатдорӣ аст: "Абуалӣ Муҳтоҷи Чағонӣ - сипаҳсолори Хуросон сипоҳи худро барои набард бо Вушмгир ва Мокон дар Рай ба соли 329 қ./941м., бад-ин тариқ созмондеҳӣ кард. Дар ҳоле ки душман сипоҳи худро дар рукнҳои қалб, маймана ва майсара тартиб дод, Абуалӣ ба дастае, ки дар муқобили қалб буд, гуфт, ки аввал сахт бикӯшад. Сипас кам-кам ақиб бикашад ва душманро бо ин кор далер кунад, ки ба думболи он неру пеш равад ва мавозеи худро аз даст бидиҳад. Онҳо низ, ки дар муқобили маймана ва майсара буданд, қарор шуд онҳоро ба мубориза машғул созанд. Ба тавре ки натавонанд ба ёрии қалб биёянд. Ба дунболи он дастаҳое муқобили маймана ва майсара аз пушт ба қалби душман тохтанд ва дастае, ки зоҳиран ақиб нишаста буд, ба дастури Абуалӣ бозгашт ва

бар қалб ҳамлавар шуд. Бад-ин тариқ, аз пушт ва рӯ ба рӯ бар онон тохта ва ҳазиматашон доданд” [108,442-443].

Дар бораи муборизаҳо ва фидокориҳои амирони Чағонӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла асари “Зайн-ул-ахбор”-и Гардезӣ маълумоти зиёд омадааст, ки гувоҳи далерӣ ва ҳувиятхоҳии ин хонадон дар замони ҳукмронии Сомониён ва баъди он мебошад. Ҳатто дар замони сукути Сомониён ва даргирии Қарахониёну Ғазнавиён, ки аз ин қаламрав оромиш рахт барбаста буд, агар ба ёддошти Низомии Арӯзӣ дар бораи ба Чағониён паноҳ бурдани Фаррухӣ эътимод кунем, воқеан “он хитта ба гунаи истисноӣ ва ба баракати” сулолаи Оли Муҳтоҷ ҳамчунон “масун ва амну фориғбол будааст” [120]. Бад-ин тартиб, Чағониён дар замони султон Маҳмуд ва фарзанди ӯ - Масъуд низ, то замони ҳуҷуми туркони салҷуқӣ ба Фарорӯд, ҳамчунон мустақил ва дар амну осоиш зиста ва даргоҳи умед барои аҳли илму адаб будааст [108, 17 – 22].

Аз воқеиятҳои сарнавишти Абуалӣ бармеояд, ки эътирозҳо ва шӯришҳои пайдарпаи ӯ бар зидди туркон, пеш аз ҳама, ҷанбаи ватандӯстӣ дошта, ҳимоят аз аҳли фазли Эронзамин паҳлуи дигари фидокориҳои миллатпарастонаи ӯро гувоҳ аст. Гирдиҳам овардани соҳибхабарони Эронзамин дар Тӯс ба воситаи Абумансур ва таълифи нахустин “Шоҳнома” низ хабар аз миллатгароии Абуалӣ ва падару фарзандони вай медиҳад, ки ҳодисаҳои баъдӣ низ дар таъйиди он аст [120].

Алорағми шикасти амири Сомонӣ Абумансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ, ки дар соли 351 ҳ. қ. мусодиф ба 972 мелодӣ кушта шуд ва Абуалии Чағонӣ, ки пеш аз ӯ даргузашта буд, “...хонаводаи Оли Муҳтоҷ ҳамчунон аз бузургони хиттаи Фарорӯд ва ҳокими диёри Чағониён ва фозилу фарҳехта буданд, то ин ки пас аз барафтодани Сомониён ва сукути Саффориён (дар соли 393 ҳ. қ. ба дасти Маҳмуди

Ғазнавӣ) яке аз маъдуд вилоёте, ки метавонист паноҳгоҳи шеъри удабои қаламрави сомонӣ ва саффорӣ шавад, Чағониён ва умарои фарзонаи он буд. Дар ҳамон солҳо, ки Фирдавсии Тӯсӣ саргарми сурудани ҳамосаи миллии Эрон дар Тӯс буд, хонаводаи Оли Муҳтоҷ ҳам ҳомии шоирон ва адаби форсӣ буданд" [120].

Ба шаҳодати манобеъ ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ пас аз зуҳури Ғазнавиёну Қарохониён ва даргириҳои онон ҳамчунон Чағониён макони амну осоиш боқӣ мемонад. Ёддошти Низомии Арӯзӣ дар "Чаҳор мақола" дар боби паноҳанда шудани Фаррухӣ ба ин хонадон афсона набуда, балки баёнгари воқеоти сарнавишти аҳли адаб ва амирони Оли Муҳтоҷ аст, ки "он хитта ба гунаи истисноӣ ва ба баракати ҳисорҳои табиии худ масун ва амну фориғбол будааст" [120].

Ҳамчунон ки аз муҳтавои асноди таърихӣ бармеояд, хонадони Оли Муҳтоҷ дар маҳдудаи Чағониён ободиҳоеро низ ба ёдгор гузоштааст, ки якеи он ба андешаи академик В. В. Бартолд аст, ки ба чунин хулоса мерасад: "Шаҳрҳои то исломӣ ва асрҳои миёнаи ин сарзамин кайҳо аз байн рафтаанд; ҳатто харобаҳои онҳо низ, ба андешаи ман, боқӣ намондаанд; дар навиштаҳои сайёҳон фақат аз пули қадимаи Бендихон (ҳоло фақат баҳорон пуроб мешавад), ки аз хишти пухта сохта шуда, дар қарибии Сурхон воқеъ аст, ёд мешавад; ба гумони ғолиб шаҳри Дерзангӣ дар ҳамин ҷо буд. Шаҳри Чағониён, ба эҳтимоли қавӣ, ҳанӯз дар асрҳои VIII-XIV вуҷуд надошт; аз Деҳнав фақат дар "Зафарнома"-и Шарофуддини Яздӣ ёд шудааст; дар айни ҳол Бобур (дар "Бобурнома") вилоят ва маркази онро Чағониён ном бурдааст, ки шояд зери таъсири суннатҳои адабӣ сурат гирифта бошад" [45, 559].

Ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ, бахусус таҳқиқоти Г. А. Пугаченкова аз ёдгориҳои таърихии давраҳои гуногуни ин минтақа хабар медиҳад,

ки намунаи он сиккаҳои мутааллиқ ба ин сарзамин аст. Донишманди муаррихи тоҷик Аҳрор Мухторов навиштааст, ки: “Дар аҳди Сомониён - қарни X дар Чағониён сиккахона амал мекард. Қарнҳои баъдина замонҳои боз ҳам рушду тараққиёти босуръати шаҳрҳои Осиёи Миёна буданд. Яке аз нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва сиёсии вилояти Чағониён фаъолияти сиккахонаи Чағониён дар қарнҳои XI ва XII (то истилои муғул) буд. Вай ҳудуди вилоятҳои Аҳорун ва Шумонро низ бо танга таъмин мекард. Зимнан аз наздикии Регар махзани тангаҳои асри XIII, ки дар Чағониён сикка зада буданд, пайдо гардид” [101, 28].

Дар заминаи ёдгориҳои таърихии боқимонда метавон гуфт, ки дар ин давра тарҳи биноҳо “ҷиҳати обод ва бароҳат будани онҳо” тағйир ёфтааст. Академик А. Мухторов ҳавлиеро дар Тирмиз ба мисоли намуна оварда, дар бораи он чунин изҳори назар кардааст: “Ҳавлӣ аз хиштҳои калон-калони хом ва аз хиштҳои муқаррарии пухта сохта шудааст. Ҳавлӣ даҳҳо бинову иморатҳои гуногун дорад, ки дар ду қабат ҷой гирифтаанд ва бо гумбазу бомҳои гуногуншакл пӯшида шудаанд” [101, 28-29]. Дар заминаи маълумоти аз осори археологӣ овардаи муҳаққиқ ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки тарҳи бино “чоркунҷаи мукааб аст ва дар ҳар гӯшааш бурҷе дорад. Вале девори ҳавлӣ на он деворҳои рахнанопазири ғафс аст. Даромадгоҳи ҳавлӣ ягон ҷиҳоз ё иншооти мудофиавӣ надорад, девор ҳам саросар пур аз тиреза буда, ҳатто дар бурҷҳо тиркаш нест” [63, 479-480].

Имтиёзи дигари ин хонадон дар он аст, ки амирони эронинажоди Чағонӣ, Абумансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ ва Абуалии Чағонӣ, дар маҷмӯъ хонадони Оли Муҳтоҷ, ҳама аз ҳокимони фозилу фарҳехта буда, пас аз шикасти Сомониён низ пушту паноҳи аҳли илму адаб будаанд. Рӯ ба даргоҳи хонадони Оли Муҳтоҷ овардани

Дақиқию Фаррухӣ ҳеч гоҳ ҳадафи мидҳатгариву мулозимӣ надошт. Ба ифодаи дақиқтар, шоироне, ки сӯйи даргоҳи Оли Муҳтоҷ роҳ гирифтанд, хоҳиши дарёфти силаву ҷомагӣ ва лавозими марбут ба онро надоштанд. Агар ба гузориши Низомии Арӯзӣ оид ба Фаррухӣ эътимод кунем, воқеан "ҳаводиси зилзиламонанде чун зуҳури Қарохониёну Ғазнавиён ва сукутҳои пайдарпайи Сомониёну Саффориён ва даргирии Қарохониёну Ғазнавиён" [120] омилҳое буданд, ки шоири заҷркашидае мисли Фаррухӣ ба даргоҳи "марде фозилу шоирдӯст" [15, 130] Абуалии Чағонӣ омад. Далел ин буд, ки хонадони Оли Муҳтоҷ маҳалли эътимод ва бовари аҳли илму адаб гардида буд.

Ҳамин тариқ, нигоҳе гузаро ба муҳимтарин саҳифаҳои таърихи ин давраи халқи тоҷик нишон медиҳад, ки ҳарчанд инқирози сиёсиву иҷтимоӣ ва афзудани зиддиятҳои дохилӣ боиси тадриҷан аз ҷиҳати сохтори давлатӣ суст шудани давлати Сомониён гардида бошад ҳам, вуҷуди ҳукумати маҳаллӣ ва амирнишини Чағониён ва хонадони Оли Муҳтоҷ далолат бар он дорад, ки аввалан ин ҳукумат ва амирони он дар тӯли солҳо такядори шоҳони Сомонӣ будаанд ва ба пешрафти он мусоидат кардаанд, сониян дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва суннатҳои арзишманди илмию адабӣ ва фарҳангии қавмҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикон саҳми бузурггузоштаанд.

## I.2. Вазъи адабии Чағониён

Дудмони чағонии Оли Муҳтоҷ яке аз хонадонҳои бузурги илму адаб буд. Бунёдгузори давлати ниммустақили Чағониён Муҳаммад ибни Муҳтоҷ [102] мебошад.

Муҳаққиқон аҳаммияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷорию фарҳангии Чағониён ва табааи онро дар асрҳои X ва асрҳои XI барои минтақа муҳим арзёбӣ карда, нақши калидии  хонадони Оли Муҳтоҷро, бахусус дар нигоҳдошти ҳавзаҳои илму адаби форсии тоҷикӣ ва ташвиқи шоирону нависандагон барои ҳифзу идомаи суннатҳои илмию адабии миллӣ дар давраҳои мураккаби ҳуҷуми бегонагон бузург ва таъсиргузор шинохтаанд.

Воқеан хонадони Оли Муҳтоҷ дар як хиттаи кӯчаки Чағониёни Мовароуннаҳри он рӯзгор кореро анҷом додааст, ки хонадонҳои Оли Бурҳон ё Банӣ Моза дар Бухоро, Оли Хуҷанд ва Оли Соъид дар Исфаҳон, Оли Умрон дар Хуросон ва Низомулмулк дар вазорати Салоҷуқа сомон бахшидаанд. Ба таъбири дигар, ин хонадони босалоҳият дар ҳифзи давлатдорӣ ва пешрафти  иҷтимоию фарҳангии Сомониён нақши калидӣ доштааст.

Вуҷуди хонадони Оли Муҳтоҷ дар тағйири амалу кирдори ғолибони навхостаи бегона ва тобеъ сохтани онҳо ба низомоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии суннатии миллӣ ва ҳифзу идомаи он таъсиргузор будааст. Ба ин далел, ки  вазъи илмию адабии асри Мунҷик ва пешрафтҳои дар ин самт ба вуҷудомада ба талошҳо ва ғамхориҳои бевоситаи ин хонадон пайванди мустақим дорад.

Абубакри Чағонӣ ва фарзанди ӯ - Абуалӣ аз нахустин ва таъсиргузортарин амирони Оли Муҳтоҷи ҳоким бар Чағониён буда, ки дар як вақт сипаҳсолории Насри Сомониро низ бар уҳда доштаанд.

Шаҷараи аҷдоди ин хонадонро баъзе муҳаққиқон ба "чағонхудот" ва "...ким кадом умарои араб" низ пайванд додаанд, ки ба ин ақида академик В. В. Бартолд шубҳа кардааст [45, 559].

Амирони Оли Муҳтоҷи Чағонӣ дар аввали садаи X ба ҳукумати амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад пайваста, бо талошҳои назарраси ободгарию адабпарварӣ номи хешро дар таърих ба некӣ сабт кардаанд. Баъди пирӯзиҳои туркон ва мағлубияти Абумансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ, ки: "...дар соли 351 ҳ. қ. мусодиф ба 972 мелодӣ кушта шуд ва Абуалии Чағонӣ, ки пеш аз он даргузашта буд, хонадони Оли Муҳтоҷ ҳамчунон мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангиашро дар таърихи Чағониён ҳифз намуда, пас аз таназзули Сомониён ва сукути Саффориён (дар соли 393 ҳ. қ./ 1014 м.) низ мавқеашро ҳамчун паноҳгоҳи шеъри адибони қаламрави сомонӣ ва саффорӣ ҳифз намудааст [120].

Дар боби таҳаммулпазирӣ ва устувории Абуалии Чағонӣ дар муқобила бо хасмон ва садоқаташ ба ҳукумати миллӣ ривоятҳои зиёде дар таърих сабт аст. Вале муҳимтарин санади рӯзгори ӯ эътироз ва вокунишҳояш дар баробари ғуломони турки исёнгар ва фақеҳони ҳомии эшон, инчунин дастгириаш аз аҳли адаб, созмон додани ҳавзаи адабии форсии тоҷикӣ ва ҷалби шоиру нависандагон дар ин муҳит мебошад.

Донишманди эронӣ Маҳдии Саидӣ бидуни ҳеҷ далел ҷанбаи миллии "эътирозҳо ва шӯришҳои Абуалӣ"- амири Чағониёнро рад карда, фақат ҳамроҳ бо Амир Абумансур Муҳаммад ибни Абдураззоқи Тӯсӣ дар Тӯс гирд овардани "соҳибхабарон"-ро нишоне аз миллатдӯстии ӯ медонад ва менависад, ки: "Таълифи аввалин "Шоҳнома"-и ҳоизи аҳаммияти Абумансурӣ хабар аз эронгароии Абуалии Чағонӣ ва падару фарзандони вай медиҳад, ки ҳаводиси баъдӣ ҳам муаййиди он аст" [120]. Андешаи охири муҳаққиқ қазияи

қаблан баёнкардаашро рад карда, таъкид бар ҷанбаи миллии талошҳои амирони Чағонӣ дорад.

Воқеаҳои баъди даргузашти Абуалии Чағонӣ низ собит мекунанд, ки хонаводаи Оли Муҳтоҷ мавқеи бузурги худро ҳамчун ҳокимони фарҳехтаи посдори илму адаби диёри Чағониён то охир ҳифз карда, паноҳгоҳи "удабои қаламрави Сомонӣ ва Саффорӣ" будаанд.

Аз ҷумла, Низомии Арӯзии Самарқандӣ аз дудмони Оли Муҳтоҷ ба некӣ ёд карда, таъкид мекунад, ки "Абулмузаффари Чағонӣ ...ин навъро (яъне шоиронро-шарҳи мо) тарбият мекунад ва ин ҷамоатро сила ва ҷоизаи фохир ҳамедиҳад ва имрӯз аз мулуки асру умарои вақт дар ин боб ӯро ёр нест" [14, 138; 11, 63]. Чунончи ба мушоҳида мерасад, ин ҷо сухан на фақат аз "силаву ташвиқ" меравад, балки "лавозими марбут ба онро ҳам" дар назар дорад, ки ҳунар ҷавҳари он аст [73, 111]. Ба ин далел, маҳз ҳамин фазилати ҳунаршиносии хонадони Оли Муҳтоҷ боис шудааст, ки шоирони нағзгӯи латифтабъе мисли Дақиқию Мунҷик, Бадеъи Балхию Лабибӣ ва Фаррухӣ рӯ ба ин даргоҳ оваранд ва мавриди таваҷҷуҳи подшоҳи вақт воқеъ шаванд.

Ба ин тартиб, Абумансури Дақиқӣ яке аз аввалин шоироне будааст, ки ба қавли Муҳаммад Авфӣ "дар хидмати умарои Чағониён будӣ ва зикри эшон эрод карда" [1, 250]. Авфӣ бо таъкиди он ки Дақиқӣ "қасидае мегӯяд дар мадҳи Амир Абусаъид Муҳаммад Музаффари Муҳтоҷи Чағонӣ", дар дарбори ҳамин амири Чағонӣ зистан ва эҷод кардани Дақиқиро ёдовар шудааст [1, 250]. Таваҷҷуҳи амирони Оли Муҳтоҷ ба ин шоири тозагӯву ҳунарманд ба ҳукми тасодуф сурат наёфтааст. Вай ба василаи ҳунар ва "иъмоли (корбурди) руъят (дид) дар шеъру шоирӣ" [73, 111] мавриди эътимоди амирони адабпарвари Чағонӣ қарор гирифта, дар ин даргоҳ мақому мартабаи муносиб пайдо кардааст ва ба гуфти Абулқосими Фирдавсӣ, "Ҳаме ёфт аз меҳтарон арҷу ганҷ" [8, 6]. "Арҷу ганҷ" ёфтани шоир аз

меҳтарони Оли Муҳтоҷ аввалан гувоҳи эътибори ҳунари ӯст, сонияи, далели адабпарвар будани ин хонадон аст, ки дар замони Мунҷик муҳити бехалали адабиро дар Чағониён ба вуҷуд оварда буданд. Бинобар ин, мо ҳақ надорем, чунонки дар баъзе пажӯҳишҳо ба мушоҳида мерасад, дар ин замина модеҳ (Дақиқӣ) ва мамдуҳ (амирони Чағонӣ)-ро мазаммат карда, паҳлуҳои мусбати муҳити адабии ин ё он дарбор, аз ҷумла дарбори Чағониёнро нодида гирем.

Дақиқӣ, албатта, хадамоти шоистаи амирони Чағониро мадҳ гуфта, хислатҳои адабпарварии онҳоро ситудааст. Дар миёни амирони чағонӣ ду амир аз ҳама бештар адабпарвар будаанд, бад-ин далел, ки ҳардуи онҳо ба шоирӣ иштиғол доштаанд. Аввалиро Абуалии Чағонӣ гуфтандӣ ва дувумиро Абулмузаффари Чағонӣ номидандӣ. Зимнан бояд гуфт, ки Дақиқӣ дар марги Абунаср, ки дар дарбор мақоме дошта, марсия гуфта ва аз адабпарварии ӯ ифтихор ҳам кардааст. Саид Нафисӣ ин шахсиятро ҳамон Абунаср ибни Абуалии Чағонӣ ҳадс мезанад. Вале Муҳаммад Дабири Сиёқӣ ин гумонро таъйидшуда намеҳисобад [8, 6]. Ба ҳар сурат, дар марсияи Дақиқӣ чеҳраи Бунаср ҳамчун яке аз "родмардони ҷаҳондор" ба тасвир омада, ба сароҳат ишора дорад, ки умри кӯтоҳ дидааст: "Чу гул бошанд кӯтаҳзиндагонӣ" [4, 334].

Муҳаммад Дабири Сиёқӣ мамдуҳи дигари Дақиқӣ - Абулмузаффари Чағониро "...писар ё наводаи Абуалии Чағонӣ" дониста, меафзояд, ки: "Аз бархе ашъори Дақиқӣ ва аз он ҷумла қасидаи "роия"-и вай бармеояд, ки вай мир Абусаъд Музаффар номеро низ мадҳ мегуфтааст ва бо он ки бархе эҳтимол додаанд, ки ин мамдуҳ ҳамон Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммад аст, метавон эҳтимол дод, ки ахирӣ яке аз афроди мутааддиди хонадони Оли Муҳтоҷ, яъне умарои Чағониён бошад" [5,6]. Назари Дақиқӣ ба сулолаи Чағониён воқеӣ буда, мулкро "бе

мулкдор...пойдор” намебинад ва хулоса мекунад, ки “Шаҳрро ҳеч ҳомию ҳодӣ / Чун шаҳу шаҳрёр бошад, на” [5, 326].

Дақиқӣ мазиятҳои муҳимми хонадони Оли Муҳтоҷ ва муҳити адабии Чағониёнро низ дарёфта ва гуфта буд:

Хирад бояд он ҷову ҷуду шуҷоат,

Фалак мамлакат кай диҳад ройгонӣ [4,328].

Аз пораҳои боқимондаи ашъоре, ки Дақиқӣ дар мадҳи хонадони Оли Муҳтоҷ гуфтааст, метавон натиҷа гирифт, ки шоир танҳо аз барои таъмини маишат ба ин даргоҳ наомадааст. Вазъи нисбатан ороми сиёсию маъмурие, ки дарбори Чағониён дошт, беш аз ҳар чизи дигар шоирро мутаваҷҷеҳи ин муҳит сохта буд. Зеро шоир медонист, ки “дарбор маркази сиёсӣ ва мубодилаю ба ҳам бархӯрдани манфиатҳо ва нуқтаи назари иҷтимоӣ буда, барои кори шоирӣ, ки ҷанбаи мафкуравӣ дорад” [171, 34], мусоидат мекунад.

Аз ин манзар, муҳити адабие, ки Оли Муҳтоҷ дар як даврai муайяни таърихӣ ба вуҷуд оварда буданд, ба ташаккулу таҳаввули адаби форсии тоҷикӣ мусоидат кард ва барҳақ шоирони бузурге чун Дақиқӣ, Мунҷик, Бадеъи Балхӣ, Лабибӣ ва Фаррухӣ парвардаи ин муҳити адабпарвар ҳастанд.

Ташаккули тамоюлҳои гуногуни фикрию ҳунарӣ, ки дар эҷодиёти Дақиқӣ (гароиши фикрӣ ба мазҳаби зардуштӣ) ва Мунҷик (ҳиҷогӯӣ ва дахолати ошкоро ба масоили ахлоқӣ) ба мушоҳида мерасанд, низ зери таъсири равишҳои мусбати сиёсию фарҳангии дарбори хонадони Оли Муҳтоҷ зуҳур карда, то ҷое ривоҷ ҳам пайдо кардааст.

Мунҷик баъд аз Дақиқӣ дар дарбори Чағониён зиста, бо чанд тан аз амирони Чағонӣ робитаи наздик доштааст, ки амир Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ ва Амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷи Чағонӣ аз шумори онҳо будаанд [2,216]. Аввалин маълумоти дақиқ дар бораи Мунҷик ва бо

хонадони Оли Муҳтоҷ пайванд доштани ӯ дар “Лубоб-ул-албоб” зикр шудааст.

Дар муҳити адабии Чағониён Мунҷик аз шоирони муътабаре будааст, ки бо имтиёзоти ҳунарӣ ҷойгоҳи рафеъ дошта, девонаш дар қарни XI-XII миёни форсигӯён машҳур ва мавриди истифодаи аҳли адаб қарор доштааст. Ба иттифоқи аҳли назар, Мунҷик дар сурудани қасоиди мадҳию васфӣ, ғазал ва ҳаҷв “саромади шоирони аҳди худ шумурда” шуда, “касе аз тири таънаш” ва “каманди ҳаҷваш” нараста будааст [131, 101]. Дар муҳтавиёт ва корбасти анвои адабӣ дар ашъори боқимондаи шоир маонии тоза ба мушоҳида мерасад, аз як сӯ ба ҳунари шоирии Мунҷик дахл дошта бошад, аз сӯи дигар ба сиёсати адабпарвари хонадони Оли Муҳтоҷ робитаи бевосита дорад.

Шоири дигаре, ки дар дарбори Чағониён зиста ва фаъолият кардааст, Лабибӣ мебошад. Лабибӣ давраи бобаракати фаъолияташро дар муҳити адабии Чағониён, дар даргоҳи Абулмузаффар гузаронида, қисми боқимондаашро дар дарбори Ғазнавиён сипарӣ кардааст. Аз як пораи марсияе, ки Лабибӣ дар сӯги Фаррухӣ сурудааст ва онро муаллифи “Тарҷумон-ул-балоға” иқтибос кардааст, метавон ҳадс зад, ки ин ду шоир рӯзҳое, ки дар хидмати хонадони Оли Муҳтоҷ будаанд, шояд бо ҳам вохӯрда бошанд. Марсияи пурсӯзи зерини Лабибӣ ин андешаро илқо мекунад:

Гар Фаррухӣ бимурд, чаро Унсурӣ намурд?!
Пире бимонд деру ҷавоне бирафт зуд.
Фарзонае бирафту зи рафтан-ш ҳар зиён,
Девонае бимонду зи мондан-ш ҳеч суд [5, 6].

Лабибӣ дар муҳити адабии Чағониён дар замони ҳукмронии Абулмузаффар (992-1010 м.) зиста, вале санаи дақиқи будубоши ӯ дар ин даргоҳ маълум нест. Мероси аз шоир боқимонда далели шоири тавоно ва ҳунарманд будани Лабибӣ буда, садоқаташро низ ба умарои

хонадони Оли Муҳтоҷ собит месозад. Дар сурудани ашъори ошиқона ва ахлоқӣ маҳаки эътибораш суннатҳои неки маънавии миллӣ буда, гоҳе воқеиятҳои мушаххасро низ шеър карда ва дар ин гуна ашъор озодандеш аст, ки бешак, муҳити басомони адабии Чағониёни асри Мунҷик таҷассум кардааст. Шоир дар маврид чунин қитъае дорад:

Корвоне ҳаме аз Рай ба сӯи Дасқара шуд,
Об пеш омаду мардум ҳама бар қантара шуд.
Галлаи дуздон аз дур бididанд чу он,
Ҳар яке з-эшон гуфтӣ, ки яке касвара шуд [5, 9].

Дигар аз шоирони ин муҳит, ки чеҳраи хоси ҳунарӣ дошта, дар равнақи шеъри форсии тоҷикӣ саҳми бузург гузоштааст, Бадеъи Балхӣ мебошад. Осори ками боқимондаи ӯ далели шоири тавонову ҳунарманд будан ва тамоюли ҳикамӣ доштани эҷодиёти шоир аст. Абумуҳаммад Бадеъ ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Балхиро тазкиранависон ва муаллифони кутуби адабӣ аз шоирони маддоҳи Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ донистаанд, ки дар қарни X зиставу эҷод карда, муосири Мунҷики Тирмизӣ ва Дақиқӣ будааст. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ маълумоти комил дар даст нест. Ахборе, ки то ба мо расидааст, чандон дақиқ набуда, доир ба тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти ӯ маълумоти ба ҳам зидро дар бар мегиранд. Аз ҷумла Ризоқулихони Ҳидоят дар “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” номи ӯро Муҳаммад ибни Маҳмуди Балхӣ бо тахаллуси Бадеъӣ забт карда, ӯро аз шуарои замони султон Маҳмуди Ғазнавӣ донистааст. Ҳидоят ашъори ӯро маснуъ шинохта, маснавии “Пандномаи Анӯшервон”-ро ба ӯ нисбат додааст [31, 503].

Вале маълумоте, ки Саид Нафисӣ дар бораи ин шоир меоварад, нав аст. Ӯ маснавии “Пандномаи Анӯшервон”-ро дар маҷаллаи “Меҳр” чоп карда гуфтааст, ки “ин ашъор қатъан баъд аз Унсурӣ суруда шуда, чун байте аз ӯро тазмин намуда, мутааллиқ ба қарни

панҷум (XI) мебошад ва чун дар муқаддимаи кӯтоҳи насрии он ба номи “Шарифи шоир” ишора рафта, ин эҳтимол, ки гӯяндаи маснавии мазбур Абушариф Мухалладии Гургонӣ шоири он даврон бошад” [105, 6]. Вале Маҳмуди Мудаббирӣ дар китоби “Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарнҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ” маълумоти Саид Нафисиро дақиқ надониста, маснавии “Пандномаи Анӯшервон”-ро аз Бадеъи Балхӣ медонад ва 16 байти дигарро, ки иборат аз як қитъа аз қасидае ва як дубайтиву ду байти муфрад аст, ба ӯ мансуб медонад [33, 503].

Дар дарбори Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ хидмат кардани Бадеъи Балхӣ ва дар мадҳи ӯ қасида гуфтанашро тазкираҳо, аз ҷумла “Лубоб-ул-албоб”-и Авфӣ таъйид кардаанд. Авфӣ аз қасидаи мадҳии Бадеъи Балхӣ чанд байт иқтибос ва зикри маҳосини он мекунад. Аз ҷумла 12 байти боқимондаи ин қасидаро зикр кардааст, ки се байти онро мисол меорем:

Ҳаво рӯи заминро шуд мутарриз,
Ба софӣ оби дарёе ба қирмиз.
Нафири абри фарвардин баромад,
Фитод андар сипоҳи гул ҳазоҳиз [1, 23].

Бадеъи Балхӣ ва Мунҷик дар як аҳд дар Чағониён зиндагӣ ва эҷод карда, оид ба бисёре аз масоили рӯзгор ҳамақида ва ҳамназар будаанд, ки ин гуфта аз намунаҳои осори боқимондаашон гувоҳӣ медиҳад. Шояд ба ҳамин сабаб тазкиранигорон ва муаллифони кутуби луғат гоҳе дар шинохт ва ташхиси шеъри Бадеъи Балхию Мунҷик ба иштибоҳ роҳ додаанд.

Аз осоре, ки аз Бадеъи Балхӣ то ба имрӯз расидааст, маълум мешавад, ки вай аз шоирони тавоно ва боҳунари муосири Мунҷик буда, дар ҳавзаи адабии Чағониёни замони хукумати Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ аз чеҳраҳои таъсиргузор будааст. 436 байти боқимонда

гувоҳи умқи андеша ва ҳунари шоирии Бадеъи Балхӣ буда, ӯро дар қатори поягузорони маснавии форсии тоҷикӣ мегузорад. Албатта, маснависароӣ дар адабиёти мо ба номи устод Рӯдакӣ рабт мегирад ва ҷуз “Калила ва Димна” ӯ боз шаш маснавии дигар низ офаридааст.

Яке аз вежагиҳои маснависароӣ дар асри X корбурди мавзуоти ҳикамӣ ва рамзиёт мебошад, ки Бадеъи Балхӣ бо маснавии “Панднომаи Анӯшервон” ҳамин равишро дар адабиёти ин давра ташаккул ва таҳаввул бахшидааст. Дигар аз хусусияти сохтории маснавии Бадеъи Балхӣ аз он иборат аст, ки мисли нахустмаснавиҳои адабиёти форсии тоҷикӣ дар баҳри мутақориби мусаммани мақсур навишта шуда, аз ҷиҳати мундариҷа ва сохтор ба “Офариннома”-и Абӯшакури Балхӣ наздикӣ дорад.

Вақте ки андарзномаҳои паҳлавиро бо маснавии Бадеъи Балхӣ муқоиса мекунем, қаробати бунёдии онҳо дар мазмуну муҳтаво ва тарзи баёни андешаи ҳикамӣ равшан ба назар мерасад. Фақат тафовут дар ин аст, ки “дар адаби форсӣ ин мавзуи хос аз ҳудуди рисолаи кӯтоҳ бо дастурҳои муҷаз таҷовуз карда ва тавсиаи вофире хоҳ ба назм, хоҳ ба наср ҳосил намудааст. Чунонки ҳам он андарзҳои кӯтоҳи қадимиро шомил аст ва ҳам гоҳ ба сурати мабҳасҳои машрӯҳ аз раҳнамоиҳои ахлоқӣ дармеояд ва дар ҳамин ҳол бо тадриҷ бо мавозини фарҳангии Эрони исломӣ интибоқ ҳосил мекунад ва аз он моя мегирад, то он ҷо ки метавонем адабиёти андарзӣ ё ҳикамии форсиро аз ҷумлаи васеътарини он дар миёни соири забонҳо бидонем” [130, 9]. Ин навъи суханро аз оғоз бо вожаҳои панд, андарз, васият, васоят, мавъиза, насиҳат, ҳикмат ва таҳқиқ ифода кардаанд.

Андарзгӯӣ дар адаби форсии тоҷикӣ аз нахустшоироне, ки осорашон то мо расидааст, мисли Ҳанзалаи Бодғисӣ, Абусалики Гургонӣ ва баъд Рӯдакӣ оғоз мешавад. Шоирони дигари қарни X мелодӣ, монанди Шаҳиди Балхӣ, Абутоҳири Хусравонӣ, Дақиқӣ,

Хусравии Сарахсӣ, Абулфатҳи Бустӣ низ аз худ қитъаоти баланди ахлоқӣ мерос гузоштаанд. Вале муҳаққиқони таърихи адабиёт дар сурудани ин гуна ашъор ба Абушакури Балхӣ имтиёз додаанд. Аз ҳамон микдори боқимондаи "Пандномаи Анӯшервон"-и Бадеъи Балхӣ бармеояд, ки ӯ дар гуфтани ашъори ҳикамӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи хос дорад. Аз маҷмуи боқимондаи пандномаи Бадеъи Балхӣ бармеояд, ки ин маснавӣ мавзуъҳои муҳимми ахлоқиро дар шакли муҷаз фаро гирифта, аз рӯи бархӯрди аҳли адаб ба он ва то ба имрӯз маҳфуз монданаш дар тӯли замон мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб будааст.

Мо дар боло аз пайванди маънавии ин маснавӣ бо осори паҳлавӣ ишорае доштем. Ҳоло бамаврид аст бигӯем, ки пандҳои Бадеъи Балхӣ дар бисёр ҳолатҳо матолиберо ба ёди мо меоваранд, ки дар осори ҳикамии паҳлавӣ, аз ҷумла "Ҷовидон хирад" дар боби мабонии ахлоқ дар назди эрониён омада, ҷанбаи илмии равшан ва шеваи омӯзишии онҳо аз фалсафаи ҳикамии юнониён фарқ дорад.

Афсӯс, ки аз дигар намунаҳои шеъри ин шоир чизи қобили мулоҳизае то ба мо нарасидааст. Вале ҳамон ду байти боқимондаи ӯ -

Пайғора занӣ, ки бад чаро кардӣ,
Гар бад кардам ба хештан кардам;
Бифребад дилат ба ҳар сухане,
Рустоиву ғарчаро монӣ [33, 504].-

далели он аст, ки ӯ шоири андарзписанд буда, ба эҷоди ашъори ҳикамӣ тамоюли хос доштааст. Пандномаи ӯ бо вуҷуди он ки ба таври комил то ба имрӯз нарасидааст, асарест, ки маҷмуи андешаву орои муаллифашро дар ислоҳи ахлоқи инсонӣ дар бар мегирад ва ин микдор байте, ки аз ин маснавӣ дар дасти мост, консепсияи ахлоқии ин шоири сухандонро ифода мекунад.

Мавзуи бахрабардории муаллиф аз сарчашмаҳои миллии андарзӣ, бахусус осори паҳлавӣ аз доираи баҳси мо берун аст. Вале дар боби огандаи андарзу ҳикмат будани ин асар ҳеч ҷои баҳсе наметавонад бошад. Худи унвонҳое, ки шоир ба ҳар фасли ин панднома гузоштааст, далели соҳиби сохтори мундариҷавӣ ва ҳунарии ҳикамӣ будани он аст. Лаҳни носеҳонаи маснавӣ далели он аст, ки шоир муҳимтарин масоили ахлоқӣ ва таълимии замонашро фаро гирифтааст, ки барои имрӯз низ пурарзиш ва қобили қабул аст. Қисматҳои боқимондаи асар гувоҳи дониши фарох ва камолоти маънавию суханварии Бадеъи Балхӣ мебошад.

Асли консепсияи ахлоқии шоирро дар ин маснавӣ, пеш аз ҳама, ақлу хирад ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муайян мекунад. Аз матни боқимондаи асар маълум мешавад, ки шоир аз қонунҳои бар нафси инсон ҳоким, боварҳои омма ва низоми арзишии ҷомеаи инсонӣ ба хубӣ огоҳ будааст. Ҳадафи ахлоқиаш аз таълифи ин маснавӣ, қабл аз ҳама, ислоҳи инсон ва намудани роҳи камол ба ӯст. Вай ҳамчун як суханвари аз ҳолу ҳавои ҷомеаи инсонӣ бохабар бо илҳом аз равишҳои ахлоқии гузаштагон, бахусус равишҳои тарбиятии Қуръони карим хостааст бо андарзҳои ҳакимона ва талмеҳу ишорот ахлоқи аҳли ҷомеаро ислоҳ карда, усули худсозӣ, хударзишмандӣ, тазҳиби нафс, тақвияти ирода ва ахлоқро биомӯзонад ва инсонро ба сӯи саодати абад раҳнамоӣ кунад. Дар байтҳои зер шоир аз ҳадафи таълими панднома сареҳан ёд мекунад:

Бибояд пазируфт панди ҳаким,
Ки панди ҳакимон беҳ аз зарру сим.
Танатро зи панд аст бисёр суд,
Аз он кас, ки гӯяд, бибояд шунуд.
Ҳар он к-ӯ пазирандаи панд нест,
Ба ҷуз аз дари хориву банд нест.

Чунин гуфт фарзонаи пешбин,

Ки бар кишта бисёр гардад замин [33, 506].

Бад-ин тартиб, вакте ки дар маҷмуъ байтҳои боқимондаи “Пандномаи Анӯшервон”-ро таҳлил мекунем, мавзуъҳои меҳварии таълимоти ахлоқии шоир мушаххас мегардад, ки онҳоро ба тариқи зайл метавон дастабандӣ кард: дар боби хирад, дар ситоиши дониш, гурез аз нодонӣ, хештаншиносӣ, канорагирӣ аз судҷӯӣ, истифода аз донандагон, пазирандаи панди ҳакимон будан, андеша дар сухан гуфтан, сабру таҳаммул, парҳез аз дурӯғ, сарфи моли дунё барои саодати хеш, ростиву росткорӣ, шодмон зистан, сабр пеша кардан, аз марг ёд кардан, аз андӯҳи дигарон шод нашудан, барои чизи аз даст рафта ғам нахӯрдан, аз бадӣ ибратпазир будан, муросову мадоро кардан, дурӣ аз ситезаву лаҷоҷ, фарзандонро касби хуб омӯзонидан, ба андозаи гилеми худ пой дароз кардан, ба андозаи дахл харҷ кардан, чашму забону дастро нигаҳ доштан, бо туҳматзадагон напайвастан, аз дуздон фосила гирифтан, дар ҳамсоягӣ бо шоҳон назистан ва ғайраҳо.

Ниҳоят, бисту як байте, ки дар анҷоми ин маснавӣ омадааст, як навъ натиҷагирӣ, ҳушдор ва ормони муаллифи пандномa аст, ки баъди раҳнамоиҳои зиёди ахлоқӣ мухотабашро рӯҳан ва маънан ба шунуфтану натиҷагирӣ аз ҳикмати рӯзгор ва дӯст доштани зиндагӣ даъват мекунад:

Агар марди донандаи боҳушӣ,

Мар-он беҳтар аз зиндагонӣ хушӣ.

Накӯ гӯяд он пири дида ҷаҳон,

Ки чизе беҳ аз зиндагонӣ мадон [33, 520].

Тамоюли фикрӣ ва ҳунарии эҷодиёти чанд тан аз шоироне, ки дар муҳити адабии Чағониён фаъолият намудаанд, далели ташаккул ва таҳаввули шеъри форсии тоҷикӣ ҳам аз нигоҳи муҳтаво ва ҳам ҳунар дар ин ҳавза буда, таҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад. Дар замина

масъалаи “модеҳе куштаи мамдуҳ” [73, 111] набудани шоирони ин ҳавза низ арзёбии воқеъбинонаро тақозо дорад.

Дигар аз шоироне, ки дар муҳити адабии хонадони Оли Муҳтоҷ нақш ва ҷойгоҳи хос дорад, Фаррухӣ мебошад. Фаррухӣ аз қасидаи “Корвони ҳулла” “барге (тӯшаи сафар) бисохт ва рӯй ба Чағониён ниҳод” [10, 138]. Ӯро Амид Асъад, ки “кадхудои амир буд”, истиқбол кард ва “пайи амир” бурд. Фаррухӣ “лоиқи вақт” дар “васфи доғгоҳ...қасидае пардохт сахт некӯ” ва онро дар ҳузури амир “ба овози ҳазину хуш” қироат кард. “Чун тамом бархонд, амир шеършинос буду низ шеър гуфтӣ, аз ин қасида бисёр шигифтиҳо намуд” ва Фаррухиро бо “ҳазор сар курра,...ҳама рӯй сапеду чаҳор дасту пой сапеди хуталӣ” [14, 143] сарфароз гардонид.

Аз ёддошти Низомии Арӯзии Самарқандӣ бармеояд, ки: “кори Фаррухӣ дар хидмати” амири чағонӣ он замон танҳо ба василаи ҳунар ва истеъдоди шоириаш “олӣ шуд ва таҷаммуле тамом” ёфт [10, 144]. Ба таъбири дигар, амири Чағонӣ фақат мутаваҷҷеҳи “ташрифоту завоҳир” набуд, балки худаш, ки шоир буд, “бар иъмол (корбурди) руъят (дид) дар шеъру шоирӣ” [73, 111] эътибор медод ва маҳаки интихобаш низ, пеш аз ҳама, ҳунар ва қареҳаи шоирӣ буд. Бинобар ин тасодуф ҳам набуд, ки ба таъбири Низомии Арӯзӣ Фаррухӣ дар даргоҳи Булмузаффаршоҳ шоире буд, “ки то Дақиқӣ рӯй дар ниқоби хок кашидааст, кас мисли ӯ надидааст” [14, 143].

Бино ба шаҳодати Низомии Арӯзии Самарқандӣ, вақте охирин подшоҳи Саффории Сиистон “бо дасти Маҳмуди Ғазнавӣ барчида шуд”, Фаррухӣ “муддате аз зиндагониро ба хидмати яке аз деҳқонони Сиистон гузаронид ва дар ҳамон сол суроғи дарбореро мегирифт, ки харидори шеъри ӯ бошад” [15, 117]. Ва ин харидор амир Абулмузаффари Чағонӣ аз машоҳири умарои Оли Муҳтоҷ буд. Фаррухӣ қасоиди бисёр зебо ва машҳурашро дар ҳамин муҳит суруд,

ки бо содагӣ, тасвиргарӣ ва васфи воқебинона аз осори ҳамсонаш фарқ мекунанд. Вай мисли Муиззӣ, ки баъдтар ин корро кард, дар қасоидаш ҳеч гоҳ “модеҳе куштаи мамдуҳ” набудааст, балки бо тасвирҳои сода ва пурмаънӣ ва иҷтиноб аз худситоиҳои муъзиёна афкору эҳсосоти одиро бо забони содаву равшан баён карда, содагӣ, лутфи завқ ва риққату эҳсосоти ширинашро баён кардааст.

Аз воқеиятҳои баъдии ҳаёти Фаррухӣ маълум мешавад, ки вай дар дарбори амири Чағонӣ зиёд наистода, баъди гузашти фурсате ба дарбори Ғазнавӣ бозмегардад ва то даргузашташ дар соли 429 (1038м.) дар хидмати ин хонадон будааст. Вале аз ин таърих муҳим он аст, ки аввалан дудмони адабдӯст ва адабпарвари Оли Муҳтоҷ Фаррухӣ ва дигар шоиронеро, ки ёд кардем, дар лаҳзаҳои душвори зиндагиашон паноҳ доданду дастгирӣ ва ёрии моддиашон карданд, сониян ҳолу ҳавои ин водӣ ва муҳити адабии он ба таҳаввули андешаву ҳунари шоирони зикршудаи муҳити адабии Чағониён мусоидати комил кардааст, ки мисолаш намунаи осори дар ҳамин маҳдудаи ҷуғрофиёӣ ва макону замони мушаххас таълифкардаи ин суханварон мебошад. Ин бузургтарин хидмати ҳунардӯстона ва инсонпарваронаи амирони чағонӣ аст, ки зиндагӣ ва ҳунари беҳтарин шоирони аҳдро ҳифз намуданд ва ба ин васила таҳаввул ҳам бахшиданд.

# БОБИ ДУЮМ
# МУНҶИКИ ТИРМИЗӢ ВА ОСОРИ АДАБИИ Ӯ

## II. 1. ШАРҲИ ҲОЛ ВА АШЪОРИ МУНҶИК

Дар бораи аҳвол ва осори Мунҷик дар тазкираҳо ва китобҳои адабию таърихӣ маълумоти парокандае мавҷуданд, ки аксаран якранг ва такрори ҳамдигаранд. Дар "Лубоб-ул-албоб", "Арафот-ул-ошиқин", "Ҳафт иқлим" ва баъзе маъхазҳои дигар аслан дар бораи фазилати шеър ва ҳунари шоирии Мунҷик маълумоти умумӣ омадаву баъзе намунаҳои ашъораш иқтибос шудаасту бас.

Дар ин замина сарчашмаи боэътимод дар шинохти аҳволи шоир фақат осори ӯст, ки, мутаассифона, дар шакли комил то ба рӯзгори мо омада нарасидааст. Ҳамчунин, доир ба аҳволу осори Мунҷик дар мақолаву асарҳои таҳқиқотии Забеҳуллоҳи Сафо, Аҳмад Идорачии Гелонӣ, Маҳмуди Мудаббирӣ, Эҳсон Шаворибии Муқаддам ва баъзе аз осори дигар маълумоти мухтасар дарҷ гардидааст, ки дар мавридҳои зарурӣ ба онҳо такя хоҳед кард.

Бо истинод ба сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ тарҷимаи ҳоли шоирро метавон ба тариқи зер арзёбӣ намуд.

Тамоми манобеъ чӣ адабӣ ва чи таҳқиқӣ дар бораи соли таваллуд ва соли вафоти Мунҷики Тирмизӣ хомӯширо ихтиёр кардаанд. Ба қавли Эҳсон Шаворибии Муқаддам "соли таваллуд ва вафоташ дар тазкираҳо зикр нашудааст" [24,12]. Ҳамин манбаъ, ҳадс задааст, ки "...дар миёнаи нимаи нахусти қарни чаҳорум мутаваллид шудааст" [24,12]. Вале, чунонки ба мушоҳида мерасад, соли дақиқи таваллуди шоир дар ҳеч сарчашмае сабт нашудааст ва аз рӯи мулозиматаш дар дарбори амир Абулмузаффар Тоҳир ибни Фазл, ки ҳукумати ӯро тазкиранависон соли 370 ҳ. қ. навиштаанд, метавон тахмин кард, ки

Мунҷик дар ин давра 30-35 сола бояд бошад, зеро шеъраш бисёр устодона ба назар мерасад.

Ном, куния, насаб ва тахаллуси шоирро бори аввал Муҳаммад Авфӣ дар “Лубоб-ул-албоб” ба гунаи зайл овардааст: “Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ат-Тирмизӣ ал-маъруф ба Мунҷик”. Муҳамммад Авфӣ аз камоли ҳунари ӯ дар сурудани шеър ёд карда, аз мулозимони амирони Чағониён буданаш ва дар “мадеҳи амири фозил Музаффар Абулмузаффар Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Музаффар” қасида гуфтани ӯро таъкид кардааст. Дар “Лубоб-ул-албоб” ҳамчунин сездаҳ байт аз ашъори шоир иқтибос шудааст, ки аз рӯйи сохтори жанрӣ пораҳои боқимондае аз ғазал ва қасида ҳастанд [1, 202].

Дар сарчашмаҳои дигар андешаҳои Муҳаммад Авфӣ, ки дар боло ишора шуд, асосан бо каме тағйир омада, танҳо бархе муҳаққиқон калимаи Мунҷикро шарҳи бештар додаанд [24,12]. Аз ҷумла, муаллифи “Эҳёу-л-мулук” вожаи Мунҷикро номи қаряпе дар шаҳри Тирмиз дониста, шуҳрати Мунҷик ва номи ӯро низ ба ҳамин мавзеъ рабт медиҳад. Ризоқулихони Ҳидоят бо бархӯрдорӣ аз “Эҳё-ул-мулук” менависад: “Мунҷик номи қаряест бар шарқи Тирмиз ва чун ин ҳаким аз он ҷо буда ба ин исм машҳур шуда” [24,12]. Аммо, назари муаллифи тазкираи “Хайр-ул-баён” дар ин маврид каме дигаргуна аст: “Номи ӯ Абулҳасан аст, хуросонист ва ҳоли ӯ аз ашъори ӯ зоҳир аст. Муҳаққақ аст, ки ӯ сиистонист ва Мунҷик мавзеест дар Сиистон” [24,12].

Донишманди эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам ба ин назари муаллифи “Хайр-ул-баён” мухолифат карда, аз ҷумла фарзияи навро пешниҳод мекунад, ки ҷолиб мебошад: “Чи Мунҷик дар оғоз хуросонӣ ва сипас сиистонӣ хонда шуда ва баъд номаш маъхуз аз мавзеъе бад-ин ном дар Сиистон дониста шудааст ва ин таноқуз пазируфтани ин қавлро душвор месозад. Вале эҳтимоли дигаре, ки дар бораи номи вай

вуҷуд дорад, ин аст, ки Мунҷик таркибест аз вожаи “мунҷ” ба маънии занбӯри асал ва пасванди “ик” чунонки худи шоир мегӯяд-

Ҳарчанд ҳақирам, суханам олию ширин,

Оре, асали ширин н-ояд магар аз мунҷ” [24, 12-13].

Аҳмад Идорачии Гелонӣ, ки ашъори шоирони ҳамасри Рӯдакиро ҷамъ карда, дар ин китоб дар робита ба сароғози шеъри форсии тоҷикӣ муқаддимаи муфассале навиштааст, ному куняти ӯро Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ номида, афзудааст, ки ин ном аллома Муҳаммад Қазвиниро “ба шигифтӣ дарандохтааст” [34].

Дар шинохти ном ва асли Мунҷик иштибоҳоте низ сурат гирифтааст. Масалан, аллома Қазвинӣ ҳангоми ёд аз ин шахсият исми Муҳаммад ибни Мунҷак ибни Абубакр ибни Мунҷаки кабир ва ду тани дигар аз хушмандони ҳамон тоифаро зикр карда, сипас навиштааст, ки “...шояд рабте дошта бошад иштиқоқан ин исм бо исми Мунҷики худамон”. Номе, ки Нафисӣ онро ба сурати Мунҷак ва Мунҷик ҳар ду оварда ва “зоҳиран туркӣ” гумон кардааст ва падар ва писареро, ки “...аз туркони дастнишондаи мамолики Миср дар Шом” будаанд, ба ин ном баршумурдааст. Гӯри падар дар ҳамлаи темуриён бад-он шаҳр буда ва қабри писар ҳанӯз ҳам дар Димашқ мебошад. Нафисӣ сипас “миҷишмак”-и забони туркии чиғатойиро “гуфтугӯ кардан” маънӣ карда ва он гоҳ эҳтимол додааст, ки “Мумкин аст ин калима аз ҳамин модда муштақ бошад” [35, 186].

Аз муаллифони сарчашмаҳо, аз ҷумла Ризоқулихони Ҳидоят ва Абдулғанӣ Мирзоев бо такя Мунҷикро қаряе дар шарқи Тирмиз донистаанд. Асадии Тӯсӣ дар “Луғати фурс” нигоштааст, ки “Мунҷак он бувад, ки мушаъбадон (бад-ӯ) қалам ва чизҳо барҷаҳонанд. Мунҷик (Тирмизӣ) гӯяд:

Ба мунҷак ҷаҳондӣ маро аз дарат

Баҳона ниҳодӣ ту бар модарат [35, 186].

Ба мушоҳидаи Аҳмад Идорачии Гелонӣ “Сиҳоҳ-ул-фурс” ҳамин маънии “Луғати фурс” ва шеъри Мунҷикро айнан нақл кардааст. Вале “Бурҳон”, ки “манҷак”-ро бар вазни андак хонда, се маънои дигар ҳам ба маънои ду фарҳанги пеш афзудааст. “Луғатнома” ба нақл аз “Фарҳанги Нафисӣ” ва “Лисон-ул-Аҷам”–и Шуурӣ “мунҷик”-ро “санъати шуъбадабозӣ маънӣ кардааст”. Аҳмад Идорачии Гелонӣ шомили номи Мунҷик нашудани фарҳангҳо ва ба туркии чиғатойӣ нисбат додани он аз ҷониби Нафисиро “тааммулангез” медонад [35, 186].

Алиакбари Деҳхудо аз аввалин луғатшиносонест, ки вожаи “мунҷик”-ро шарҳ дода, сипас маълумоти дақиқи ҷуғрофиёӣ ва шарҳиҳолиро зикр кардааст. Аз ҷумла, ӯ навиштааст, ки: “Номи ин шоир ба замми мим Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ” буда, “аз шоирони бузурги нимаи дувуми қарни чаҳорум аст, ки баъд аз Дақиқӣ дар дарбори Чағониён басар бурда ва модеҳи онон, алалхусус, Амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷи Чағонӣ ва Амир Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Чағонӣ будааст”.

Деҳхудо тавсифотеро дар бораи шеъри Мунҷик оварда, бист байти ғаррои ӯро аз “Таърихи адабиёт дар Эрон”-и Забеҳуллоҳ Сафо иқтибос кардааст [15, 1224]. Маълумоти саҳеҳи Деҳхудо минбаъд ҳама гуна шакку тардидро дар бораи ном, куния, насаб, тахаллус ва ватани Мунҷик аз миён бурд.

Аҳмад Идорачии Гелонӣ қабл аз Алиакбари Деҳхудо ба Тирмизӣ будани ин шоир шак накарда, дар ин маврид чунин мулоҳиза дорад: “Тирмиз ба зери то ва забари мим шаҳре бузург ва маъруф бо боруе ба наздикии Ҷайҳун дар Мовароуннаҳр буд ва бозорҳои оҷурфурӯшӣ

дошт. Дар чунин шаҳре шоири латифтабъ ва нуктапардози мо дар садаи чаҳорум ба суханзанӣ пардохт ва аз он ҷо роҳии дарбори Чағониён шуд. Ба боргоҳи Чағониён, ки роҳ ёфт, замоне буд, ки Дақиқӣ манзил пардохта буд, то ӯ ҷо гарм кунад” [34, 125].

Чунонки ишора шуд, соли таваллуди Мунҷик дақиқ нест. Фақат Аҳмад Идорачии Гелонӣ дар заминаи ишораҳои Мунҷик дар қасидаҳояш ба хулоса омадааст, ки агар шоир ба ҳангоми марги Абдуллоҳи Чағонӣ 20-25 сола бошад, бояд ӯ дар миёни солҳои 315 то 320 ҳ. қ. зода шуда бошад. Аҳмад Идорачии Гелонӣ ситоишгари Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ будани Мунҷикро ба эътибор гирифта, дар ин асос умри дароз дидани ӯро ҳадс мезанад [33, 190].

Дар ташбиби қасидаи “Ломия”, ки Мунҷик дар васфи Фахруддавла сурудааст, низ ба пирии худ ишора мекунад ва мегӯяд:

Маро зи дида гирифт офтоб хоби завол,
Куҷо барояд хайли ситорагони хаёл.
Ба ҷома-барбинишастам, ба ҷой май хӯрдам
Ба ҷоми нола маи доғи дӯст моломол.
Ҳазордастон овоз доду гуфт: Чӣ буд?
Маро зи шох фикандӣ ба нола, беш манол.
Ҷавоб додаму гуфтам: “Туро магар бинакушт,
Қазо ба дасти фироқ-андарун чароғи висол.
Чунон бигирям, гар дӯст бори ман надиҳад,
Ки хора хун шавад андар шаху заранг зугол...[5, 432].

Илова ба ин, Мунҷик байтҳои дигаре низ дорад, ки дар онҳо аз пириаш ёд мекунад. Аз ҷумла дар пораи боқимондаи як шеъраш, ки шояд бозмондаи қасидае бошад, бо сароҳат аз пириаш сухан кардааст:

Эй рухи ту офтобу ғамзаи ту яб,
Кард фироқат маро чу заррин абяб.

Аставу ғомӣ шудам зи дарди ҷудоӣ,

Ҳомию вомӣ шудам зи хастани манзаб.

Ранги рухи ман чу ғамравот шуд аз ғам,

Мӯи сари ман сапед гашт чу маҳраб [5, 414].

Байти зер низ, ки маънии пардохтан ба дунё ва пуштгармӣ ба онро ироа мекунад, ба бузургсолияш талмеҳ мезанад:

Дил бипардоз замонею манеҳ пушт бар ӯ,

Ки падидор шуда девча андар намадо [5, 411].

Дар байти зайл низ аз ранҷҳои пирияш нолида, орзуи марг мекунад:

Ё раб, чаро набурд марг аз мо

Ин солхӯрда золи таносонро [4, 413].

Ба ин тартиб, Мунҷики Тирмизӣ аз шоирони бузурги нимаи дувуми садаи даҳуми мелодӣ буда, дар муҳити адабии Чағониён – дар дарбори амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ ва амир Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ зиста ва эҷод кардааст. Вай дар дарбори умарои Чағонӣ зиста ва ононро мадҳ кардааст. Аз касоне, ки мамдӯҳи вай будаанд, метавон аз амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ ва амир Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ ном бурд.

Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки Мунҷик пас аз инқирози Чағониён дар соли 377 ба дарбори Ғазнавиён мепайвандад. Маҳмуди Мудаббирӣ менависад, ки "Байте низ ба шоҳиди "Булкинҷак" дар фарҳангҳо нақл гардида, ки шоире дар баробари султон Маҳмуд дар ҳаҷви Мунҷик сурудааст. Албатта, номи шоири он байтро Шаҳид забт кардаанд, ки саҳеҳ нест. Ризоқулихони Ҳидоят дар "Маҷмаъ-ул-фусаҳо" ӯро маддоҳи Саффориён медонад, ки нодуруст аст" [31,216].

Ба ин далел, Мунҷик ба мусиқӣ низ дилбастагии зиёд дошта ва афзун ба ин, асбоби мусиқиро менавохтааст. Аз ҷумла, дар

сарчашмаҳо чанг задани ӯ борҳо зикр шудааст ва ҳатто лақаби “Чангзан”-ро дар нисбааш зикр кардаанд. Чунонки таҳиягарони китоби “Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ” навиштаанд: “...ба замми ин чангро низ хуб менавохта ва аз ин сабаб ӯро Мунҷики Чангзан ҳам мегуфтаанд” [35,411].

Шоире, ки ба ширинии сухан, малоҳати гуфтор, балоғати калом, ваҷоҳати баён, ҳусни таркиб, шеваи гуфтор ва нуктапардозӣ машҳур аст ва дар ҳаҷв низ “дасте қавӣ дошт” ва аз захми забонаш он кас, ки меозурдаш амон надошт. Дар ин маврид Сӯзании Самарқандӣ, пас аз қариб 150 сол дар асри XII дар ин саф худро бо ӯ қиёс карда ва ҳатто бартар низ шумурдааст:

Ман он касам, ки чукардам ба ҳаҷв гуфтан рой,
Ҳазор Мунҷик аз пеши ман кам орад пой [33, 184].

Ризокулихони Ҳидоят баъзе хислатҳои шоирро ба гунаи “теззабонӣ, ҳазлойинӣ, тундтабъӣ, забоноварӣ, балеғӣ ва нуктадонӣ” низ ёд кардааст. Чунонки “касе аз тири таънаш нарастӣ ва аз каманди ҳаҷваш начастӣ. Синаи аҳли кинаро ба хаданги ҳиҷо хастӣ ва дасти аҳли замонро ба каманди ҳазл бастӣ” [31, 185].

Мунҷик аз муосирони Бадеъи Балхӣ ва Фаррухӣ буда, муаллифони китобҳои адабӣ суханашро ба шеъри Рӯдакӣ, сабки Фаррухӣ ва Адиб Собирро, бо вуҷуди тафовутҳое ба сухани он ду, шабеҳ донистаанд. Ҳатто шеъри Фаррухиро ба шеъри ӯ монанд кардаанд ва гуфтаанд, ки “баъзе қасидаҳои Манучеҳрӣ таҳти таъсири мустақими шеъри Мунҷик сохта шудааст” [33, 184], то он ҷо ки суханофарине чун Унсурӣ низ бетаъсир аз ӯ набудааст, чунонки “Усмон Мухторӣ ҳам чашмкардаи шеъри Мунҷик гашта буд. Аз мутааххирон низ Муҳаммадалӣ Суруши Исфаҳонӣ, ки Фаррухии садаи сездаҳум ном гирифтааст, аз ӯ пайравӣ кардааст” [33, 186].

Аввалин маъхазе, ки аз Мунҷик ва шеъри ӯ ёд кардааст, “Лубоб-ул- албоб”-и Муҳаммад Авфист. Муаллифи ин тазкира дар бораи миқдори ашъори шоир маълумот надодааст, вале каломи ӯро аз рӯйи ҳақ тавсиф карда, аз ҷумла фармудааст, ки: “Мунҷик аз соҳирони шоирон буд” [1,500]. Авфӣ шеъри Мунҷикро “ғариб” дониста, “алфозе хуб ва маоние бикру ибороте балеғ ва истиороте нодир”-ро аз мухтассоти ҳунарии шеъри ӯ ба қалам овардааст [1,501]. Забеҳуллоҳи Сафо ба ин гуфтаҳои Авфӣ афзудааст: “ҳамаи авсоферо, ки Авфӣ баршумурда, ҳама дар шеъри Мунҷик содиқ аст” [131, 101].

Ба ин далел, шеъри Мунҷик дар садаҳои XI-XII миёни форсигӯён шуҳрат дошта, мавриди истифодаи доираҳои васеи илму адаб қарор доштааст. Тавсифоту алқоби баргузидае, ки муаллифони тазкираҳо ва ҷунгҳо дар ҳаққи ӯ овардаанд, низ далели шоири тавоно ва машҳур будани ӯ мебошад. Мо ду намуна аз ин тавсифҳо, ки хосси тазкираҳо мебошанд, мисол меорем. Авҳадии Балёнӣ дар тазкираи “Арафот-ул-ошиқин” пеш аз он ки абёти шоирро зикр кунад, чанд андешаро роҷеъ ба зиндагиномаи адиб матраҳ менамояд. Аз ҷумла, вақте мехоҳад Мунҷикро муаррифӣ кунад, чунин тавсифотро дар ҳаққи ӯ раво мебинад, ки албатта, ба ҳунари шоирии адиб иртиботи мустақим дорад: “амлаҳ-ул-калом, афсаҳ-ул-аном, устод-уз-замон, нодир-уд-даврон, ашъор-ул-қодир-ул-фозил-ул-комил, афсаҳ-ул-фусаҳо, аблағ-ул-булағо, уъҷубат-ул-аср” [6,3874]. Амин Аҳмад Розӣ дар тазкираи “Ҳафт иқлим” дар хусуси Мунҷик чунин тавсифотро менависад: “дар шоири сиқаи замон ва дар лутфи табъ хулосаи даврон ва қудват-уш-шуарои замони хеш мебошад” [9, 84].

Албатта, Мунҷик шоири баландовоза ва машҳури замони худ буд ва ба ин ашъори боқимондаи шоир далолат мекунад. Вале, чунонки маълум аст, дар тазкираҳои форсӣ дар тавсифи шоирон санъати иғроқро гоҳе ба ифрот мерасонанд ва ба ҳар шоир сифатҳои будаву

набударо мечаспонанд, ки ба ҳақиқат будани ин гуна суханҳо шубҳа ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла, дар мавриди Мунҷик низ ҳамин ақида мустасно нест.

Мувофиқи ахбори Носири Хусрав ба мо маълум аст, ки Мунҷик соҳиби девон будааст. Чунонки ӯ дар "Сафарнома" менависад, ки ахбори ӯ аз ҳайси адабӣ арзиши бисёр вижа дорад: "...ва дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъри нек мегуфт, аммо забони форсӣ некӯ намедонист. Пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биовард ва пеши ман бихонд ва ҳар маъние, ки ӯро мушкил буд, аз ман бипурсид. Бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман бихонд" [28, 185].

Мутаассифона, девони комили ин шоири "шеъри ғариб ва алфози хубу маонии бикр" дар шакли комил то ба имрӯз нарасидааст. Бинобар ин, ашъори Мунҷик асосан аз баёзу ҷунг ва тазкираҳо ҷамъоварӣ шудааст.

Дар ин авохир донишманди эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам аз тамоми манобеи дастрас ашъори парокандаи Мунҷикро гирдоварӣ карда, китобе таҳти унвони "Мунҷики Тирмизӣ. Девон. Ашъори пароканда"-ро дар Эрон чоп кардааст, ки дар айни ҳол ҷомеътарин осори шоирро ташкил медиҳад.

Бар асоси таҳқиқоти ин донишманд ашъори то замони мо расидаи Мунҷикро аз тазкираҳову ҷунгҳо ва кутуби луғат гирд оварда ба чоп расонидааст, ки дар маҷмуъ 436 байт буда, 20 байти он мансуб ба Мунҷик ва аз намунаҳои қаблан аз ҷониби Маҳмуди Мудаббирӣ нашршуда 110 байт беш аст.

Мазияти ин китоб дар он аст, ки Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар асосии баррасии китобҳои қадиму ҷадид 110 байти нави Мунҷикро дарёфта, дар ин китоб афзудааст. Ногуфта намонад, ки пеш аз ӯ доктор Алиашраф Содиқӣ дар мақолае бо номи "Ашъори тозае аз

Мунҷики Тирмизӣ” 25 байти нави шоирро дарёфта, ки дар китоби “Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ”-и Маҳмуди Мудаббирӣ наомадааст, барои шинохти бештари осори ин шоир аҳаммияти фавқулода адабӣ дорад.

Яке аз мазиятҳои дигари таҳқиқи Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар он аст, ки тамоми манобеъи дастрасро, чи қадим ва чи муосир, дар онҳо ашъори парокандаи Мунҷик сабт шудаанд, дарёфта, бо ҳам муқоиса карда, аслу фаръи онро муайян сохта, муҳимтар аз ҳама, нусхаи муътамад ва интиқодиро таҳия карда, чоп кардааст. Бар асоси таҳқиқоти ӯ, мо чанд нуктаи умдаро, ки дар шинохти ашъори бозмондаи Мунҷик аҳаммияти илмӣ ва адабӣ дорад, ин ҷо ба тариқи иҷмолӣ аз назар мегузаронем.

Таҳқиқи Эҳсон Шаворибии Муқаддам “Шарҳи аҳволу ашъори Мунҷики Тирмизӣ” ном дошта, як қисми асосии он ба манобеи он бахшида шудааст. Ин донишманд манобеи осори бозмондаи Мунҷикро ба 6 бахш тақсим кардааст, ки аз ҷиҳати нусхашиносӣ ва баррасии дарёфти абёт бисёр муҳим ва арзишманд мебошад.

Мо он нуктаҳое, ки ҳам аз ҳайси илмӣ ва ҳам аз лиҳози адабӣ муҳимманд, вале Эҳсон Шаворибии Муқаддам ба онҳо ишора накардааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Сарчашмаҳое, ки ашъори Мунҷик дар онҳо ба таври пароканда омадаанд, чунонки ишора шуд, ба 6 бахш тақсим гардидааст: 1) тазкираҳо, 2) ҷунгҳо, 3) кутуби балоғӣ, 4) фарҳангҳо, 5) соири манобеи қадим ва 6) манобеи мутаохир.

Дар бахши аввал, муҳаққиқ панҷ тазкираи муътабари шеъру адаби форсӣ, аз қабили “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфӣ, “Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин”-и Тақиюддин Авҳадии Балёнӣ, “Ҳафт иқлим”-и Амин Аҳмади Розӣ , “Хайр-ул-баён”-и Шоҳҳусайн Сиистонӣ ва “Маҷмаъ-ул-фусаҳо”-и Ризоқулихони

Ҳидоят зикр кардааст, ки қадимтарин ва муҳимтарини он тазкираи “Лубоб-ул-албоб” мебошад.

Ин тазкира, чунонки ишора рафт, нахустин маъхази дастраси хаттӣ дар бораи аҳволу ашъори Мунҷик буда, дар он 12 байт аз ашъори шоир зикр шуда, ӯро чун шоири ҳамасри Рӯдакӣ ба аҳли адаб пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, ин абёт дар бораи ҷашни Меҳргон, ки Мунҷик ба ҳуллаи шеър ороиш дода, аз намунаи қадимтарин ашъорест, ки дар хусуси идҳои бостонии миллати тоҷик маълумот медиҳад:

Худойгоно! Фархунда Меҳргон омад,
Зи боғ гашт ба таҳвили офтоб аҳвол.
Куҷост он ки падараш оҳан асту модар санг,
Адувви уду абиру ҷазои куфру залол.
Сарои парда суҳбат кашида себу турунҷ,
Ба табл риҳлат бар заду гулу бунафша дувол.
Бигӯ то бифурӯзанду бар фарозонанд,
Бад-ӯ бисӯзон дайро саҳифаи аъмол.
Ба табъ чун ҷигари ошиқон тапандаю гарм,
Ба ранг чун алами Ковиёни хуҷаста ба фол [1, 501].

Дар қисмати дувум муҳаққиқ роҷеъ ба 9 ҷунг маълумот медиҳад, ки дар масъалаи гирдоварии ашъори Мунҷик ғолибан сарчашмаҳои нав ба ҳисоб меравaнд. Баъзе аз ин ҷунгҳо ном дошта, боқимондааш рақамгузорӣ шудаанд. Ин ҷунгҳоро чунин дастабандӣ кардааст: «Ҷунги Искандар Мирзо Темурӣ, Ҷунги 2449-и Китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон, Ҷунги 2446-и Китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон, Ҷунги 53 д.-и Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон, Ҷунги 5496-и Китобхонаи Марказии Донишгоҳи Теҳрон, Ҷунги 243-и Китобхонаи Маҷлиси Сено ва Ҷунги 166-и Маркази эҳёи мероси исломӣ.

Аз миёни ин баёзҳои шеър 5 ҷунг, аз лиҳози санаи таълиф ва китобат ва нусхашиносӣ аҳаммияти вижаи таърихӣ доранд. Зеро онҳо дар замони зиндагии муаллиф нусхабардорӣ шудаанд. Бинобар ин, аз ҳайси шинохти ашъори аслии Мунҷик муҳим буда, аз ҷумлаи нусхаҳои хаттии муътамад ва муътабар метавон шинохт.

1) Ҷунги Искандар Мирзо Темурӣ. Ин ҷунг, -менависад Э. Ш. Муқаддам, - аз ҷунгҳои муътабар ва куҳани форсӣ буда, дар музеи Британия (Лондон) нигаҳдорӣ мешавад. Санаи китобаташ 813-814 ҳ.қ. аст. Дар ин ҷунг ду байти Мунҷик сабт шудааст.

2) Ҷунги 2449-и Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон аз ҷумлаи баёзҳои хаттии қадим ва муътабари форсӣ буда, бозмонда аз асрҳои VII ва VIII аст, ки ба рӯи коғази самарқандӣ навишта шудааст. Дар он матни нисбатан комили қасидаи «Ломия» сабт гардидааст.

3) Ҷунги 2446-и Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Ин баёз ба садаи XI ҳ. қ. муталлиқ буда, ҳудуди 15000 байт аз ашъори 657 шоири садаҳои IV то XI –ро дар худ ҷой додааст.

4) Ҷунги 53 д.-и Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон. Ин ҷунг ба эҳтимоли қавӣ дар садаҳои XI – XII ҳ.қ. китобат шуда, дар саҳифаи 342 он таърихи 1168 ҳ. қ. сабт гардидааст.

Ин нусха яке аз сарчашмаҳои бисёр муфид барои ашъори Мунҷик маҳсуб мешавад ва теъдоди зиёде аз қасоиди Мунҷикро дар худ ҷой додааст. Инчунин абёти мунҳасир ба фарди зиёде аз Мунҷик дар ин ҷунг ба мушоҳида мерасад. Эҳсон Шаворибии Муқаддам ҳадс мезанад, ки ин баёз «эҳтимолан ҳамон сафинаест, ки марҳум Саид Нафисӣ дар тасҳеҳаш аз қасидаи «Ломия» дар таълиқоти «Лубоб-ул-албоб» аз он бахра бурда ва дар чанд ҷо дар китоби «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» низ аз он ёд кардааст.

Нуктаи ҷолиб он даст, ки дар он 15 байт аз қасидаи Бадеъи Балхӣ ба матлаи:

Ҳаво рӯи заминро шуд мутарриз,

Ба софӣ оби дарё, най ба қирмиз

Ва ин ду байт аз мусамматоти Манучеҳрӣ:

Омада бонги хурӯс муъзини майхорагон,

Субҳи нахустин намуд рӯй ба наззорагон.

Куҳ ба китиф барфиканд чодари бозоргон,

Рӯй ба машриқ ниҳод хусрави сайёрагон -

ба иштибоҳ ба номи Мунҷик сабт шудааст.

Ҷунги 5496-и Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Бино ба маълумоти Э. Ш. Муқаддам аз ин нусха ба эҳтимоли қавӣ Ризоқулихони Ҳидоят истифода бурда, ба ин далел, ки дар шабоҳати зиёд бо «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ба назар мерасад. Дар ин ҷунг ашъори Рашиди Ватвот, Ломеӣ, Амъақи Бухороӣ, Абӯҳанифа Искофии Марвазӣ. Абулъалои Ганҷавӣ, Абулҳасани Наҳҳос ва Мунҷик сабт шудааст.

Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар радифи ин ҷунгҳо ду баёзи дигарро бо номҳои «Сафинаи Соиб» ва «Сафинаи Хушгӯ» ҳамчун манобеи осори дастраси Мунҷик истифода кардааст.

Дар бахши дувум китобҳои муътабари фанни бадеъи форсии тоҷикӣ, ба мисли «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад Умари Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър»-и Рашидуддини Ватвот, «Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Бароҳин-ул-Аҷам»-и Муҳаммадтақӣ Сипеҳри Кошониро ҳамчун сарчашма ба кор бурда, ки дар онҳо намунаҳои ашъори Мунҷик зимни таърифи санъатҳои бадеъӣ ҳамчун мисол оварда шудаанд.

Барои намуна, мо дар инҷо фақат «Тарҷумон-ул-балоға»-ро, ки куҳантарин китоби дастраси фанни бадеъ аст, аз назар мегузаронем.

Ду байти Мунҷик дар нахустин санъати китоби «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ дар радифи ашъори Рӯдакӣ, Унсурӣ, Мусъабӣ,

Зайнабӣ ва Қамарӣ зимни таърифи ороям тарсеъ омадааст. Байти аввал:

Нагзошт чу ту ҳеч разм Рустам,

Н-орост чу ту ҳеч базм Доро [24,21].

Дар байти мазкур вожаҳои «разм» ва «базм» ба вазифаи санъати тарсеъ омадаанд.

Байти дуюм:

Ба рӯй шамъ фурӯзӣ маро ба гирди сарой,

Ба мӯй анбар сӯзӣ зи фарқ то ба қадам [24,21].

Дар ин байт калимаҳои «мӯй»-«рӯй» ва «фурӯзӣ»- «сӯзӣ» тарсеъ мебошанд.

Дар фасли «Фӣ-т-тарсеъ ва-т-таҷнис» низ як байти Мунҷикро, ки дар сифати асб аст, шоҳид оварда:

Тур аст ба навбат – андарун заррин,

Тайр аст ба заҳмат – андарун паррон [24,22].

Ин байти Мунҷик дар сифати асб буда, Родуёнӣ дар зимни ин байт чунин навишта, ки ба мухтассоти ҳунари шоирии ӯ таъкид меварзад: «Он сифат ва лафзу маънӣ нағзтар бувад ва ба гӯши дил андар ояндатар, ки аз айбу такаллуф холӣ бувад» [18, 22].

Аз ин зовия, рисолаи «Тарҷумон-ул-балоға» ва дигар китобҳои фанни бадеъ аз сарчашмаҳои муътамади ашъори Мунҷик ба ҳисоб мераванд.

Бахши муҳимми сарчашмаҳо, бешубҳа, луғату фарҳангҳо ба ҳисоб мераванд, ба ин далел, ки дар онҳо зимни шарҳу басти моддаи калимот ҳамчун шоҳид байте оварда мешавад. Аз ҷумла, луғатнависону фарҳангнигорони форсӣ аз ашъори Мунҷик ба таври зарурӣ истифода бурдаанд ва маҳз тавассути онҳо бархе намунаҳои ашъори Мунҷик дарёфт ва то замони мо омада расидаанд.

Эҳсон Шаворибии Муқаддам бо ковишу ҷусторҳои зиёд аз ин бахши муҳимм 13 фарҳангро ҳамчун сарчашмаи осори бозмондаи шоири мавриди таҳқиқи мо зикр мекунад, ки қадимтарини он “Луғати фурс”-и Асадии Тӯсӣ мебошад. Ба ҷуз ин, аз “Сиҳоҳ-ул-фурс”-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Фахруддин Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, “Фарҳанги Қаввос”–и Фахруддин Муборакшоҳ Қаввоси Ғазнавӣ, “Фарҳанги форсӣ”–и мударрисаи Сипаҳсолор мансуб ба Қатрон, “Фарҳанги хаттии ношинос”. “Нусхаи Туҳфат-ул-аҳбоб”-и Ҳофиз Султон ал-Ӯбаҳии Ҳиравӣ, “Фарҳанги Вафоӣ”-и Ҳусайни Вафоӣ, “Фарҳанги хатти 1392”-и китобхонаи ҷомеъи Гавҳаршоҳ, “Маҷмуат-ул-форс”-и Абулъало Абдулмуъмини Ҷорутӣ, “Аҷоиб-ул-луғат”(муаллифаш номаълум), “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”-и Мирҷамолуддин Ҳусайн ибни Фахруддин Ҳасан Инҷуи Шерозӣ, “Маҷмаъ-ул-фурс» ё “Фарҳанги Сурурӣ” -и Муҳаммадқосим ибни Муҳаммад Сурурии Кошонӣ, “Фарҳанги Рашидӣ”-и Абдуррашид ибни Абдулғафур Таттавӣ, “Фарҳанги хаттии 4799” (муаллифаш номаълум), “Лисон-ул-Аҷам”-и Шуурӣ, “Фарҳанги Онандроҷ”-и Муҳаммад Подшоҳ мутахаллис ба Шод ва “Луғатнома”-и Алиакбари Деҳхудо абёти Мунҷикро ҷустуҷӯ ва дарёфт намудааст.

Барои намуна, мо аз куҳантарин фарҳанги форсии “Луғати фурс”, ки сарчашмаи муътабар мебошад, чанд намуна аз ашъори Мунҷик мисол меоварем.

Зимни шарҳи калимаи “варо”, ки Асадӣ онро мухаффафи “вайро” гуфта, ин байти Мунҷик омада:

Надонад мушаъбид, варо банд чун,

Надонад муҳандис, варо давр чанд [2, 52-53].

Байти зерро дар моддаи «рубо» зикр кард:

Миёни наргисистон дар сиришти ҷонрубо дорад,

Сиришки ҷонрубо дидӣ миёни наргисистон – дар [2, 53].

«Ғулба»-ро Асадӣ ба маънии «калоғпеса» оварда ва зимни шарҳи он ин байти Мунҷикро ҳамчун мисол зикр карда:

Зоғи сияҳ будам, якчанд, нун.

Боз чунон ғулба шудастам дуранг- дар [2,69].

Асадӣ вожаи «мунҷ» ба маънии «нахли ангубин» шарҳ баста ва байти зери Мунҷикро мисол оварда:

Ҳарчанд ҳақирам, суханам олию ширин,

Оре, асали ширин н-ояд. Магар аз мунҷ [2, 96].

«Фанҷ» - ғур ва даббахоя бувад. Мунҷик гуфт:

Аҷаб ояд маро зи ту, ки ҳаме,

Чун кашӣ он калон, ду хояи фанҷ» [2, 97].

Дар «Фарҳанги Қаввос» низ намунаҳои зиёди шеъри Мунҷик зикр шудаанд, ки чанде онҳоро бо вожаҳои нодир меоварем, ки аз лиҳози адабӣ муҳим мебошад.

«Дастина – тавқеъ бувад. Мунҷик гуфтааст:

Кӣ кунад кор бар он хатти ту, рав, пок бизӣ,

Дар к… зан-т сазад он хату он дастина [10, 37].

Ё:

«Хора- санги сахтро гӯянд: Мунҷик гӯяд:

Чунон бигирям, гар ёр бори ман надиҳад,

Ки хора хун шавад аз дарди гиря андар шах» [10, 57].

Ва:

«Кинғола- номи кӯҳест дар Хуросон. Мунҷик гӯяд:

Аз жола пӯш буд кӯҳи Кинғола,

В-он нола занад в-ин хоро машкан (?)[10, 57].

Ё ки:

«Саморуғ – рустаниест, ки тухм надорад. Аз замини афин бароядб монанди чатрест, ки салотин боз кашанд. Мунҷик гӯяд:

Ёд надорӣ, ки бахри баҳорӣ ҷаддат,

Ту бара бардошта зи бахри саморуғ» [10, 60].

Фарҳанги «Туҳфат-ул-аҳбоб» яке аз луғатҳои қадимаи забони форсии тоҷикист, ки дар охири асри XV ва аввали асри XVI дар Осиёи Миёна таълиф шудаст. Аз ҷумлаи бартариҳои ин фарҳангнома дар он аст, ки тақлибан 2600 моддаи луғати нодир ва камистеъмоли ашъори шоирони садаҳои X-XI-ро бо шавоҳид шарҳу эзоҳ медиҳад.

Бештари вожагони ашъори бозмондаи Мунҷик ҳоло ба сафи луғатҳои нодир ва камистеъмол дохил мешаванд ва маънии онҳо бидуни луғат ба хонанда ноошност, мисол меоварем.

«Дашна – ханҷар бувад. Шеър

Абулмузаффаршоҳи чағониён, ки бурид,

Ба тездашнаи озодагӣ гулӯи суол»[34] [26, 56].

Эҳсон Шаворибии Муқаддам китобҳои «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав, «Девон»-и Анварӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаъолӣ Насруллоҳи Муншӣ ва «Эҳё-ул-мулук»-и Шоҳҳусайн ибни Ғиёсуддин Муҳаммад ибни Шоҳмаҳмуди Сиистониро аз ҷумлаи манобеи қадими ашъори бозмондаи Мунҷик медонад. Дар боло ишора рафт, Носири Хусрав соҳиби девон будани Мунҷикро нахустин маротиба дар «Сафарнома» ишора карда, вале чунонки маълум мешавад дар ин асари насрии худ ду байти Мунҷикро бидуни ном овардааст.

Дар «Девон»-и Анварӣ се байти Мунҷик ба номи ӯ омада ва дар «Калила ва Димна» низ як байт бидуни номи шоир зикр шудааст.

Осори боқимондаи шоир дар анвои гуногуни шеъри форсии тоҷикӣ, аз ҷумла қасида, ғазал, муқаттаъот ва абёти муфрад иборат мебошад.

Аз ашъори ин шоири бозавқ ҳамагӣ 436 байт ва 20 байти мансуб ба ӯ боқӣ мондааст, ки аз як қасидаи баланди “Ломия” (44 байт) дар

[34] Ин байт дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба ин гуна сабт шуда:
Абулмузаффар, шоҳи ҷаҳон куҷо бибурид,
Ба тез дашнаи озодагӣ гулӯи суол (с. 433).

мадҳи Абулмузаффар Аҳмади Чағонӣ, даҳ қасидаи нокомил, ду қасидаи дувоздаҳбайтӣ, ки яке аз он ду дар мадҳи Абдуллоҳ номе гуфта шуда, иборат мебошад. Ду қасидаи ёздаҳбайтӣ, ки яке аз он дар мадҳи Абулмузаффар Аҳмад аст; як қасидаи нуҳбайтӣ дар мадҳи Тоҳири Чағонӣ ва севумӣ танҳо як тағаззул ва ниҳоят як тағаззул аз як қасида дар ҳафт байт аст. Боқии ашъор пораҳои боқимонда аз қасоид, муқаттаъот ва абёти муфрад буда, шакли комили онҳо аз байн рафтааст.

Дар миёни осори боқимондаи шоир абёти парокандае дар шакли ду мисраъ низ боқӣ мондаанд, ки баъзеи онҳо қофияи чуфт дошта, шояд боқимондае аз маснавӣ бошанд, баъзеи дигар қофияи чуфт надоранд ва шояд бозмондаи қитъае, ғазале ва ё қасидае бошанд. Ҳамчунин Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар девони тозанашри шоир 20 байт аз абёти мансуб ба Мунҷикро ба таври алоҳида зикр кардааст [24, 102-105].

Сабки шеъри Мунҷики Тирмизӣ ба равиши шоироне мисли Рӯдакию Хусравонӣ ва Фаррухӣ буда, вале дар сохтору муҳтаво дорои мухтассоти ҳунарии мунҳасир ба фард аст. Муҳаққиқон табъи ӯро “ба латофати бомдодони баҳорӣ”, шеърҳояшро “ба зулоли ашки гулҳо шабеҳ” карда, сабкашро дар муқоиса бо сухангустарони бузурги адаби форсии тоҷикӣ беназир шинохтаанд. Худаш низ ҷойгоҳи ҳунариашро дар байте мушаххас сохта гуфтааст:

Эй он ки зи тоҷи ту битобад Маҳу Зуҳра,
То кай бувад ин мискин Мунҷик ба ҳуҷра.

Дар байтҳои дигар ба маҳорат ва равиши шеъраш ишора ва аз ҳунараш дифоъ карда гуфтааст:

Ман зи ҳиҷои ту бозгашт нахоҳам,
То-т фалак ҷону хоста накунад луғ.

***

Қалами ман-т ҳиҷо карду ман огоҳ наям,
Зи даҳан берун кардам ба сари корд забон-ш.

***

Аз Одам-андарун зи таборат касе намонд
К-ӯро ҳиҷо накардааст, Мунҷик ном-ном.

***

Эй хоҷа мар маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту баркардам озмун.

***

Ҳар кӣ туро ҳаҷв гуфту ҳаҷв туро хонд,
Рӯзи шаҳодат забони ӯ нашавад гунг [33, 216].

Дар ин фасл кӯшиш карда шуд, ки дар асоси сарчашмаҳои қадим, луғатномаҳо ва таҳқиқоти дар зимн мавҷуда ном, куния, ҷои таваллуд, мақоми шоирии Мунҷики Тирмизӣ дар муҳити адабии Чағониён мавриди баррасӣ қарор гирифта, то ҷое ҳамаи назарҳо ҷамъбаст гардид.

## II. 2. Тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик

Дар шеъри давраи мавриди таҳқиқ Мунҷик чеҳраи хоси ҳунарӣ дошта, дар заминаи мероси боқимондаи ӯ шинохт ва арзёбии ҷанбаҳои бадеӣ ва тарзи нигориши ӯ муҳим ба назар мерасад. Ба ин далел, дар ин фасл таҳқиқ ва баррасии усули тасвиргарӣ ва равишҳои зебоишинохтии таҷрибаи шеърии Мунҷик мавриди таваҷҷуҳи мо қарор хоҳад дошт.

Донишманди машҳури эронӣ Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ Мунҷикро "дар сувари хаёл намояндаи навъе таҳаввул дар шеъри форсӣ" [78, 434] дониста, сипас меафзояд: "Бегумон шуҳрати девони ӯ дар қарни панҷум, ки Носири Хусрав аз он сухан мегӯяд, ба сабаби ҳамин тарзи баёни хос ва тозагии услуби сухансароии ӯ будааст" [78, 434]. Ин донишманд бидуни тардид Мунҷикро пешвои сабке донистааст, ки "Абулфараҷи Рунӣ ва то ҳадде Масъуди Саъд бад-он рӯй овардаанд ва Анварӣ ҳамин шеваи адои маонӣ ва тарзи овардани истиораҳоро дар девони Абулфараҷ дидааст" [78, 435]. Ба андешаи ӯ, дар асри Анварӣ ҷиҳати аслии шеър ва сувари хаёли шоирона ҳамон ҷиҳати хосе будааст, ки дар қарни чаҳорум бо Мунҷик оғоз шудааст.

Дар ҳақиқат, Мунҷики Тирмизӣ дар асри хеш чеҳраи тозаи ҳунари шоирӣ буда, бегумон Муҳаммад Авфӣ ӯро "аз соҳирони шоирон" наномидааст. Дар ин арзёбӣ, пеш аз ҳама, навии шеър, хубии алфоз, маонии бикр, ибороти балеғ ва истиороти нодири шеъри Мунҷик мавриди таваҷҷуҳи Авфӣ будааст. Авфӣ бо таъбирҳои "шеъри ғариб" ва "истиороти нодир" ба услуби шеърии Мунҷик низ ишораи сареҳ доштааст.

Аз назари адабӣ шеъри Мунҷик ба лиҳози ташбеҳ, махсусан ташбеҳи тафсилӣ бисёр қавӣ буда, тасвирҳои ҳиссӣ ва таҷрибаҳои мустақими шеърӣ сабки ӯро такмил бахшидаанд. Ташбеҳоти асили

шеъри шоир ҳосили нигоҳ ва диққати худи шоир ба табиат ва ашё буда, корбурди огоҳона ва ҳунармандонаи истиора низ ҷанбаи ҳунарии шеърашро такмил бахшидааст. Мунҷик шоирест, ки саноеъи бадеъиро дар ҳадди эътидол кор фармуда, аксаран аз саноеъи бадеъии лафзӣ истифода кардааст. Вай ба саноеъи бадеъии маънавӣ, масалан анвоъи иҳом ё ҳусни таълил ё иғроқ чандон таваҷҷуҳ надоштааст.

Шафеъии Кадканӣ дар шеъри Мунҷик бештар истиораҳои заволи "офтоби хоб" (Маро зи дида гирифт офтоби хоб завол-афзудаи мо) аз чашми ошиқ, тобиши "хайли ситорагони хаёл" (Куҷо бараояд хайли ситорагони хаёл - афзудаи мо) ва моломолии "ҷоми нола" аз "майи доғи дӯст"-(Ба ҷоми нола майи доғи дӯст моломол-афзудаи мо)-ро ба мушоҳида гирифта, бо "дасти фироқ" куштани "чароғи висол" (Қазо ба дасти фироқ-андарун чароғи висол-афзудаи мо)-ро "тарози малоҳат" бар нақши "остини ҷамол" (Ҳама тирози малоҳат бар остини ҷамол-афзудаи мо) таъбир карда, меафзояд, ки: "Ин гуна истиораҳо ҳам аз назари кӯтоҳ шудани фурми тасвир ва ҳам аз назари қарор додани аносири интизоъӣ ва таҷридӣ дар канори умури моддӣ ва ҳиссӣ аз тозагии бисёр бархурдор аст ва чунонки мебинем дар тамоми онҳо як сӯйи тасвир амре интизоъӣ аст" [78, 436].

Дар заминаи чанд таркиби истиорӣ ва мисолҳое, ки оварда шуд, метавон гуфт, ки таносубе, ки Мунҷик миёни ҷузъҳои ин гуна тасвирҳо риоят кардааст, ҷанбаи қавии ҳунарӣ ва зебоии шоиронаи хосе дошта, ки дар давраҳои баъд низ, ба мушоҳидаи Шафеъии Кадканӣ, "дар камтар шоире монанди онҳоро метавон ёфт" [78, 432].

Дар мисоли таркибҳои истиории дар фавқ овардашуда метавон афзуд, ки Мунҷик дар ҳамин гуна истиораҳо аз навъи ташхиси ашё низ истифода карда, саҳнаи ҷангро лаҳзае донистааст, ки "Аждаҳои қаттол фарохгом бармедорад". Дар ин гуна тасвирҳо зеҳни шоир дар аносири беҷони табиат тасарруф пайдо карда, зери таъсири неруи

хаёли худ ба онҳо ҳаракат ва ҷунбиш мебахшад. Вақте ки дар ҳамин ҳолат аз даричаи чашми ӯ ба табиат ва ашё менигарем, ҳама чиз дар пеши чашми мо аз зиндагӣ, ҳаракат ва ҳаёт пуропур мешавад.

Нишонаҳои ин тарзи тасвири Мунҷик дар гӯиши мардуми одӣ низ ба мушоҳида мерасад. Аммо дар тинати Мунҷик ин истеъдод марз ва ҳадди хосе дорад. Мо медонем, ки бисёре аз шоирон табиатро васф мекунанд, аммо кам касоне мисли Мунҷик тавонистаанд, ки ин васфро бо ҳаракат ва ҳаёт ҳамроҳ карда бошанд. Ба ифодаи дақиқтар, табиат, ки худ гунг аст, Мунҷик онро дар шеърҳои ба васфи табиат бахшидааш ба забони ҳол овардааст.

Ҷустуҷӯи аносири табиат дар шеъри Мунҷик нишон медиҳад, ки диди шоир бештар диди табиӣ буда, вай на фақат дар васфи табиат, балки дар заминаҳои дигар низ таваҷҷуҳаш ба табиат ва аносири он имтиёз дорад. Мунҷик дар ҳар равише дар васфи табиат шеър гуфта бошад, заминаи маънавӣ дар ин гуна шеърҳои ӯ афзалият дорад. Дигар имтиёзи ҳунарии ӯро дар сурудани ин гуна шеър сода ва зинда будани шеъраш муайян менамояд.

Дар таҷрибаи шеърии Мунҷик ду навъи тасвири табиат ба мушоҳида мерасад: яке ашъоре, ки тасвири табиат бо тасвирҳои дигар омехтааст; дигар, шеърҳое, ки комилан дар васфи табиат бахшида шуда, дар байте ба ҳадафи маънавии он ишора шудааст. Чунонки ишора шуд, Мунҷик ҳангоми тасвири инсон ва васфи табиат миёни онҳо пайванди ошкоро дарк ва ироа кардааст, ки қитъаи зайл намунаи он мебошад:

Неку гули дурангро нигаҳ кун,
Дурр аст ба зер ақиқи сода.
Ё ошиқу маъшуқ рӯзи хилват
Рухсора ба рухсора барниҳода [4, 443].

Дар ин қитъа ашёи тасвир (гули дуранг) фақат дар мисраи аввали шеър зикр шудааст. Шоир дар мисраъҳои баъдӣ ашё ё ҳолатҳои ба он шабеҳро ном мебарад. Дар байтҳои боло се ташбеҳ истифода шудаанд: дар ташбеҳи аввал шоир гулро ба дурр монанд кардааст, яъне аз ду ранги гул яке сафед; дар ташбеҳи баъдӣ ранги гул ақиқ буда, ба санги гаронқадри ақиқ ишора мекунад.

Дар асоси калимоти ташбеҳкунанда (дурр-сафед, ақиқ-сурх) равшан мешавад, ки гули сурх ранги сурху сафед доштааст. Ташбеҳҳои аввалу охири шоир, ки зикр шуд, танҳо ба ранги гул алоқа доранд ва шоир монандкуниро қатъ накарда идома додааст. Дар ташбеҳи баъдӣ шоир гули дурангро ба рухсори ошиқу маъшуқ, ки рӯ ба рӯи ҳам ҳастанд, монанд кардааст. Ба ҳам расидани гулҳои дурангро ба лаҳзаи бӯсуканори дилдодагон ташбеҳ додааст, ки ҳолнамои ҳардуянд.

Дар ҳақиқат, таносубе, ки шоир миёни ҷузвҳои ин гуна тасвирҳо риоят кардааст, ҷанбаи қавии ҳунарӣ ва зебоишинохтӣ дошта, ба камтар шоире даст додааст. Дар хаёли Мунҷики ҳунарманд мамдуҳ бо “дашнаи озодагӣ” “гулӯи суол”-ро мебурад ва вақте “абри шуҷоат”-и ӯ меборад “гули омол”-аш мешукуфад. Дар ин истиораҳо шоир аз ташхиси ашё низ кор гирифтааст, ки гувоҳи ҳунармандии ӯст.

Бисёре аз шеърҳои Мунҷик аз аносири табиат ва маонии ҷудогона ба ҳам омадаанд. Ин ҷанбаи густариши аносири табиат дар шеъри Мунҷик ва баъзе шоирони муосири ӯ, аз ҷумла Фаррухӣ равиши хоси ҳунариро ташкил дода, бахусус дар жанри қасида таҳаввул ёфтааст. Ин гуна шеърҳои Мунҷик низ, ки то мо расидаанд, шояд порае аз қасоиди аз байн рафтаи ӯянд. Пораи зер аз навъи ҳамин гуна тасвир аст, ки Мунҷик бо камоли ҳунар анҷом додааст:

Чи дурр аст он ба зери лаълу шаккар,
Чи моҳ аст он ба зери меғи анбар.

Чи сарв аст ин ки паймояд заминро,
Нишонад бар замин меҳроби анвар.
Ба ҳангоми камар бастан ту гӯӣ
Ҳаме бар оби Замзам бандад озар.
Ҳама шаб дидаам з-осеби ҳаҷраш
Ба сони акҳал аз осеби наштар.
Ба дӯшу гардани дӯшиза монад
Ба боғ-андар зи гулҳо шохпар-бар.
Ба нофи оҳуи Хархез монад
Насими ёсамину варди аҳмар.
Бад-он монад ҳаме саҳро, ки гӯӣ
Бигустарданд товусон бар ӯ пар.
Ба зери Борбад монад ба дастон
Ҳаме минқори мурғони навогар.
Ту гӯӣ ҳар куҷо ҳури биҳишт аст,
Ба дасти ҳар як аз ёқут чодар.
Забони абр бар гулҳои саҳро
Забони хоҷа гашт аз бори гавҳар.
Муборак хоҷае, к-аз шукр доим
Ниҳода бар сари олош афсар.
Миёни мавҷи дарёи бахилӣ
Кафаш киштӣ, сахои ӯ чу лангар [4, 424].

Дар ашъори ба васфи табиат бахшидаи Мунҷик тавсифҳои мавзуӣ, аз ҷумла "фархунда Меҳргон" мақоми хос дошта, шоир ба ин васила тавонистааст, ки ранги табиат ва заминаи аносири табииро равшан ва пурмаъниву ҷаззоб баён намояд. Пораи зер намунаи чунин тасвиркориҳои шоир аст:

Худойгоно, фархунда Меҳргон омад,
Зи боғ гашт ба таҳвили офтоб аҳвол.

Саропардаи суҳбат кашид себу турунҷ,
Ба табли реҳлат барзад гулу бунафша давол.
Ба сони моҳии заррин кунун фурӯ резад,
Зи бед барг ба як зилзила бар оби зулол [4, 434].

Дар заминаи чунин тасвиркориҳои Мунҷик метавон мушоҳидаи дигарро низ баён кард. Ашёи табиӣ дар таҷрибаи шоирии Мунҷик ироаи як тасвири намодин ва рамзӣ низ ҳаст. Дар ин замина шоир падидаҳои табиии монанди кӯҳ, сарв, баҳор, меғ, анбар, замин, Замзам, ёсамин, товусон, мурғон, гул, офтоб, бунафша, себ, турунҷ, моҳӣ, бед, барг, оби зулол, санг, булбул, зоғ, симурғ, пил, хуршед ва ғайраро кор мегирад, то ба мафҳуми номаҳсусе, ки дар зеҳн дорад, таҷассуми маънавию бадеӣ бахшад ва онро маҳсус ва қобили дарки хонанда созад.

Табиат беҳтарин манобеъро барои намодпардозӣ дар ихтиёри шоир гузошта, шоир онро ба шайъи адабӣ табдил додааст, ки на ба ҳар шоири табиатпардоз даст медиҳад. Он падидаҳои табиии дар боло зикршуда, аз ҷумла, кӯҳ як падидаи табиист, вале дар тарзи тасвири Мунҷик кӯҳ ба падидаи адабӣ бадал гашта, аз моҳияти табиии ҷуғрофиёии худ фаротар рафтааст ва ба қуллаи шеърӣ дар ҷуғрофиёи таърихи адабӣ бадал гаштааст. Дигар падидаҳои табиии дар фавқ ёдшуда низ дар шеъри Мунҷик ва бисёре аз шоирони гузашта ҳамин хусусиятро ба худ гирифтаанд, ки далели ҳунари тасвиргарии шоирони ҳунарманд аст.

Ин гуна тасвирпардозиҳои Мунҷик, пеш аз ҳама, "арсаи тамрини озодӣ ва халоқият" [148, 67] буда, ба ӯ маҷол додааст, ки бо кудрати сеҳрангези хаёл "дар падидаҳо ҳулул кунад ва рӯҳи худро дар онҳо бидамад ва ҷаҳонро ба дилхоҳи хеш бисозад ва оламе ва одаме аз нав биофаринад" [148, 67]. Аз ин зовия, Мунҷик ҳамчун шоири ҳунарманд

ба ҷаҳон ва воқеияти он ба тарзи хос нигариста, нигоҳаш “мутаассир аз ҳолоти отифӣ ва рӯҳии” ӯ будааст.

Донишманди эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар тадқиқоташ намунаҳои саноеъи бадеии Мунҷикро, ки дар шеъраш истифода карда, аз ҷумла тарсеъ, таҷнис, муқтазаб (иштиқоқ), мутазодд, иънот, истиора, ташбеҳ, ҳусни тахаллус, иғроқ дар сифат, муроотунназир, таҷоҳули ориф, илтифот, истидрок, суолу ҷавоб, луғаз, мукаррар ва тасҷеъро ном бурда, барои ҳар кадоме мисоле меоварад, вале доир ба усули корбурди шоир аз саноеъи бадеии ёдшуда чизе намегӯяд [162, 22-26].

Мунҷик ташбеҳ, бахусус ташбеҳоти тафсилиро дар ашъораш фаровон ба кор гирифта, дар нақшбандии сувари хаёл аз аносири моддӣ низ ҳунармандона истифода кардааст, ки намунааш мисраи-Неку гули дурангро нигаҳ кун-аз қитъаест, ки дар боло нақл кардем. Дар ин гуна шеърҳои Мунҷик ташбеҳ, пеш аз ҳама, ёдовари ҳамонандӣ ва шабоҳатест, ки аз ягон ҷиҳат миёни ду чизи гуногун вуҷуд дорад.

Дигар аз тозакориҳои Мунҷик дар корбурди саноеъи бадеъӣ сифотро ба ҷои мавсуф истифода намудани ӯ мебошад, ки ба ҳар шоире ин ҳунар даст надодааст. Гоҳе ин тарзи нигориши ӯ бо балеғтарин киноёт омезиш ёфта, ашъори ҳаҷвиашро такмил бахшидааст. Намунаи чунин таҷрибаи шеъриаш қитъаи поён аст:

Гӯгирди сурх хост зи ман, сабзи ман парер,
В-имрӯз агар наёфтаме, рӯйзардаме.
Гуфтам, ки нек буд, ки гӯгирди сурх хост,
Гар нони хоҷа хостӣ аз ман, чӣ кардаме? [4, 446].

Дар заминаи мисоли боло оид ба паҳлуи дигари ҳунари тасвиргарии Мунҷик метавон сухан кард. Мунҷик аз шоиронест, ки ба масъалаи ранг ҳассосияти бештаре дошта ва дар тасвирҳояш унсури

рангро ҳадафмандона ба кор бурдааст. Дар мисраи аввали қитъаи ёдшуда таваҷҷуҳи шоир ба ранги сабз бисёр дақиқ аст. Шоир андешаашро ба василаи ранге хос тасвир ва баён карда, ба ин восита иртиботашро ба воқеият ва натиҷаи он барқарор мекунад. Дар ин тарзи нигориш сояи равшани тасвирҳо ба уҳдаи ранг буда, дар мисоли боло сифати "сабз" ба ҷои маъшуқ аст ва рангҳои дигар-сурху зард дар такмили андешаи шоиранд, ки натиҷаи ахлоқӣ ва зебоишинохтӣ доранд.

Мунҷики Тирмизӣ бо тарзи тозаи тасвир, аз ҷумла интихоби истиора ба ҷои ташбеҳ баёни шеъриро кӯтоҳу пурмаънӣ карда, пешвои сабке шинохта шуд, ки баъд аз ӯ мисли Абулфараҷи Руниву Масъуди Саъд пайравони содиқе дошт. Тарзи тасвир, бахусус тарзи корбурди истиора дар таҷрибаи шеърии ӯ тозагии бисёр дошта, дар асрҳои баъд низ мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифтааст.

Ба ин тартиб, ашъори то ба имрӯз расидаи шоир аз қасида, ғазал, муқаттаот, абёти муфрад ва байтҳои пароканда иборат буда, муҳтавои онҳоро мадҳ, ҳаҷв, тағаззул, ситоиши ишқ, шароб,  табиат, шамшер, асб, ишқ,  панду андарз, ҳасби ҳол ва дигар масоили иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Мунҷик бо истифода аз саноеъи бадеии лафзӣ, киноёт, саноеи дигар ва ҳассосият ба рангҳо тасвири ҳиссиро таҳким бахшида, метавон хулоса кард, ки шеъри ӯ аз назари сувари хаёл ва анвои тасвир, бахусус дар заминаи унсурҳои воқеии тасвир беҳтарин намунаи шеъри қарни чаҳорум буда ва пайравоне низ доштааст.

Чунонки дар ин ду байт санъати ташбеҳи киноят истифода шудааст, ки аз беҳтарин намунаҳои тасвир дар шеъри форсӣ мебошад:

Ар ангубинлабӣ, сухани талх мар чирост?

В-ар ёсуминбарӣ, ту ба дил чун ки оҳанӣ.

Мангар ба моҳ, нураш хира шавад ба мушк,

Магзар ба боғ, сарви саҳӣ пок бишканӣ [162, 26].

Шоир дар ин байт адоти ташбеҳро ҳазф карда, лаб ба ангубин, бар ба ёсуман, дил ба оҳан, рӯ ба моҳ ва қад ба сарв мушаббаҳ шудааст.

Аввалин душворие, ки дар шинохти ҷанбаи ҳунарии шеъри Мунҷики Тирмизӣ пеш меояд, масъалаи дар шакли комил дастрас набудани осор, интисоби абёт ва адами интисоби онҳо ба ӯст. Бо вуҷуди ин, дар заминаи ашъори дар тазкираҳову кутуби балоғӣ ва ҷунгу фарҳангҳо дарҷшудаи шоир метавон хулоса кард, ки ӯ намояндаи комил ва тамомиёри шеър ва сабки шоирии доираи адабии Чағониён буда, тасвирҳои мутаҳаррику ҷондор, зинда ва хаёлҳои таъсиргузори шоирона моҳияти ҷустуҷӯҳои ҳунарии ӯро муайян менамоянд. Бо гузашти замон ҳарчанд дидгоҳҳои назарӣ оид ба ҷанбаи ҳунарии шеър дигаргун шуда бошад ҳам, Мунҷик ҳамчунон аз ҷумлаи шоирони ҳунарманде боқӣ мондааст, ки шеъраш тозагиҳои завқу маърифат ва ҳунари тасвиргарии ӯро дар тӯли асрҳо ҳифз кардааст.

Аввалин ҳарфро дар сифати шеър ва ҳунари шоириаш худи Мунҷик гуфта, "олию ширин", "асали ширин" будани шеърашро таъкид ва аз он ифтихор ҳам кардааст. Ҷойи дигар "бамаҳорат ва равиши шеъри хеш" [33, 216] ишорат карда, гуфтааст, ки: "Мар-маро ба ҳиҷо қасди ту набуд, Ҷуз табъи хешро ба ту-бар кардам озмун". Ин гуфтаи ӯ, пеш аз ҳама, ба матонат ва тавоноии ӯ дар гуфтани шеър далолат карда, баёнгари мавқеъ ва кудрати ҳунариву тасвиргарии ӯ мебошад.

Қитъаи дигари Мунҷик низ ормони ӯро аз шеъру шоирӣ равшан ифода карда, аввалан агар шоири тамаъкор набудани ӯро собит созад, баъдан ба нақш ва ҷойгоҳи шоир ва шеъри асил дар ҷомеъаи инсонӣ таъкид дорад. Ба ифодаи дигар, ин пораи шеъри тақозоӣ паҳлуи

дигари ҳадафи ҳунарии шоирро аз шеъру шоирӣ ифода мекунад, ки ҷанбаи ахлоқӣ низ дорад:

Рафтам ба назди Хоҷа Абулфазли Тайамӣ,
Бар тамъи он ки моле ёбам зи зарру сим.
Рӯзи дигар чу шеър тақозои ман шунид,
Сар даркашид ҳамчу кашад роваро зи бим [162, 21].

Зикри ном, осор ва тавсифоте аз ҳунари шоирии Мунҷик дар тазкираҳо омадаанд, ки далели нақшу ҷойгоҳи устувори шоирӣ ва сухандонии ӯ дар ҳавзаи адабиёту фарҳанги форсии тоҷикӣ мебошад.

Аз ин мавқеъ, ҳақ ба ҷониби Шафеъии Кадканӣ аст, ки Мунҷикро “аз боби навъе хусусият дар сувари хаёл намояндаи навъе таҳаввул дар шеъри форсӣ”дониста, меафзояд, ки “Қарни чаҳорум (ёздаҳум-шарҳи мо) ... бештар давраи ташбеҳ аст, он ҳам ташбеҳҳои тафсиливу дақиқ ва ҳиссӣ, вале дар ҳамин давра нишонаҳои навъе тозагӣ ҳам дар анвоъи ташбеҳ ва ҳам дар интихоби истиора ба ҷои ташбеҳ ва дар ҳақиқат кӯтоҳ кардани баёни шеърӣ дар шеъри гӯяндагон, бахусус, дар авохири ин қарн дида мешавад ва шеъри Мунҷик дар ҳамон чанд қитъае, ки аз вай боқӣ аст, намояндаи комили ин гароиш аст” [78, 434].

Чунонки ишора шуд, ташбеҳ дар шеъри Мунҷик, пеш аз ҳама, таҷассуми ҳолат аст. Яъне, ӯ дар шеър ба кашфи шайъҳо ё ҳолатҳои ҳаммонанд даст меёбад ва чаҳор рукни ташбеҳ-а) мушаббаҳ; б) мушаббаҳ биҳӣ; в) ваҷҳи шабаҳ ва г) адоти ташбеҳ дар ин замина корсоз афтодаанд. Ин таҷриба ҷанбаи ҳунарии шеъри ӯро таъйид карда, фақат ба асолати ҳунариаш имтиёз медиҳад. Аз ин мавқеъ, шеъри Мунҷик ҳама гуна тарзи хабарии инъикоси мавзуъро канор гузошта, ғолибан бар тасвири бадеии мавзуъ имтиёз медиҳад, ки корбасти ҳунармандонаи ташбеҳ дар он аз хостаҳои ҳунари асил аст. Намунаи чунин тасвир байти зайл аст:

Ба чобукӣ бирабояд, чунонки наёзорад

Зи пӯсти рӯйи мубориз ба нуки пайкон хол [8, 240].

Дар ин байт санъати иғроқ низ истифода шудааст.

Дар ин ва дигар байтҳои Мунҷик тасвиру ташбеҳ ва баёни ғайримустақиму инъикосӣ ҷаҳони зебои рангоранги андеша ва тасвирро эҷод кардааст, ки ифодаи робитаи амиқи эҳсосии шоир бо воқеият низ ҳаст. Бинобар ин, аз парда берун кашидани маънии чунин шеърҳо таҷриба ва омодагии зеҳниро тақозо дорад. Дар ин замина, баёни ғайримустақиму инъикосӣ, ки матлабро дар пардаи ҳунар таҷассум мекунад ва тавзеҳро раво намедонад, яке аз мухтассоти сабкии шеъри Мунҷик аст. Дар заминаи байти иқтибосшуда хонандаи огоҳ ба андак диққат метавонад маънии “ба чобукӣ” бирбуданро аз тасвири инъикосӣ, ки ифодагари ду ҳолати мухталифи озурдан ва “наёзурдан” ба воситаи “нуки пайкон” аст, берун кашад. Ҳадафи аслии шоири тавоно аз чунин тарзи тасвир даст кашидан аз баёни ошкоро ва хабарии мавзуи мавриди тасвир мебошад, ки аз зовияи диди ҳунари асил берун омадааст.

Дар заминаи таҳлилҳои боло метавон афзуд, ки яке аз сабабҳои асосии шуҳрати Мунҷик дар замони зиндагӣ ва эҷодаш, чунонки гуфта шуд, ҳамоно тарзи баёни хос ва тозагии сабки сухансароии ӯ будааст, ки ба таҷрибаи шеърии мутобиқи маонӣ омадани алфоз ва кӯтоҳии сухан такя дошта, онро Низомии Арӯзии Самарқандӣ солҳо баъд ҳамчун имтиёзоти ҳунари шоирӣ ба шумор овардааст [14, 123].

Зиёда аз ин, дар таҷрибаи шеърии Мунҷик баъзе саноеъ ҷойи саноеъи дигар, аз ҷумла истиора ҷойи ташбеҳро гирифта, ба ин васила сифот ҷойнишини мавсуф гардидааст, ки низ аз тозакориҳои шоир дар ҳунари тасвиргарӣ буда, ин таҷриба пас аз Мунҷик то давраҳои баъд низ камтар мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифта будааст.

Яке аз омилҳои воқеии имтиёзоти Мунҷик дар эҷоди ашъори ҳунармандона корбурди огоҳона ва зебоиписандонаи ороҳои

лафзиву маънавиест, ки зебоии лафзро афзуда ва мусиқии каломро низ аз назари равобити овоӣ ба вуҷуд овардаву такмил бахшидаанд. Ин таҷрибаи шеъриро ӯ дар ашъори ҳаҷвиаш ҳам истифода кардааст, ки дар маҷмӯъ сабаби бақо ва таъсиргузории ин гуна офаридаҳои ӯ гардидааст.

Муҳаққиқон "ғалабаи тасвирҳои истиориро бар ташбеҳ" аз имтиёзоти таҷрибаи шеърии Мунҷик донистаанд, ки минбаъд дар тарзи нигориши шоирони замонҳои сонӣ нуфуз пайдо кардааст. Аз ҷумла Шафеъии Кадканӣ навиштааст, ки "Бе гумон шуҳрати девони ӯ дар қарни панҷум, ки Носири Хусрав аз он сухан мегӯяд, ба сабаби ҳамин тарзи баёни хос ва тозагии услуби сухансароии ӯ будааст. Бидуни тардид бояд ӯро пешвои сабке бидонем, ки Абулфараҷи Рунӣ ва то ҳадде Масъуди Саъд бад-он рӯй овардаанд ва Анварӣ ҳамин шеваи адои маъонӣ ва тарзи овардани истиораро дар девони Абулфараҷ дидааст,... дар асри Анварӣ ҷиҳати аслии шеър ва сувари хаёли шоирона ҳамон ҷиҳати хоссест, ки дар қарни чаҳорум бо Мунҷик оғоз шудааст" [78, 434-435].

Муҳаммади Авфӣ бори аввал аз ин таҷрибаи нодири Мунҷик дар корбурди истиора бо ифодаи "истиороте нодир" ёд карда, аз шеъри шоир иқтибос ҳам кардааст. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ дар "Тарҷумон-ул-балоға" ин таҷрибаи Мунҷикро "андар бӯстони балоғат тозабарг" шинохта, маънии онро "орият хостан" таъбир мекунад ва меафзояд, ки "... ин сифат чунон бувад, ки андар он чизе бувад номеро ҳақиқӣ ё лафзе бувад, ки мутлақи он ба маънӣ боз гардад махсус, он гоҳ гӯянда мар он номро ё он лафзро ба ҷое дигар истиорат кунад, бар сабили орият... " [18, 37]. Родуёнӣ дар замина байте ва пораеро аз як қасидаи Мунҷик мисол меоварад, ки ҳангоми тасвири шоир дар ташбеҳ яке аз тарафайни он ҳазф шуда, ба қавли Авфӣ "истиороте нодир" маъние нодирро ба вуҷуд овардааст.

1. Байт:

Агарчи ба масал мунозаати Хизр аст,
Андар ниҳодаш аҷал ба лаб пистон.

2. Порае аз қасида:

Худойгоно, фархунда Меҳргон омад,
Зи боғ гашт ба таҳвили офтоб аҳвол.
Саропардаи суҳбат кашид себу турунҷ,
Ба табли реҳлат барзад гулу бунафша дувол [18, 37].

Дар байти аввал "ба лаб пистон" ниҳодани аҷал ва монанд кардани он «ба мунозаати Хизр» ва дар пораи дувум бо омадани Меҳргон ва "таҳвили офтоб" дигар шудани фасли сол, "саропардаи суҳбат кашидан"-и "себу турунҷ" ва "ба табли реҳлат" дувол задани "гулу бунафша" истиора аст. Фазилати истиора дар тарзи нигориши Мунҷик он аст, ки дар ҳар лаҳза ба баён сурати тоза бахшида, аз як вожа маъниҳои гуногун ба даст меояд. Хусусияти дигари истиора дар тарзи нигориши шоир он аст, ки маънои бисёр дар лафзи андак гунҷидааст. Ба ифодаи дигар, истиораро Мунҷик, қабл аз ҳама, барои густариши маънӣ ва кашиш бахшидан ба он ба кор бурдааст, ки тарзи хоси андешаи шоирона ва сабки муаллифро низ нишон медиҳад.

Осори Мунҷик гувоҳи он аст, ки ӯ истиораро дар шеъраш фаровон истифода кардааст. Аз ҷумла, дар қитъае, ки бо мисраи "Гӯгирди сурх хост зи ман, сабзи ман парер" сар мешавад ва мо шакли комили онро дар боло иқтибос кардем, ин унсури балоғӣ ҳунармандона корбаст шуда, дар такмили сохтори бадеии он нақши асосӣ бозидааст, ки арзиши бадеии он фаротар аз истифодаи истиора буда, шоир дар он аз санъати иститрод ва ваҷҳи муштараки унсури ранг низ ҳунармандона истифода кардааст ва ин тавоноии ҳунарӣ дар он замон ва баъд низ ба кам шоире даст додааст.

Дар мисраи аввали ин қитъа, ки зикр шуд, шоир нахуст сифати “сабз”-ро ба ҷойи маъшуқ ба кор бурда ва таваҷҷуҳи афзун ба сувари хаёл ба ӯ имкон додааст, ки унсури рангро ҳамчун василаи тасвир ва ифодакунандаи маънии таъсиргузор корбаст созад. Ба таъбири Шафеъии Кадканӣ “сабзи ман” тасвири зебои бадеъиест, ки ҷойи он дар давраҳои баъд дар адаби форсӣ ҳамчунон холист“ [18, 300].

Шамси Қайси Розӣ дар “Ал-муъҷам...” ҳангоми шарҳи санъати иститрод ин қитъаи Мунҷикро иқтибос карда, аз ҷумла навиштааст, ки ба воситаи ин санъат “шоир васфе бар як насақ (тартиб) меронад, то чун ба охир расонад, он чи мақсуд бошад аз он шеър, бад-он пайвандад ва бад-он ишорате кунад...” [18, 300]. Амали “сабзи ман”, ки “гӯгирди сурх” хостааст ва фоли нек шумурдани шоир ин иқдомро натиҷааш ахлоқиву муҳим аст ва ба ин далел шоир қаноатманд аст, ки “сабзи ӯ” “нони хоҷа” нахосту “гӯгирди сурх хост”. Ин таҷрибаи Мунҷик паҳлуи дигари ҳунари тасвиргарии ӯро менамоёнад, ки барқарор кардани нисбате миёни ашё аз вижагии он буда, ҳадафи шоир ба василаи тасвири мушаххас ва кӯтоҳ маънии дилхоҳро ироа додан аст.

Дар шеъри Мунҷик бо истиораҳое низ рӯбарӯ мешавем, ки нисбат ба давраи ӯ дар замонҳои сонӣ маъмултар будаанд, мисли “офтоби хоб”, “хайли ситорагони хаёл”, “ҷоми нола”, “майи доғи дӯст”, “дасти фироқ”, “чароғи висол”, “тарози малоҳат”, “остини ҷамол”,“феҳрасти фитна” ва ғайра. Бартарии ин гуна истиораҳо, пеш аз ҳама, дар кӯтоҳии шакли тасвир буда, аз назари дар канори умури моддӣ ва ҳиссӣ қарор додани унсурҳои интизоъӣ ва таҷридӣ нав ва таъсиргузор ба назар мерасанд.

Яке аз санъатҳои маънавие, ки Мунҷик ба тариқи фаровон ва ҳадафмандона дар шеъраш аз он истифода кардааст, иғроқ ё худ муболиға буда, Шаворибӣ байти зерро ҳамчун намуна меоварад:

Ба чобукӣ бирабояд, чунонки боз орад,

Зи пӯсти рӯи мубориз, ба нӯки пайкон хол [163, 24].

Ин байти Мунҷикро Родуёнӣ низ дар "Фасл фӣ иғроқ фӣ сифат"-и "Тарҷумон-ул-балоға" иқтибос карда, аз ҷумла навиштааст: "Порсии вай "даррафтан" бувад андар сифат, чунонки хирад андар пазируфтан бишамад ва чунин гуфтаанд: "аш-шеъру акзабуҳу аъзабуҳу", ки аз шеър он чи ба дурӯғтар бофурӯғтар" [18, 47]. Дар заминаи байти боло ва дигар таълифоти Мунҷик метавон гуфт, ки иғроқ яке аз нерумандтарин унсури баёни ҳунарӣ дар тарзи нигориши ӯ буда, шоир ин санъатро барои баёни масоили зиндагӣ истифода кардааст, ки байти боло намунаи он мебошад.

Ҳарчанд Мунҷик "дар авсофи мадҳу ҳиҷо ва ғайри он ғулув (ифрот, муболиға)" карда бошад ҳам, "вуҷуҳи мадоеҳ"-ро "ба ҳасби (мувофиқи) тафовути дараҷоти мамдуҳон" ба кор бурда ва дар ин замина "ихтилофи аҳволи эшон"-ро низ ба эътибор гирифта, ба ифодаи Шамси Қайс дар ин равиш "аз ҳадди ҷинси мамдуҳ ба тарафи ифроту тафрит (аз ҳадди эътидол гузаштан) берун" нарафтааст [167, 286]. Ба ин далел, Шафеъии Кадканӣ вайро дар киноя яке аз қавитарин шоирони асри хеш ва аз тавонотарин гӯяндагони забони порсӣ дониста, ба хулоса меояд, ки "дар чанд намунаи мавҷуд аз шеъри ӯ балеғтарин киноётро метавон ёфт" [78, 437]. Ин донишманд дар ашъори ҳаҷвии Мунҷик "унсури аслии баён" будани кинояро низ далели камоли ҳунари тасвиргарии шоир таъбир кардааст.

Яке аз паҳлуҳои тавоноии ҳунарии Мунҷик дар он аст, ки калимоти истифодакардааш дар маънӣ бо якдигар таносуби комил доранд. Ин ҷиҳати ҳунари тасвиргарии ӯро истифодаи ҳунармандонаи санъати муроотунназир собит месозад. Родуёнӣ дар шарҳи ин санъати шеърӣ  байтҳои зерро аз Мунҷик нақл кардааст:

Ҷаври ман аз он зулфи балоҷӯй, азеро-к

Ҳамгунаи зоғ омаду ҳампешаи Қобил [18, 435].

Ва:

Эй номаи офтоб зӣ Кайвон,

Баҳромсахову муштариунвон [18, 440].

Дақиқтарин тавзеҳро оид ба санъати адабии муроотунназир Родуёнӣ овардааст, ки ба ин зайл аст: “Чун гӯянда ҷамъ кунад андар миёни чизҳо, ки назоири якдигар бошанд ба маънӣ, чу моҳу офтоб, дарёву киштӣ ва он чи бар ин монад, он суханро мурооот-ун-назир хонанд...” [18, 52]. Аз байтҳои дар боло иқтибосшуда маълум аст, ки “ҷавр”-у “зулф” ва “зоғ”-у “Қобил” “офтоб”-у “баҳромсахо” ва “кайвон”-у “муштариунвон” назири якдигар буда, нигоҳ доштани таносуби маънавӣ миёни онҳо ва ба ин васила вусъат бахшидани андеша баёнгари ҳунари нигорандагии Мунҷик аст. Истифодаи ин санъат паҳлуи дигари ҳунари шоирро низ менамояд, ки моҳияти онро гурез аз ҳадафи “санъат барои санъат” муайян мекунад.

Мунҷик аз корбурди саноеъи маънавию лафзӣ, пеш аз ҳама, ҳадафи такмил бахшидан ба сохтори мундариҷавию шаклӣ ва ҳунарии шеърро дорад. Аз ин зовия, саноеъи лафзиро низ ӯ ҳунармандона, фақат ба хотири такмили сохтори маънавӣ ва бадеии шеър истифода кардааст, ки санъати тарсеъ аз ин қабил мебошад. Дар таърифи тарсеъ Шамси Қайси Розӣ навиштааст, ки “тарсеъ ҷавоҳир дарнишондан аст ва дар саноати сухан калимотро мусаҷҷаъ (қофиядор) гардонидан ва алфозро дар вазну ҳуруфи хавотим мутасовӣ (баробар) доштан тарсеъ хонанд” [167, 269-270].

Родуёнӣ баъди шарҳи маънии тарсеъ аз Мунҷик байти зерро иқтибос кардааст:

Ба рӯй шамъ фурӯзӣ маро ба гирди сарой,

Ба мӯй анбар сӯзӣ зи фарқ то ба қадам [18, 21].

Дар ин ду байт Мунҷик на фақат калимоти разм, базм, рӯй ва мӯйро, ба ифодаи Шамси Қайс “мусаҷҷаъ” гардонидааст, балки “алфозро дар вазну ҳуруфи хавотим мутасовӣ” [167, 269-270] сохта, ба ин васила дар шеър “таркиби нави маънавӣ” [128, 81] ба вуҷуд овардааст, ки далели ҳунари тасвиргарӣ ва маъниофаринии ӯст. Дар мисоли ҳар ду байти иқтибосшуда метавон гуфт, ки калимаҳои рӯй ва мӯй ҳам баробар афтодаанд ва ҳам яксонанд ба вазн. Родуёнӣ “ин қисмро андар балоғат дараҷоте баланд ва манзалате шариф” шинохта, далелашро чунин тавзеҳ медиҳад: “...азеро ки ба доми ҳар хотире андар наояд ва дасти ҳар фарде ба вай нарасад” [18, 20].

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои қиёсии анҷомгирифта собит месозад, ки таҷрибаи шеърии Мунҷик аз назари заминаҳои тасвирӣ бо озодии тахайюл ва корбурди мустақилонаи саноеъи адабӣ бисёре аз хаёлҳои шеъриро ба адаби форсии тоҷикӣ ворид кардааст, ки ҳосили нигоҳ ва диққати худи ӯ ба зиндагӣ, табиат ва ашё мебошад. Ба ин далел, шеъри Мунҷик аз назари сувари хаёл ва навъҳои тасвир, ба вижа дар заминаи табиат, беҳтарин намунаи таҷрибаи шеърӣ буда, таваҷҷуҳи ӯ аз шакли ҳандасии ашё дида, зиёдтар ба самти рангҳост. Илова ба ин, Мунҷик саноеъи бадеӣ, аз ҷумла саноеъи маънавӣ ва лафзиро огоҳона ва дар ҳадди эътидол истифода карда, ба ин васила сохтори мундариҷавӣ ва шаклию зебоишиносии шеърро такмил бахшидааст, ки ба раванди баъдии ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ бетаъсир набудааст.

Акнун дар заминаи таҳқиқ ва арзёбиҳое, ки аз ҳунари шоирии Мунҷик анҷом гирифт, метавон каму беш асли шева ва хутути сабки шеъри ӯро мушаххас кард. Дар ин равиш, пеш аз ҳама чиз, аз ибдоъ ва офарандагии ҳунари шоир бояд ёд кард. Таркибҳо ва таъбирҳои дилнишин, ки дар фавқ оварда шуд, ғолибан зодаи андеша ва эҳсоси бадеъи худи ӯ ва самараи таҷрибаи ҳунари шоириаш мебошанд.

Илова ба ин, феълҳо, ҳиссаҳои дигари нутқ ва таркибҳо дар шеъри Мунҷик аксаран форсии тоҷикӣ буда, баъзе аз онҳо имрӯз мавриди истифода нестанд. Баъзе феълҳои дигар, ба воситаи нерумандии баёни Мунҷик дар шеъри форсии тоҷикӣ ворид ва ҳифз шуда ва ҷузъе аз захираҳои адабии шеъри мо қарор гирифтааст. Аз ду мавриди ёдшуда намунаҳое оварда мешавад:

-созидааст (сохтааст)-Бар мустароҳ купала созидааст [4, 415];

-бипрокanд (пароканда кардан)-Чу дар найза бисуфту ба теғ бипроканд [4, 419];

-бардавид (давидан)-Чу оташе, ки ба гӯгирд бардавид кабуд [4, 420];

-чарвидан [чора ҷустан]-Чарвидаву рафт зи даст чора [4, 433];

-каланда (марди қавӣ, дуруштандом)-Зи ҳар ҷинсу ҳар як қавию каланда [4, 443];

-лавеша (ҳалқае аз ресмон, ки бар лаби аспон ва харон бананд)-Ба гоҳи нохуна бардоштан лавеша кунӣ [4, 447];

-колим (зани бева)-Монд колим, ки низ накнад шӯй [4, 447];

-ғомӣ (заиф ва нотавон)-Аставу ғомӣ шудам зи дарди ҷудоӣ [4, 424];

-кӯпала (қуфл)-Бар мустароҳ кӯпала созидааст [4, 415];

-варда (хонаи кабӯтар)-Чун мурғаш аз ҳаво ба сӯи варда [4, 415];

-ғулба (парандаи сиёҳ ва сапед аст, ки онро калоғпеса низ гӯянд)-Се ҳокимаканд ин ҷо чун ғулба ҳама дузд [4, 418];

-бишнос (шинохтан)-Бишнос мар онро, ки Худованд туро дод [4, 416];

-бипаррад (паридан)-Гар бипаррад мурғи ҷон аз куфҷони тан маро [4, 418].

Таъбирҳо ва сифатҳои мураккаб дар шеъри Мунҷик ҷойи намоёне доранд. Баъзе таркибҳо хеле зебоянд. Масалан, Рӯдакӣ ба ҷойи

калимаи «ғайбат” вожаи зебои “зиштёд”-ро арза кардааст ва аз ин намунаҳо дар шеъри ӯ фаровонанд. Чунончи, таъбиру таркибҳои: оқилаи нотиқа, нағмаи хориҷ, хуршедлиқо, ҳарзадаро, косаи фағфур, соғари Ҷамшед, тунукҳавсала, соқии дарёдил, Золи таносон, дарахти давлат, маҳфили хуршед, мулки ҳазорсола, вазири навситад, динори зард, теғи кабуд, ҷаври замона, алами меҳнат, меғи анбар, меҳроби анвар, осеби наштар, гандазабон ва ғайра.

Дар шеъри Мунҷик тамоми вижагиҳои сабки хуросонӣ ва тарзи табиии гӯйиши мардуми Мовароуннаҳру Хуросон дарҷ аст. Он чи ҷилваҳои ҳунарашро арзишманд кардаанд, лутфи ширин ва ибдооти ӯст, ки ҳанӯз барои соҳибони ин забон фаҳмост. Таъбирҳои шеъраш дилнишин буда, лафз қолаби маънист ва ҳамоҳангии қолиб ва дарунмояи осораш хонандаро ба тасдиқи асолати шеъри ӯ ва бузургдошти мартабаи шоириаш мекашонад.

Вижагиҳои дигаре, ки аз шеъри ӯ ба мушоҳида расид, ба тариқи зайл аст.

**1.Тозагӣ.** Манзур аз ин истилоҳи шеърӣ ин аст, ки шоир кашшоф аст ва сухан аз сӯзи дарун мегӯяд. Дар бораи ин вижагии шеъри Мунҷик мушоҳидаи аввал ва дақикро Авфӣ гуфта, ки дар фавқ ёд кардем.

**2. Нерумандии баёни шоирона.** Шеъри Мунҷик дар айни содагӣ комил ва неруманд аст. Ҳангоме ки андешаеро баён мекунад, суханро тамом мекунад. Дар байтҳои баъд эҳтиёҷе ба такмили маънавӣ ва забонӣ надорад. Шояд ба ҳамин далел будааст, ки Авфӣ ӯро “аз соҳирони шоирон” шинохта ва муаллифи “Ҳафт иқлим” дар “шоирӣ сиқаи замон ва дар лутфи табъ хулосаи даврон” унвон кардаанд. Худи шоир низ суханашро “олию ширин” донista, таъкид ҳам кардааст, ки “Оре, асали ширин н-ояд магар аз мунҷ”.

**3. Неруи зиндагисози шеъри Мунҷик.** Шоир тамоми ҷанбаҳои зиндагонӣ ва муҳити иҷтимоию фарҳангии замонаашро дар шеъраш инъикос кардааст. Каломи ӯ аз иҷтимоъ ва табиат неру мегирад. Забони шеъраш саршор аз андешаю ҳаяҷоноти зиндагонӣ буда, калимаҳои шоирона чун ҳусни тоза мутаҳаррик аст. Унсурҳои сохтори таърихӣ ва асолати забони форсии тоҷикӣ дар шеъри Мунҷик ҳифз шуда, бар хилофи тасаллути забони араб вижагиҳои таърихӣ ва фарҳангии миллиро ба василаи забони шеър то ба имрӯз интиқол додааст. Шеъри Мунҷик табиӣ ва орӣ аз ҳар гуна пирояи лафзӣ ва ороиши зоҳирии сухан буда, забони шоирона, ки аз воқеоти зиндагӣ маншаъ мегирад, сабки ӯро такмил бахшидааст. Ӯ баръакси шоирони мадеҳапардози дигар ҳошияро ба мадҳ ихтисос дода, ҳастаи аслиро ба ситоиши арзишҳои ҷовидона равона месозад, ки яке аз омилҳои бақои ҳунарии шеъраш то имрӯз аст.

Таҷрибаи шеърии Мунҷик суханони зери Д. Лихачёвро ба ёд меоварад: “Сабк на фақат сурати забонист, балки усули ҷомеи зебошинохтии таркиби мундариҷа ва сохтори асар низ мебошад. Аносири сабксоз ҳамаи сохтори асарро фаро мегирад. Сабки бадеӣ инъикоси умумии воқеиятро, ки ба тақозои тарзи нигориши адиб ва ҳадафҳои ҳунарии ӯст, фаро мегирад” [85, 220]. Дар такя ба ин андеша метавон гуфт, ки ашъори боқимондаи Мунҷик ифодагари сабки хоси ӯ буда, дар он муҳтаво, забон, луғат, баён, воситаҳои тасвир сода, одӣ, заминӣ, ошно ва табиӣ буда, дар маҷмӯъ сохтори ҷомеи сабкии осори ӯро ташкил медиҳанд. Дар шеъри шоир чизи ноошно, хаёлӣ, ғайритабиӣ, душвор ва номафҳум вуҷуд надорад. Маҳз дар ҳамин заминаи дарки табиии воқеияти зиндагӣ сабки шоир ташаккул ёфта, ба камол расидааст, ки баъзе намунаҳои аносири сохтории онро аз назар гузаронидем.

Он чи ки аз мушоҳида гузашт, собит месозад, ки назари Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб, ки "баҳс дар боби сабки якояки" шоирони ҳамзамони Мунҷикро "на мақдур асту на муфид" донистааст, ба ҳақиқат рост намеояд. Ин донишманд ба далели он ки аз шоирони ин ҳавза миқдори ками ашъор боқӣ монда, "гурӯҳе аз ин афрод шоирӣ пеша надошта ва амиру вазир ва ҳоким будаанд ва гоҳ-гоҳ шеъре сурудаанд", таҳқиқ ва арзёбии сабки онон, аз ҷумла Мунҷикро нолозим медонад. Таҳлилҳое, ки дар боби тарзи нигориши Мунҷик анҷом гирифт гувоҳӣ медиҳанд, ки сабки шоир зери таъсири омилҳои вазъи иҷтимою сиёсӣ, тамаддун ва фарҳанги миллӣ, харидорон ва ҳомиёни шеъру адаб ва маддоҳӣ шакл гирифта, тасвир дар шеъри ӯ, пеш аз ҳама, таҷассумгари воқеияти дунёи моддӣ, ҳолат ва намоёнгари ҷаҳони рангини тасвирҳо ва нағмаи вожаҳои шоиронаи ӯянд, ки гароиши амиқ ва ҳадафманди шоирро ба тарзи ҳамнишинии тасвир собит месозанд.

# Боби севум

# Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ

## III.1. Қасидаҳои Мунҷик

Мунҷик шоири дарбори Оли Муҳтоҷ буд. Бинобар ин, қасида ҳамчун навъи адабие, ки дар он дар баробари инъикоси мавзуоти дигар, мадҳ мақоми калидӣ дорад. Яке аз василаҳои асосие, ки шоиронро ба дарбор даъват менамоянд, мадҳи подшоҳон мебошад. Албатта, пеш аз Мунҷик ҳам дар адабиёти форсии тоҷикӣ қасида вуҷуд дошт. Нахустин қасидаи мадҳӣ, - менависад адабиётшиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод, - дар эҷодиёти Рӯдакӣ дучор меояд, ки намунаи он ҳамон қасидаи “Модари май” мебошад [44,202].

Саид Нафисӣ дар китоби арзишманди “Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” масъалаи дар оғози шеъри форсӣ чӣ гуна шеър гуфтани шоиронро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин менависад: “...шуарои порсизабон нахустин ашъоре, ки сурудаанд, мадоеҳ будааст ва мадеҳа дар шеъри форсӣ аз қадимтарин ақсом аст. Далели он ҳам возеҳ аст, зеро ки шуароро подшоҳони эроннажод – Оли Саффор ва Оли Сосон ба шеър барангехтаанд ва боиси шеър ба забони порсии имрӯз онон будаанд ва бадеҳист, ки нахустин фикре, ки шуароро даргирифта, мадоеҳи ин подшоҳон будааст” [104, 596]. Вале масъала инҷост, ки консепсияи қасидаро, ки Рӯдакӣ дар эҷодиёти худ истифода карда буд, ҳанӯз бокисту тағйир накардааст ва он аз ташбиб ё баҳория, насиб, гурез ба мадҳ, санои мамдӯҳ ва дар фарҷом абёти дуо иборат аст. Ҳамин сохтор дар замони Мунҷик, ки дар баробари ӯ шоирони бузурге чун Абумансури Дақиқӣ ва Фаррухии Сиистонӣ қасоиди ғарро мегуфтанд, росиху устувор буд.

Чунонки мулоҳиза мешавад, навъи адабии аз ҳама бештар ривоҷёфтаи назми асри X қасида буда, ба қавли Шиблии Нуъмонӣ: “шоирӣ дар Эрон аз қасида оғоз шуда” [105, 38] ва он “модари навъҳои шеъри форсист” [98, 45].

Шиблии Нуъмонӣ дар “Шеър-ул-Аҷам” қасидаҳои адаби форсиро ба мутақаддимин, мутавасситин ва мутааххирин ҷудо кардааст [98, 13-37], ки метавон қасидаҳои Мунҷикро ба давраи аввал мансуб донист.

Сурудани ашъори ситоишӣ, ки дар замони шоир навъи маъмулии адабӣ гардида буд. Аз ин рӯ, Мунҷик яке аз вазифаҳои худро дар сурудани шеър мадҳ пиндошта, менависад, ки забони хомаро бар рӯи дафтар ба ҷуз мадҳу санои подшоҳон истифода намебарам:

Ба ҷуз мадҳу саношон менаронам,

Забони хомаро бар рӯи дафтар [162,8].

Аз ашъори бозмондаи Мунҷик маълум аст, ки бархе аз онҳо ба жанри қасида тааллуқ доранд. Бояд гуфт, ки қасидаи шоир то замони мо ба таври комил боқӣ намондаанд. Шумораи ин қасидаҳо, ба шумори мо 12 адад мебошад. Комилтарин қасидаи шоир, ки бо матлаи зер оғоз мешавад:

Маро зи дида гирифт офтоби хоб завол,

Куҷо ба рояд хайли ситорагони хаёл, [162,15] - аз 44 байт иборат аст. Онро қасидаи “Ломия” низ мегӯянд. Ин қасида низ ноқис аст, охираш нест.

Дар қасидаи “Ломия” Мунҷик, пеш аз ҳама, хирадмандӣ, ҳакимӣ, ахлоқи пок ва некӯхисолии мамдӯҳашро ситоиш намуда, сипас сифатҳои ҷанговарӣ, далерӣ, додгустарӣ, одилӣ, саховатпешагӣ ва каримии ӯро тавсиф менамояд. Дар ҳамин шакли боқимондааш ин қасида ормони иҷтимоии шоир дар шинохти “Абулмузаффаршоҳи

ҷаҳон”-ро ифода мекунад. Ормони иҷтимоии Мунҷик чеҳраи амиреро шакл медиҳад, ки –“Бурокгому раҳанҷому шодкому тамом, На одамию ҳамонанди одамӣ ба хисол” [14, 433] аст. Бо вуҷуди дар даст набудани шакли комили ин қасида пай бурдан душвор нест, ки Мунҷик, ҳамчунон ки Рӯдакӣ дар қасидаи “Модари май” кардааст, ба тасвири зоҳири воқеиятҳо, аз ҷумла маҷлиси малик, бозтоби русуми боргоҳи шоҳ, саҳнаоройӣ ва монанди инҳо машғул нашуда, аз аносире сухан гуфтааст, ки дар воқеиятҳои зиндагӣ ва аъмои мухотаби ӯ вуҷуд доштаанд ва мавриди таваҷҷуҳ ва алоқаи ӯ қарор гирифтаанд. Ба ифодаи дигар, дар ин ва бисёре аз пораҳои боқимондаи ашъори васфии ӯ аносири хаёл заминӣ буда, аксаран ба зиндагии ашрофӣ ва муҳити шоҳона рабте надорад, балки шоир ба чизҳое таваҷҷуҳ доштааст, ки ҳам дар зиндагии ашрофӣ ва ҳам дар зиндагии тӯдаи мардум роиҷ будааст.

Аё гузида шаҳе, к-ат назир нашносам
Баландному баландахтару баландсигол.
Ба номи бандагии ту адӯтро ҳазмон?
Чу тавқи фохтагон тавқ бардамад зи қазол.
Паланги гурсуна бе амри ту бар он нашавад,
Равад ба кӯҳу ба саҳро ҳаме ба сайди ғизол.
Бурокгому раҳанҷому шодкому тамом,
На одамию ҳамонанди одамӣ ба хисол.
Ба гоҳи шона бар ӯ - бар тазарв хоя ниҳад,
Ба гоҳи шайб бидаррад каманди Рустами Зол.
Ба сони киштии заррин ҳамехиромад, к-аш
На ҳеч гурсунагию на ҳеч ранҷу калол.
Инони ӯ бикашам, то ҳиҷоби он малике,
Ки Буқабис ба шоҳини ҳилми ӯ мисқол.
Абулмузаффар, шоҳи ҷаҳон куҷо бибурид

Ба тез дашнаи озодагӣ гулӯи суол.

Карим бор Худое, к-аз ӯ ҳар ангуште

Ҳазор Ҳотаму Маън асту сад ҳазор амсол.

Ба гардани маликон - бар ба рӯзи бори бузург

Рикоби ӯ зад тавқеи кибриёву ҷалол.

Бад-он гаҳе ки ду саф гардро барангезад,

Фарох боз ниҳад коми аждаҳои қитол.

Ба ҳар куҷо бирасӣ, боди хашми ту бивазад,

Ҳама ҷароҳат бинӣ ҷаворихи абтол.

Ба зери эшон аспони кордида зи ранҷ

Ҳамезананд даму дум фурӯ давида зи ёл.

Барорад абри шуҷоат зи дил, биборад з-ӯ

Ба боғи умр шукуфта шавад гули оҷол.

Ба чобукӣ бирабояд, куҷо наёзорад

Зи рӯи марди мубориз ба нӯки пайкон хол.

Ба теғ турра бибуррад зи панҷаи хотун,

Ба гурз паст кунад тоҷ бар сари чипол.

Агар бихоҳад аз эдар бе он ки қасд кунад,

Ба ҳинду турк ба майдону ҳам бар иқбол [162, 16-18].

Қасидаҳои бозмондаи Мунҷик аз лиҳози ҳаҷму сохтор гуногун мебошанд. Масалан, аз қасида бо матлаи “Маъзаратнома аз ман бибар, эй боди сабо” 11 байти аввали он, ки насиб аст, боқӣ мондааст. Қасидаи дувум (шартан аз рӯи чопи Эҳсон Шаворибии Муқаддам чунин номидем) ва бо мисраи “Ҳаво қазост, ҳаворо ба ҳила натвон зад” шурӯъ мегардад, низ 11 байт боқӣ мондааст. Як қасидаи 9 байтӣ (Ало, ба ман деҳ он доруи равони нажанд), ду қасидаи 8-байтӣ (Басо табиб, ки моя надошт, дард фузуд/ Бархезу ба майхона хиром, эй бути Кашмир), қасидаи 7 байтӣ (Рухсори он нигор ба гул расм барканад), қасидаи 12 байтӣ (Хуморие, ки зи дебои аҳмарист қабош) ва қасидаи 4

байтӣ (Эй моҳии симину ба маҳ барзада нашпил) ба мушоҳида мерасанд. Ин қасидаҳо дорои матлаъ мебошанд.

Инчунин, ба гумони ғолиб, се қасидаи дигар дар ашъори бозмондаи Мунҷик ба мушоҳида расид, ки байти матлаъ надоранд ва ба назари мо қитъа ҳам нест. Ба ин далел, ки дар қитъа мақсад муайян буда, байти ихтитоми он хулосаи шоирро ифода мекунад. Қасидаи аввал дар сифати асб буда, аз се байт иборат аст. Ва бо ин мисраъ оғоз мешавад: Чи гуна аспе, к-аш моҳи нав бизебад наъл. Қасидаи дувум аз 4 байт иборат буда, мисраи аввали он чунин аст: "Агар ду дидаи афъӣ ба хосият бикафад". Ва ниҳоят қасидаи севум аз 5 байт иборат буда, бо ин мисраъ шуруъ мегардад: "Дашт чун дебои гавҳар карду оҳу ҷавқ-ҷавқ". Дар байти охири ин пораи бозмондаи қасида як байти мадҳӣ вуҷуд дорад, гумони моро ба яқин табдил медиҳад.

Бино ба таҳқиқи мо, мамдуҳони қасидаҳои Мунҷики Тирмизӣ подшоҳони дудмони Чағониён амир Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ ва амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷи Чағонӣ ва шахси мансабдори дигаре бо номи Абумуҳаммади Аббос мебошанд, ки эҳтимол меравад, шоҳзода аст. Абуяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷи Чағонӣ худ шоир будааст.

Аз Тоҳир ибни Фазл ашъори зиёде боқӣ намондааст. Он чи дар даст аст аз ҷунгу тазкираву луғатҳо берун омада ва то мо расида ва онро Аҳмад Идорачии Гелонӣ дар китоби "Сарояндагони ҳамасри Рӯдакӣ" гирд оварда ба чоп расонидааст, ки мутаассифона, паҳлуҳои мундариҷавӣ ва ҳунарии он то ба имрӯз ба қадри кофӣ арзёбӣ нашудааст.

Мисраи машҳури "Ки гетӣ ба як сон надорад диранг", ки аз ӯст, андешаи шоирона ва ҳакимонаи ӯро дар бораи ҷаҳону корҳои он ба

сароҳат ифода мекунад. Байти поён бозгӯи ҳоли ноустувори дунё ва ӯву муосиронаш аст:

Як шаҳр ҳаме фусуну рангомезанд,

То бар ману бар ту растахез ангезанд [33, 179].

Аз ашъори боқимондаи Тоҳир ибни Фазл ва воқеияти ҳаёташ маълум мешавад, ки дар муҳити адабии Чағониёни замони амирии ӯ, ки ҳамчун шоир низ шухрат доштааст, муҳити озоди фаъолият ва андешаву оро ҳукмфармо буда, чунин шароити зисту эҷодро, бешак, барои аҳли адабу фазл маҳз ӯ барин амир ва шоири суханшинос фароҳам овардааст. Дар ин замина шеъраш низ баёнгари ҳолу ҳавои замон, худаш ва муосиронаш мебошад.

Ба ин далел, Аҳмад Идорачии Гелонӣ ҳадс мезанад, ки "кунияи Абуяҳё машҳуртарин кунияи амири Чағониён Тоҳир ибни Фазл будааст, чунки шоири дарбораш ӯро бад-ин куния хондааст" [34, 176]. Мунҷики Тирмизӣ низ дар байти зер рӯшан ва ошкоро номи Тоҳир ибни Фазлро "бар забони шеъри хеш равон сохтааст:

Ба сони амру атои худойгони ҷаҳон

Абулмузаффар шоҳи Чағониён Аҳмад" [34, 177].

Ба ин тартиб, Тоҳир ибни Фазле, ки "нодираи аҳд ва ягонаи аср" буд, "фазле тоҳир ва илме вофир" дошт, дар баробари ҳукуматдорӣ "шеъри хуш месуруд ва шамшери хуб мезад". Ҳамчунин дар баробари "размовар ва пархошҷӯй" будан шеър ҳам мегуфт ва ба дилҳо нишаста буд. Байти зер, пеш аз ҳама, бозгӯи ҳол ва равиши андешаи шоиронаи ӯст:

Фош шуд номи ман ба гетӣ фош,

Ман натарсам зи ҷангу аз пархош [34,179].

Гуфтан ба маврид аст, ки осори Тоҳир ибни Фазл зери таъсири фаъолияти ҳукуматдориаш ва раванди фикрию ҳунарии ҳавзаи адабии

Чағониён ба вуҷуд омада, бисёре аз ҳолат ва вазъиятҳои зиндагӣ ва ҳиссу андешаи худи ӯ ва муосиронашро инъикос кардааст, ки аз бисёр ҷиҳат тозаву диққатангез аст.

Аз ин рӯ, яке аз мамдуҳони қасидаҳои Мунҷик ҳамин Тоҳир ибни Фазл буда, се қасидаи шоир дар мадҳи ин амири чағонӣ боқӣ мондааст. Як хусусияти қасидаҳои Мунҷик дар он аст, ки ӯ номи баъзе мамдуҳони худро дар ҷузъи мадҳи қасида зикр кардааст. Аз ҷумла, номи амири чағонӣ Тоҳир ибни Фазлро ду маротиба оварда, ки барои амиқ ташхис кардани он аз дигар мамдуҳон тамйиз медиҳад.

Дар қасидаи аввал, ки шартан чунин номида мешавад (таъкиди мо) номи мамдуҳ дар байти ҳаштум омада, ба тариқи зер:

Ҳам Тоҳири ном омаду ҳам Тоҳири нисбат,

Ҳам тоҳири дин омаду ҳам тоҳири тадбир [162, 10 ].[35]

Чунонки мушоҳида мешавад, шоир дар ин байт санъатҳои такрор, талмеҳ ва истиораро истифода кардааст. Чаҳор бор корбасти калимаи «тоҳир» гувоҳи он аст, ки шоир барои адои маънӣ аз санъати такрор баҳра бурда, дар айни замон чаҳор маънии ин вожаро устодона дар шеър бозгӯ намудааст, ки аз ҳунари шоирии баланд доштани ӯ дарак медиҳад. Маънии аслии калимаи «тоҳир» - «пок» ва «покиза» аст, ки номи амирро ифода мекунад. Шоир дар мавриди дувум ин калимаро, чунонки худаш ишора дорад, ҳамчун вожаи нисбат истифода бурда, яъне «тоҳир» ба маънои яке аз номҳои Худованд ва лақаби яке аз писарҳои ҳазрати Паёмбар омадааст. Дар мавриди севум, ин калима низ ба маънои «покизагӣ» корбаст шуда, ки асли дини ислом покизагии ботинии мусулмонон мебошад. Ва ниҳоят таркиби «тоҳири тадбир» ба амири соҳибрайъ, малики донишманду хирадманд будани Тоҳир бини Фазл далолат дорад.

[35] Дар нашрҳои тоҷикӣ калимаи «тоҳир» бидуни изофат омада, ки иштибоҳ аст.

Ҳафт байти бозмондаи ин қасида, ҷузъи ташбиби онро ташкил мекунад. Далели ин гуфта, байти матлаи қасида мебошад. Шоир, чунонки одоби таълифи қасидаҳои форсии тоҷикӣ иқтизо дорад, дар ташбиб ба тавсифи май пардохта, дар бораи яке аз хусусиятҳои он, яъне рондани андӯҳ ва омадани шодӣ таъкид мекунад ва ба «бути Кашмир», яъне маъшуқаи хеш муроҷиат карда, мегӯяд, ки «май бинӯш»! Зеро «андӯҳи ҷавон» (ташбеҳ) пир гардад ва ба дилҳо суруру нишот оварад. Май, ба андешаи шоир, ба «ноқиди ҳар гавҳар» ва «кошифи ҳар роз» тавсиф шудааст, аз ратл чун «барқ дар шабгир» медурахшад, ки ин тасвирҳои тоза дар он рӯзгор аст:

Бархезу ба майхона хиром, эй бути Кашмир,

Май хур, ки ба май гардад андӯҳи ҷавон пир.

З-он ноқиди ҳар гавҳар, з-он кошифи ҳар роз,

К-аз ратл ҳамехандад, чун барқ ба шабгир [162,10].

Сипас, ба ситоиши амири чағонӣ мепардозад, ӯро бо пирӯзиву нусрат, ки ба фатҳу кушоиши кишварҳо иртибот дорад ҳампушт медонад ва бо давлат, ки дар он рӯзгор аз насл ба насл интиқол мешуд, ҳамшир мепиндорад. Ва амир дар байти дигар ба таркибҳои муболиғаомезе, чун «дар водӣ чун дев» (дев инҷо ба маънии пурқудрат ва дорои тавоноии беш омада), «дар саҳро чун бод», «дар дарё чун моҳӣ» (манзури шоир наҳанг аст) ва «дар дашт чун нахчир» (муроди шоир тезтак ва суръати нахчир аст) ташбеҳ ва ситоиш шудааст:

Дар водӣ чун дев аст, дар саҳро чун бод,

Дар дарё чун моҳӣ, дар дашт чу нахчир [162,10].

Афзун ба ин, шоир ба иқтидору қудрати шоҳ, ки ба сипоҳи сафшикан ва лашкариёни далеру шуҷоъ низ ишора карда, онро хеле зебо ба тасвир кашидааст, ки аз ҳунари баланди шоирии Мунҷик шаҳодат медиҳад. Шоир дар ин байт аз санъати ғулувв истифода карда, вақте мегӯяд лашкари ӯ ба ҳаракат меояду гард бармеангезад,

ба шумораи зиёд будани лашкар далолат дорад. Дар ин ҳолат аз бисёр будани шумораи лашкариён, бо бархостани гард, ҳаворо ғуборолуд месозад, ҳатто нури ҳаворо муоина кардан имкон надорад. Ва ҳангоме ки аз ин лашкари бешумор якбора такбир садо медиҳад, ғулғули душманонро пахш мекунад:

На нури ҳаво монаду на ғулғули аъдо,

Чун лашкари ӯ гард барангезаду такбир [162,10].

Ва байти охире, ки аз ин қасида боз монда, ба сахову эҳсони амир ишорат дорад, ки аз хислатҳои ҳамидаи подшоҳони сомонӣ, аз ҷумла чағонӣ будааст. Бинобар ин, шоир "кафи теғгузор"-и амирро ба "абри баҳор" ташбеҳ кардааст. Яъне, кафи шоҳ ба кафи бахшанда монанд шуда, сифати "хайййр" (сахокунанда, анҷомдиҳандаи корҳои неку ҳамида)-ро махсус таъкид кардааст:

Чун абри баҳор аст кафи теғгузораш,

Бе он ки бихоҳанд, ҳаме борад ба хайййр [162, 10].[36]

Қасидаи дуюми Мунҷик аз 9 байт иборат аст. Шоир дар ин қасида аз "Тоҳири парвизтахти хусравбахт" ёд намуда, ки онро дар фасли марсияҳои Мунҷик баррасӣ хоҳем кард.

Зимнан бояд гуфт, ки қасидаи сеюми дар мадҳи амир Тоҳир ибни Фазл сурудаи Мунҷик фақат дар китоби "Девони Мунҷик. Ашъори пароканда", ки аз ҷониби Эҳсон Шаворибии Муқаддам таҳия ва чоп шуда, ки мураттиб онро аз ҷунги 53-уми хазинаи Донишгоҳи адабиёти Теҳрон рӯнавис карда, ки бо мисраъҳои зер хатм мешавад:

Бақо-т хоҳам, то чархро бақо бошад,

Адӯи давлат пайваста аз ту дилкаслон.

---

[36] Ин байт дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" чунин омада:

Чун абри баҳор аст кафи теғгузораш,

Бе он ки бихоҳанд, ҳаме борад бар хир.

Ҷавоб гуфтам онро, ки мир Тоҳир гуфт,

Маро вафои каримону хайри муҳтамилон [162, 21].

Мамдуҳи дигари шоир амир Фахруддавла Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ мебошад. Чунонки, аз шарҳи ҳоли Мунҷик бармеояд, ӯ Фахруддавла Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағониро, ки дубора аз соли 381 Чағониёнро бо ёрии Абулҳасан Фоиқ Нуҳ ибни Наср аз писари амузодааш бозгирифта ва соҳиби тахту тоҷ гардида буд, васф кардааст. Аз қасидае, ки Ризоқулихони Ҳидоят порае аз онро дар "Маҷмаъ-ул-фусаҳо" иқтибос кардааст, чунин мулоҳиза мешавад, ки замони сурудани он бояд соли 381 ҳ.қ. бошад, ки Фахруддавла "шоҳи Чағониён" буда ва дар абёти қасидаи мазкур ба ин маънӣ баъзе ишораҳо мавҷуд аст. Чунончи:

Ҳаво қазост, ҳаворо ба ҳила натвон зад,

Чу парниён ба бари тири ӯ чу з-оҳан сард.

Ҳавост ин ки ҳамедорадам дар ин шабҳо

Мунодиму-д-дабарону муроъию-л-фарқад.

Пур аз бадоеъ лафзу пур аз саноеъ даст,

Пур аз маҳофиз чашму пур аз зароиф хад.

Фиғони ман ҳама з-он зулфи бетакаллуфи ӯст,

Фиганда табъ бар-ӯ бар ҳазор гуна уқад.

Расида офати нашпили ӯ ба ҳар гоме,

Ниҳода куштаи осеби ӯ ба ҳар машҳад.

Чун ӯ на ҳасту на буду на низ хоҳад буд,

Фироқи ӯ мутавотир, ҳавои ӯ сармад.

Ба сони умру атои худойгони бузург

Абулмузаффар-шоҳи Чағониён Аҳмад.

Ҳама сифоти худованд бар ӯ зебост,

Бурун аз ин ду сифат "лам ялид ва лам юлад".

Бад-он гаҳе ки баровconfigurations шуд замин аз гард,

На водӣ аз кӯҳ пайдо шуд, на абяз аз асвад.
Ба пушти мардон-бар пора карда захми гиреҳ,
Ба рӯи аспон-бар сурх карда хуни муқвад.
Аё бадеъ шаҳе, к-ат назир на ба ҷаҳон,
Миёни халқ чу симурғ муфрадӣ, муфрад [162, 4].

Дар ашъори боқимондаи Мунҷик қасидае ба назар расид, ки аз матни он чунин маънӣ ҳосил мешавад, ки мамдуҳи он низ Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ мебошад. Зеро Мунҷик баъди ба қатл расидани амир Тоҳир ибни Фазл, ки қаблан шоир ба ӯ мадҳ мекард, ба номи шоҳи нав ба ҷулус расида, маъзаратнома менависад.

Ин қасида дар зоти худ як навъ авфи гуноҳ хостан аз малики нав ва муроҷиатнома ба ӯ мебошад. Зеро ба эҳтимоли қавӣ амир Абулмузаффар, пас аз он ки ба тахт нишаста, ба мулозимони дарбор, аз ҷумла шоирон хитоб карда гуфта бошад, ки шумо чанде пеш каси дигарро мадҳ мекардед, чи тавр боз маро ситоиш мекунед?! Барои мулоим кардан ва ба тарафи хеш ҷалб намудани амир Мунҷик ин қасидаро суруда бошад. Пораи боқимондаи қасида дорои матлаъ буда, ба андешаи мо, насиби қасида мебошад. Аз он 11 байт боқӣ мондааст

Маъзаратномае аз ман бибар, эй боди сабо,
Бигзарон бар малики мулк пас аз мадҳу сано.
К-эй ба хуршед чароғи ту фиристода фурӯғ,
В-эй ба Миррих ниҳеби ту расонида садо.
Дӯш меомадам он ҷо, ки туӣ рақскунон
Шавқ дар пешу тараб ҳамраҳу шодӣ зи қафо.
Нимае раҳ чу бирафтам, ба хирад бархӯрдам,
Гуфт, к-эй оқилаи нотиқаро роҳнамо,
Бо чунин шавқ куҷо меравию мақсад чист?

Гуфтамаш: Бар дари Кайхусрави хуршедлиқо.

Гуфт: Зинҳор дигар бода ба андоза бихӯр,

К-аз ту зоҳир нашавад нағмаи хориҷ зи наво.

Арақолуд чунин гуфтамаш: Эй айбтарош,

Хиҷлатандуд баён, гуфтамаш: Эй ҳарзадаро,

Ман на хоқонам, к-аз косаи фағфур хурам,

Ман куҷо, ҳавсалаи соғари Ҷамшед куҷо?

Ман тунукҳавсалаву соқии ӯ дарёдил,

Бар сареҳ аст, ки дар кӯза нагунҷад дарё.

Гарчи маъқул бар ӯ сохтам ин ваҷҳ, вале

Шарм метофт ба сад ғусса инонам зи қафо.

Лекин ин аҳд ба худ кардам, к-аз баъди се ҷом,

Нахурам бода, гарам даст бибӯсад мино [162, 1-2 ].

Қасидаи дигаре, ки шоир ба номи «ашрофи даҳр Абдуллоҳ» бахшидааст, ду фарзия дорад. Фарзияи аввал, ба андешаи мо, дар таркиби номи Абулмузаффар Абдуллоҳ Фахруддавла ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ номи Абдуллоҳ вуҷуд дорад. Бинобар ин, ба эҳтимоли қавӣ, муроди шоир амир мебошад ва мо аз ин андешае, ки ин ҷо матраҳ дорем, ҷонибдорӣ мекунем. Фарзияи дувум ин ки донишманди эронӣ Эҳсони Шаворибӣ бар ин назар аст, ки Абдуллоҳи мавриди назари шоир бародари Тоҳир ибни Фазл аст, бад-ин далел, ки ӯро маҳз ашроф хонда, на амиру шоҳу султону малик.

Аз ин қасида 12 байт боқӣ монда, дорои байти матлаъ мебошад ва дар байти даҳум мамдуҳи шоир чунин васф шудааст:

Ба ёди шамсаи ашрофи даҳр Абдуллоҳ,

Ки гар Убайд нависад бад-ӯ замона сазош [162, 12].

Мамдуҳи охирини шоир Абумуҳаммади Аббос мебошад. Ба эҳтимоли қавӣ ин шахс амирзода аст. Гумони моро таркиби «мири фаррухзод», ки шоир ба кор бурдааст, сидқ мебахшад. Номи мамдуҳ аз порае, ки ба даст омадааст, дар байти охир қарор дорад:

Абумуҳаммади Аббос – мири фаррухзод,

Ки занги ҷаври замона ба фарррухӣ бизудуд [162, 5].

Чунонки дида мешавад, дар ин байт далериву шуҷоати мири фаррухзодро тавсиф карда, зеро ӯ бо корҳои писандидаи худ, ки онро шоир дар таркиби "фаррухӣ" гунҷоиш додааст, "занги ҷаври замона"-ро зудуда, адолатро барқарор кардааст. Ин амирзода ҷавон будааст, ки байт ба он шаҳодат медиҳад:

Биёр, моҳо, он офтоб, к-аш бихурӣ,

Фурӯ шавад ба ду лаб в-аз ду барояд зуд [162,5 ].

Муаллифи «Таърихи адабиёти тоҷик» се хусусияти фарққунандаи қасидаҳои мадҳияи асри Х-ро аз асрҳои минбаъда ташхис додааст, ки ҷолиб мебошад:

а) Қасидаҳои мадҳии асри Х ба подшоҳони худӣ, яъне тоҷикон бахшида шуда, дар онҳо ҳукмронии бегонагон инкор карда мешаванд.

б) Аҳаммияти ватандӯстона доранд.

в) Аз нуқтаи назари забон ва услуб ниҳоят сода ва равон мебошанд [91, 179-180].

Ин гуфтаҳои Холиқ Мирзозодаро ба эҷодиёти аксарияти шоирони қасидасарои асри Х, аз ҷумла Мунҷик низ татбиқ намудан мумкин аст.

Донишманди тоҷик Ш. Ҳусейнзода дар маҷмуаи «Гуфтор аз ганҷи сухан» вобаста ба сарчашмаҳои тафаккури реалистӣ дар адабиёти тоҷик, аз ҷумла адабиёти асри Х изҳори назар карда, мулоҳизаи аҷиберо пеш меронад, ки барои ташхис кардани баъзе хусусиёти адабиёти ин давра муҳим мебошад: «Дар асри Х чунин одате будааст, ки шоирон дар шеърҳои худ бояд ба муболиғаҳои аз ҳад зиёд ва дурӯғгӯӣ роҳ намедоданд. Агар суханваре ҳадди муайяншударо риоя намекард ва аз воқеият дур мерафт, «хонандагон ва шунавандагонаш мункир шуда, шоирро газофгӯ ва тамаллуқхоҳ мешумориданд» [161, 83].

Чунонки мушоҳида шуд, дар осори боқимондаи шоир қасидаҳои ситоишӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Бояд гуфт, ки дар осори бозмондаи шоир чаҳор қасидаи нотамом ба мушоҳида расид, ки яктояш матлаъ дорад. Аз ин пора 4 байт боқӣ монда, байти матлааш чунин аст:

Эй моҳии симину ба маҳ барзада нашпил,

Дерест ба боғ-андар бар заррин қандил [162,32].

Нуктаи муҳим ин аст, ки қасидаҳои Мунҷик нафақат мавзуи мадҳро фаро гирифта, шоир дар канори он мавзуъҳои дигарро низ пайгирӣ кардааст.

Яке аз вижагиҳои қасидаҳои Мунҷик он аст, ки дар навиштаҳои ӯ тасвири табиат хеле устодона сурат гирифта, шоир ҳамчун мусаввири ҳақиқӣ бо калимот нақш меофарад. Ин гуна тасвирҳои тоза дар адабиёти форсии тоҷикӣ назир надоранд ва ҳамаи ин гувоҳи устоди бузурги сухан будани шоире чун Мунҷик аст. Воқеан, мо ба ҳамон андешаи Муҳаммад Авфӣ бори дигар бовар ҳосил мекунем, ки Мунҷикро аз шоирони соҳир дониста ва ба ғаробати сухан, хубии алфоз ва тозагии маъонӣ ва балоғати иборот ва истиороти нодири шеъри Мунҷик пай бурда буд. Ӯ наққоши мониқаламест, ки бо истиораҳои наву балеғ вожаҳоро ба ҳам мечинад, таносуби онҳоро ба назар мегирад ва муҳимтар аз ҳама ба мантиқу иртиботи сухан нигоҳи ҷиддӣ дорад. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба гул ташбеҳ кардани ёр аз назари имрӯзӣ як кори маъмулӣ ва як ташбеҳи оддӣ ба шумор меравад, вале дар саргаҳи шеъри форсии тоҷикӣ чунин тасвиргарӣ, бешубҳа, ба нубуғ ва истеъдоди шоир иртиботи мустақим дорад. Ин тасвирҳо воқеӣ буда, бо чашм дида мешавад ва ҳамин амр сабаб шудааст, ки онҳо дилнишин ва диданӣ воқеъ гарданд.

«Рухсори нигор»-ро чун «расми гул» сурат кашидан фақат дар ашъори Мунҷик ба мушоҳида расид. Дар тасаввури шоир ёри ӯ чунон зебост, ки «моҳи мустанир» (равшан) ба он намоз бараду рашк кунад.

Дар он рӯзгор бозаргонон ба кишвари Чин доду ситад мекарданд ва яке аз молҳое, ки он ҷо меоварданд, дар пораи коғаз тасвирҳои бути чинӣ буд, ки дар адабиёти форсии тоҷикии ин давра бисёр маъруф аст. Шоир он «офтобчеҳраи бутзоди сарвқад»-и хешро аз бутони Чин болотару зеботар медонад ва ҳусну ҷамоли маъшуқаашро ба «тимсоли рӯи Юсуф», ки бар ҳарир кашида шудааст, шабеҳ месозад, ки дар баробари истиораи мастур, инчунин дар он санъати талмеҳ низ истифода шудааст. Худ ба ин абёти бисёр зебо, ки дар ҳадди камол суруда шудааст, таваҷҷуҳ фармоед:

Аз боғ гул фиристад ҳар нимшаб абир,
В-аз шох андалеб фурӯсохта сафир.
Рухсори он нигор ба гул расм барканад,
В-он рӯйро намоз барад моҳи мустанир.
Эй офтобчеҳраи бутзоди сарвқад,
К-аз зулф мушк борӣ в-аз нӯки ғамза тир.
Бингошта чунин набувад бар бутони Чин
Тимсоли рӯи Юсуфи Яъқуб бар ҳарир.
Аз барги лола ду лаб дорӣ фарози рӯй,
Як мушт ҳалқаи зиреҳ аз мушку аз абир.
Гӯӣ, ки озар аз паи Зӯҳра нигор кард,
Симин-ш оразайну бар ӯ гесувон чу қир.
Гӯӣ каманди рустамияст он ду зулфи ӯ,
Аз бӯстон гирифта гули сурхро асир.
Гӯӣ Худой ду рухи ӯ аз гул офарид,
Бо доягон-ш дод ба ёқути сурх шир [162,9].

Дар ин гуна ашъори ӯ мо саҳнаҳои базми шоҳонаро намебинем, вале тасвири манзараи "фархунда Меҳргон" бо "таҳвили офтоб аҳвол"-ро дигаргун месозад, ки ранги ашрофӣ надошта, балки одиву заминист. Ҳамчунин шоир дар ин гуна ашъори васфӣ аз табиат кӯмак

гирифта, “хасоили равонии мамдуҳ”-ро “бо табиат ва аносири табиат” месанҷад [78, 322], ки таҷрибаи нодир аст.

Шоир таровату зебоии фасли тирамоҳро, ки пур аз сабзию меваҷот аст ва баъд аз Наврӯз тибқи солшумории хуршедӣ Офтоб бори дигар таҳвили вазъ мекунад ва эътидоли тирамоҳӣ омада, рӯзҳо кӯтоҳ ва шабҳо дароз мешаванд, ба риштаи тасвир кашидааст. Вақте ки ин пораи шеъри Мунҷик мехонед, аз пеши чашм дар рӯзгорони гузашта бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил кардани ҷашни қадимаи Меҳргон мисли навори филм ба таври зинда мегузарад ва хонанда эҳсос мекунад, ки дар фасли тирамоҳ чи гуна “барги бед” чу “моҳии заррин” фурӯ мерезад ва дар “оби зулол” равон мешавад. Ва дар “саропардаи суҳбат” пухтани “себу турунҷ” ва ба “ба табли реҳлат барзадани гулу бунафша давол” аз масъалаҳои меҳварии ҷашни Меҳргон ба ҳисоб меравад:

Худойгоно, фархунда Меҳргон омад,
Зи боғ гашт ба таҳвили офтоб аҳвол.
Саройпардаи суҳбат кашид себу турунҷ,
Ба табли реҳлат барзад гулу бунафша давол.
Ба сони моҳии заррин кунун фурӯ резад
Зи бед барг ба як зилзила бар оби зулол.
Куҷост он ки падар-ш оҳан асту модар санг,
Адӯи анбару уду ҷазои куфру залол.
Ба табъ чун ҷигари ошиқон тапидаву гарм,
Ба ранг чун алами ковиён хуҷаста ба фол.
Бигӯй, то бифурӯзанду барфарозонанд,
Бад-ӯ бисӯзон дайро саҳифаи аъмол [162,19].

Дар қасидаи дигаре низ шоир ҷашн гирифтани Меҳргонро аз ҷониби амири чағонӣ дар шеъри худ ба миён гузошта, ба силки тасвир мекашад ва бадал кардани ранги дашт ба «дебои гавҳар» ва овоз

кардани оҳувони халхол дар саҳро шеъри ӯро шукӯҳ мебахшад. Дар ин айём ҳанӯз ёсамин шукуфон буда, дар маҷлиси табиат бо бунафша зебоӣ меофаранд. Мунҷик бо истифода аз ин зебоиҳои дилангези табиат ба амири меҳрубон мурочиат карда, ӯро ба хуррам баргузор кардани Меҳргон даъват мекунад, ки оини Фаридунро бо фарҳангу ҳанг пос дорад. Ба иборати дигар дар шеъри шоир нишонаҳои фарҳанги зардуштӣ ба хубӣ намудор буда, унсурҳои бостонии эронӣ нисбат ба аносири исломӣ бештар аст:

Дашт чун дебои гавҳар карду оҳу ҷуқ-ҷуқ

Истода омада берун ба саҳроҳо зи танг...

Ёсамин омад ба маҷлис, бо бунафша даст суд,

Ҳамла бурданду шикаста шуд сипоҳи бодиранг...

Кори ман дар ҳаҷри ту доим нафир асту фиғон,

Шуғли ман дар ишқи ту доим ғирев асту ғаранг.

Эй гаве, к-ором ҷуди ту ҳаме дарё кунад,

Ҳар куҷо озори бухли сифлагон кардаст Ганг...

Эй амири меҳрубон, ин Меҳргон хуррам гузор,

Фарру фармони Фаридун варз бо фарҳангу ҳанг...[162,31]

Мунҷик аз ҷумлаи он шоироне будааст, ки ба расму оини меросии гузаштагонаш муҳаббати хос дошта ва аз ҷашнҳои мардумӣ, мисли Наврӯзу Меҳргон дар шеъраш бо муҳаббат ёд кардааст.

Чунин тасвирҳои ғарибу тоза дар ашъори бозмондаи шоир кам нестанд. Шоир зебоию тароватя фасли баҳор –арӯси сол, хусусан заргариҳои Наврӯзро, ки бо рангҳои сурху сапеду зарду бунафшу кабуду лаъл табиатро зебу ороиш медиҳад, дар ҳадди ниҳояти лутфи сухан нигоргарӣ мекунад ва муҳимтар аз ҳама образи асосии Мунҷик дар ин пора низ ёри зеборӯю ошиқваш мебошад:

Зулфайни баршикаставу қадди санавбарӣ,

Зери ду зулфи ҷаъдаш ду хатти анбарӣ.

Ду лаб ақиқу зери ақиқаш ду раста дур(р),

Наргис ду чашму зери ду наргис гули тарӣ.

Чашму ду зулфу ду рух ҷумла мушаъбиданд,

В-аз якдигар гирифта ҳама сеҳру дилбарӣ.

Хулди барин шудаст, нигаҳ кун ба кӯҳу даст,

Сад гуна гул шукуфта ба ҳар сӯ, ки бингарӣ.

Гӯӣ, ки муштарист ба ҳар наргисе дарун,

Рахшанда ҳамчу ду рухи маъшуқи саътарӣ.

Сурху сапеду зарду бунафшу кабуду лаъл,

Наврӯз карда бар гули садбарг заргарӣ.

Хира шавад ду чашми ту чун бингарӣ бад-ӯ,

Ҳар сӯ, ки рӯ ниҳӣ, надиҳад дил, ки бигзарӣ [162,24-25].

Омадани Наврӯзро ба худаш ва ҳамрӯзгорони хеш фархунда мешуморад. Ба назари шоир, омадани Наврӯз бо дамидани бунафша мусовист, вале касе дигар, ки бо лафзи «ту» хитоб мекунад, фаро расидани Наврӯз марахша, яъне шум аст. Ва аксари луғатҳо, бавижа Асадии Тӯсӣ дар «Луғати фурс» зайли шарҳи вожаи «марахша» байти зери Мунҷикро ҳамчу шоҳид зикр кардаанд:

Омад Наврӯзу нав дамид бунафша,

Бар мо фархунда боду бар ту марахша [162,57].

Абёти дигаре низ боқӣ мондаанд, ки дар васфи баҳор ва зебоиҳои он суруда шудааст. Чунончи:

Гуланбӯй шуд лола эдар магар.

Суманбӯй шуд боду оташ бухор [162, 43].

Шоир дар баробари вожаи “суманбӯй”, калимаи зебои дигари “гуланбӯй”-ро сохтааст, ки маънии “гули хушбӯй”-ро дорад.

Ё:

Ба сони буткада шуд боғу роғ конун гашт,

Дар ин зеван тасовиру андар он зуннор [162,43].

Ё ки:

Бад-он монад бунафша бар лаби ҷӯй,

Ки бар оташ ниҳӣ гӯгирд бафхам [162,52].

Дар баъзе луғатномаҳо порае аз қасидаи шоир зикр шудааст. Он дар тавсифи асп мебошад. Аз он се байт боқӣ мондааст, вале дар зоти худ мунҳасир ба фард аст. Бар ин асос, аксари кутуби луғат ва тазкираҳо онро ҳамчун намунаи олии тавсифи асп овардаанд. Дар се байт, шоир бо истеъдоди фитрӣ ва маҳорати баланди шоирӣ аспро, ки дар он замон ҳамчун ҳайвони асосии саворӣ ба кор мерафт, ба риштаи тасвир кашидааст. Азбаски худи ин тасвир зинда аст. аз шарҳи он худдорӣ мекунем:

Чи гуна аспе, к-аш моҳи нав бизебад наъл,

Фалак на бас бувадаш з-ин корзор аз ъор.

Ду гӯшро биниҳад чун ду барги вард чунон-к

Забон бурун кунаду зинҳор хоҳад мор.

Ба гоҳи рафтан ҳамчун чаҳор кавкаби саъд

Ду мебарояду ду ме фурӯ шавад ҳамвор [162,7].

Эҳсони Шаворибӣ як байти дигаре аз ин қасидаи нотамомро дарёфтааст, ки чунин аст:

Аз обнус даре андар фарошта бувад,

Ба ҷои оҳану симин, ҳама пешу мисмор [162,7].

Пораи дигари қасида ба ҷангнома шабоҳат дошта, аз он чаҳор байт боқӣ мондааст. Аз ин пора маълум мешавад, ки китоби «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар он рӯзгор аз ҷумлаи китобҳои машҳур будааст, ки шоир ба се бор ба таври равшан ишора кардааст. Ин пора дар мадҳи амир буда, ӯро бад-ин ваҷҳ ситоиш мекунад:

Агар ду дидаи афъӣ ба хосият бикафад,

Бад-он гаҳе ки зумуррад бад-ӯ баранд фароз.

Ман ин надидаму дидам, ки мир даст бидошт,

Баробари дили ман битракид чашми ниёз.

Ба «Шоҳнома» - бар ар ҳайбати ту нақш кунанд,

Зи «Шоҳнома» ба майдон равад ба ҷанг фароз.

Зи ҳайбати ту адӯ нақши «Шоҳнома» шавад,

К-аз ӯ на мард ба кор ояду на аспу на соз [162, 11].

Пораи дигари қасида, ки аз он чаҳор байт боқӣ монда, ба андешаи мо, бештар рангу бӯи тамсилро дорад. Ин аз он ҳикоят мекунад, ки дар асри Х ҳанӯз таъсири шеъри Рӯдакӣ, хусусан маснавии «Калила ва Димна»-и ӯ бештар эҳсос мешавад. Чунки шоир дар ин ҷо ба «Қобил» писари ҳазрати Одаму Ҳаво ва қиссаи Исмоил ва сию дандони симин талмеҳ кардааст, ки шарҳи масъалаи дувумӣ ба мо норавшан аст:

Ҷаври ман аз он зулфи балоҷӯст, азеро-к

Ҳамгунаи зоғ омаду ҳампешаи Қобил....

То саъва ба минқор нагирад дили симурғ,

То пашша накӯбад ба лагад хурд сари пил...

Обод бар он сию ду дандонаки симин,

Чун бар дирами хурд зада сим Самоил…[162,32]

Қасидаи дигари нотамоми Мунҷик, ки нав мебошад ва аз тозадарёфтаҳои Эҳсони Шаворибист, аз 4 байт иборат аст. Он дақиқан маълум нест, ки дар мадҳи кадом шоҳи чағонӣ суруда шудааст. Муҳтавои асосии ин пораро саховату каримӣ ва шуҷоату далерии шоҳ ташкил медиҳад. Ин қасида бо матлаи зер оғоз мешавад:

Эй шоҳгиру хусравбанду сипоҳкаш,

Эй абрвашу оташтеғу ҳузабрфаш,

Ду чизи ту ҳамеша зи ду чиз холист,

Ҷуди ту аз тамомӣ, теғи ту аз диҳаш.

Майдонаст базмгоҳату хуни адӯ шароб.

Теғ ойинасту шиҳаи асбон самои хваш.

Чун хайли ту барояд зери силоҳу гард,

Гуфтӣ ҳамебиханданд бар хештан ҳабаш [162,13]

Чунонки ба назар мерасад, дар ашъори боқимондаи Мунҷик қасида нақши асосӣ дошта, шоир дар сурудани ин навъи шеър чирадаст ва навовар мебошад. Дар ашъори дастраси шоир тасвирҳои наву тоза хеле зиёд аст. Суннати қасидасароӣ дар муҳити адабии Сосониён, махсусан дар доираи адабии Чағониён идома ёфта, дар баробари ситоиши шоҳон, ба масъалаҳои дигари иҷтимоӣ пардохтаанд. Ҳамин аст, ки шеъри Мунҷик дар радифи дигар шоирони ҳамасри Рӯдакӣ мақоми баландро соҳиб аст.

## III.2. Марсияҳои Мунҷик

Аз миёни ашъори боқимондаи Мунҷик ду қасидаи нотамом ва якчанд байте мавҷуданд, ки ба навъи адабии марсия тааллуқ доранд.

Шоирон дар баробари матраҳ кардани дигар масъалаҳои ҳаёт, ба масъалаи маргу мир ҳам таваҷҷуҳ карда, бинобар фавти шахсиятҳои машҳури замони худ, завҷа ва фарзандони хеш марсияҳои ҷонгудоз навиштаанд. Албатта, марсиясароӣ дар адабиёти гузаштаи мо аз марсияи машҳури асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, ки дар сӯги шоирони номдори асри Х Шаҳиди Балхӣ ва Муродӣ мебошанд, шуруъ мешавад:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам
В-аз шумори хирад ҳазорон беш...
Тӯшаи ҷони хеш аз ӯ бирубой,
Пеш к-ояд-т марги пайоғеш. [21,]

Дар сӯги Муродӣ чунин менависад:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно ки мурд,
Марги чунон хоҷа на корест хурд!
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Колбади тира ба модар супурд.
Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯйӣ бимурд [21,44].

Мунҷик ҳам шоири замони худ аст ва яке аз рисолатҳои шуаро он аст, ки ҷараёни ҳодисаҳои замони худро дар шеър инъикос намояд. Ин васила барои муайян кардани замони зиндагии шоирони мутақаддими он бисёр муҳим мебошад. Хусусан, шоироне, ки дар дарборҳои шоҳони гузашта хидмат мекарданд, дар баробари ситоиши

шоҳон, агар шоҳе ё амирзодае ҷон ба Ҳақ таслим кунад, дар сӯги ӯ ашъоре навишта, ҳам аз фавти он шахс афсӯс мехӯрданд ва дар канори ин сифатҳои накӯи ӯро як-як бармешумурданд.

Марсияи аввали Мунҷик дар сӯги амирзода Абдуллоҳ ибни Аҳмади Чағонӣ навишта шудааст. Қасида бо матлаи зер оғоз мешавад:

Хуморие, ки зи дебои аҳмарист қабош,

Гарон кунад сари моро ҳаме хумори ҳавош [5, 427].

Тибқи ахбори муаррихон, Абдуллоҳ ба воситаи сулҳе, ки падараш Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ бо Нуҳ ибни Наср карда буд, аз соли 337 ҳ. қ. дар Бухоро гаравгони шоҳи Сомонӣ буд, то он ки дар ҳамон ҷо ба соли 340 ҳ. қ. рӯзе аз асб ба замин афтод ва мурд.

Нуҳ ибни Наср - амири Сомонӣ колбудашро бо эҳтиром ба Чағониён назди падараш фиристод. Ин қасида, ки чанд байте аз он боқӣ мондааст, ба назар мерасад, ки дар бораи ҳамин рӯйдод ва дар соли 340 гуфта шуда бошад, зеро лаҳни андӯҳбору дилфигоре дорад.

Ин қасида, ки зоҳиран мадҳӣ менамояд, дар китоби "Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" аз 12 байт иборат аст, вале дар "Девони Мунҷик" Эҳсони Шаворибӣ ба он 4 байти дигар афзуда шудааст. Он сӯгномаест дар фавти нобаҳангоми амирзодаи чағонӣ Абдуллоҳ. Мунҷик, ки худ дар хидмати дарбор буд, хоста нахоста ба ҳодисаҳои муҳимми ҳаёти дарбор, аз ҷумла пирӯзиҳову шикастҳо, зодану мурданҳо ва ғайраҳо таваҷҷуҳ мекард ва табиист, ки наметавонист зери таъсири ҳодисаи дар боло зикршуда чизе нанависад. Муҳаққиқон ин гуна осорро марсияи дарборӣ унвон карданд.

Донишманди маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод дар китоби "Одамушшуаро Рӯдакӣ" ба нақл аз асари Насруллоҳи Имомӣ "Марсиясароӣ дар адабиёти форсӣ", он ҷо ки марсияҳои устод

Абуабдуллоҳ Рӯдакиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, иқтибосе меорад, ки бисёр бамаврид аст: “Ҳеч кошонае нест, ки ифрити марг бар остонааш қадам нагузорад ва гарди андӯҳу ҳиҷрон бар он напошад ва ҳеч қавме нест, ки дар марги азизону аздастрафтагони хеш ва барои бузургдошти онон маросиме надошта бошад. Ин маросим ба гунаҳои мухталиф бар ашъору маросии форсӣ таъсир гузоштааст” [44, 312 ].

Ин аст, ки дар қасидаи сӯгвории Мунҷик воқеияти таърихӣ бо диди бадеии шоир пайванди маънавӣ ва ҳиссӣ дошта, омилҳои воқеиятшиносӣ, шароит (вақту фазо, унсурҳои маънавӣ), ҷанбаи равонӣ ва дарунмояе, ки зери таъсири тасвири бадеӣ шакл гирифтааст, сохтори мундариҷавӣ ва шаклии қасидаро муайян ва мушаххас менамояд. Он чи ки дар тарзи нигориши Мунҷик диққатангез аст, дар шакли ёддошт, ки ҳосили андӯҳ аст, ба тасвир кашидани сарнавишти амири фавтида мебошад. Ин қасида сӯгсуруди пурандӯҳ бошад ҳам, воқеияти таърихиро фаро мегирад ва фақат ба хотири амири фавтида гуфта нашудааст, балки ёди шоир фаротар меравад ва замони таърихӣ ва фарҳангиро зинда месозад.

Воқеият ин аст, ки умри Мунҷик бешу кам дар даргоҳи амирони чағонӣ гузашта ва табиист, ки зиндагии шоир бо амирони марбути ӯ вобастагиҳои маънавию ахлоқӣ ва моддӣ ҳам дошт. Ба ин далел, марги амир Абдуллоҳ, ки гаравгони падараш дар сулҳи Бухоро буд, барои шоир ҳодисаи одӣ набуд, балки хаёли ӯро мутаваҷҷеҳи орзуҳо, шодиҳо, умедҳое мекард, ки бо номи амир пайванд мехӯрд.

Ин қасида, ки дар шакли комил то ба мо нарасидааст, мо наметавонем дар бораи сохтори мундариҷавӣ ва жанрии он сухани яклухт гӯем. Вале ин чанд байти боқимонда гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳодисаи рухдода барои шоире чун Мунҷик амре ғайриқобили интизор будааст. Ҳамин гуна қасидаи сӯгсурудро Фаррухӣ низ дар марги

Маҳмуд гуфтааст. Дар қасидаи Фаррухӣ воқеият бар хаёли бадеӣ афзалият дорад. Мунҷик мисли Фаррухӣ дар қасидааш аз хонаҳои “пурнавҳаву пурбонгу хурӯш”, ки “кунад руҳ фигор” сухан нагуфтааст. Низ аз дуконҳои “ҳама барбаставу бар зада ҳар як мисмор” ва коххои “пардохта аз муҳташамон” чизе нагуфтааст. Шояд гузориши муқаддамотии шоир аз марги мармузи амир то ба мо нарасида, вале ҳамин миқдори боқимондаи қасида бо баёне нобоварона аз марги “Хуморие, ки зи дебои аҳмарист қабош” хабар медиҳад, ки аз тарзи нигориши шоир воқеан ҳам сари мо аз хумори ҳавои амири фавтида гарон мешавад.

Ба андешаи шоир, амир Абдуллоҳ, ки дар давлати чағонӣ мисли офтоб чеҳранамоӣ мекард, баъди даргузашташ ҳама ҷаҳон ба мисли шаб торик гашт ва нолаву мӯя мекунад, ки дили ман аз марги ӯ харош пайдо карда ва хонаи ғаму андӯҳ шудааст. Барои он “шерхашми оҳучашм”, ки ба ҷавонии амирзода ишора дорад, фиғон мекашам, ки чашмам пур аз сиришк мешавад ва хунобаи гиря рухам бар рухам фурӯ мерезад. Умедворам, ки мақоми ту биҳишти адн бошаду ту дар он ҷо мисли ҳуре гаштузор дорӣ:

Басо шабо, ки ту гуфтӣ ҷаҳон ҳама шаб гашт,<br>
Бурун фиканд зи ҳар сӯ хазинаи зулмош.<br>
Манол-гӯяд-чандин зи каждуми зулфам,<br>
Чаро нанолам, к-андар дили ман аст харош.<br>
Фиғон зи чашми ту, эй шерхашми оҳучашм,<br>
Саройпарда ба ту чун биҳишту ту ҳурош [4, 427-428].

Вақте ки ба ёди оразi ӯ барзадам, оҳе аз дил бархезад, рафтани ӯ аз ҷаҳони фонӣ ба дорулбақо чизи табиист, вале марги амирзода, ки аз зини абп фурӯ афтоду мурд, марги тадриҷӣ мебошад. Бинобар ин, риштаи умри ӯ ба миқрози аҷал ба тавре гусаста шуд, ки ҳар вақт оразi ҷавону нуронии амирзода ба хотир меояд, сӯзу гудози дил

дучандон мешавад, чунонки фалак дар бурҷи ҷавзо ҷаҳонро бисӯзад. Бинобар ин, ба ӯ муроҷиат карда мегӯяд, ки агар зинда мебудӣ, ба мисли шоҳ Фаридун маҷлиси унс баргузор мекардӣ ва ҳамчун хусравон дар он ҳузур медоштӣ ва ойини подшоҳонро идома медодӣ. Таркиби шинондани "дарахти заррин" ба назари мо дар расми гузаштагони мо ниҳол шинондан нишонае мебошад. Пас ӯ гӯянд, ки аз меваи ин дарахт, ки фалонӣ шинонда буд, мардум шодоб шуданд. Дувум ин ки нишонаи дигари мард фарзанд аст, ба гумони ғолиб, ҳанӯз амирзода издивоҷ накарда будааст, ки шоир ба ин гуна ҳодисаҳо санъати иҳомро ба кор баста ва маънии дурро ифода карда:

Ба ёди орази ӯ барзадам зи дил оҳе,

Фалак бисӯхт, фурӯ рехт бар сарам ҷавзош.

Бисоз ҷашни Фаридун, чу хусравон биншин,

Дарахти заррин биншону барфишон зи ҷарош [4, 427-428].

Дар байти дигар, ки ин марсия махсуси Абдуллоҳ буданаш таъйид мешавад, ӯро шоир "ашрофи дахр" гуфтааст. Таваҷҷуҳ фармоед:

...Ба ёди шамсаи ашрофи дахр Абдуллоҳ,[37]

Ки гар Убайд нависад бад-ӯ замона сазош [4, 427-428].

Ин ҷо як масъалаи нозуке нуҳуфтааст. Ин масъала ба мисраи дувум, ки дар он номи Убайд навишта шудааст, мутааллиқ аст. Ин Убайд кист? Ба ёди шамсаи ашрофи дахр Абдуллоҳ, агар Убайд нома нависад, ки замона ӯро сазо диҳад. Барои кушодани рози ин байт ба мо қасидаи нотамоми Ғазвонии Лӯкарӣ, ки шахси Убайдуллоҳро равшан менамояд, кумак мекунад:

Убайдуллоҳ ибн Аҳмад – вазири шоҳи Сомонӣ,

Ҳаметобад шуое дод, аз он пурнур пешонӣ.

Ба сурат одамӣ омад, ба маънӣ нури субҳонӣ,

[37] Дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба ҷои «шамса» - «шамма» омадааст, иштибоҳ буда, маънӣ надорад.

Худоё, чашми бад хоҳам, к-аз он сурат бигардонӣ.

Бухоро хуштар аз Лӯкар, Худовандо, ҳамедонӣ,

Валекин кард нашкебид аз дӯғи биёбонӣ [4, 405].

Аз ин абёти Ғазвонии Лӯкарӣ маълум шуд, ки Убайди мавриди назари шоир вазири шоҳи Сомонӣ будааст. Мунҷик сабабгори марги амирзода Абдуллоҳро, ба гумони ғолиб, Убайдуллоҳ ибн Аҳмад диниста ва онро зикр карда, ба ӯ додани сазои муносибро раво медонад.

Дар байти дигар соҳиби хайру эҳсон ва сахову ато будани Абдуллоҳ таъкид мешавад, ки ҳар вақт ба чашму хотири мардум ин кирдори писандидаи амирзода бирасад, аз ӯ ба некӣ ёд кунад:

Ба ҳар куҷо бирасад чашму хотири мардум,

Ба сони ҳастии Эзад бувад падид атош [4, 427-428].

Байти охири қасидаи мазкур дар тавсияи амирзода буда, шоир ба худ мурочиат карда, мегӯяд, ки балоғат аз хирад духтари бадеъ бизод, ки аз дурдони нутқ рухи зебои ӯро ситоиш намоям:

Балоғатам зи хирад духтаре бизод бадеъ,

Ба дурри нутқ биёростам рухи зебош [4, 427-428].

Байтҳои нав дарёфта аз ин қасидаи Мунҷик чунинанд:

Чаро ҳаме ба хирад нашканам ду дасти умед,

Зи гавҳаре, ки ҷаҳонро фурӯ сазад дурпош.

Куҷо ба бахти раванда равон кунад рӯзе,

Ба ҷӯи давлат оби мурод бувад обош.

Миёни қубба [ба] иншодаш инак овардам,

Наёбад ин писар ҷуди ту магар азрош.

Бақот хоҳам чандон, куҷо бақо хоҳад,

Дуруст шодон бо неъмате, ки нест фанош [162,13].

Марсияи дувуми Мунҷик ба рисои Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ бахшида шудааст.

Мунҷик дар бораи Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ, ки бар Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ ғалаба карда, Чағониёнро аз чанги ӯ гирифта буд ва дар зудухӯрде, ки миёни ду писари амак ба соли 381 ҳ. қ. рӯй дод, кушта шуд, низ қасидаҳои мадҳӣ навишта буд, ки дар фасли пешин дар хусуси онҳо андешаҳои худро баён доштем.

Бояд гуфт, ки нахуст дар марсияи шоири мавриди гуфтугӯ шукӯҳ ва ҷалоли мамдуҳ ба пуррагӣ зикр шуда, марги нобаҳангоми ӯ ҳамчун василаи ибрат ёд шудааст; сониян, ҳузну малол ва ғаму андӯҳе, ки аз он фукдон шоирро фаро гирифта буд, комилан шарҳ дода шудааст; ниҳоят, шоир нисбат ба мамдуҳ, ки мухотабаш аст, чунин як эҳсосот ва хотиротеро иброз карда ва ба тасвир кашидааст, ки мамдуҳро чун дар зиндагиаш барои ӯ азиз ва дастрас ёд намудааст.

Шоир ба ёди «Тоҳири парвизтахти хусравбахт” ашк мерезад, ки дарахти давлаташ ба чархи баланд сар барназада, ба хок яксон шуд:

Ба ёди Тоҳири парвизтахти хусравбахт
Дарахти давлат сар барзада ба чархи баланд.
Бад-он замон, ки бар абтол гуна тира шавад,
Ҳама кумайт намояд зи хун сиёҳу саманд [162,6].

Ин қасида бо матлаъи зер оғоз мешавад:

Ало, ба ман деҳ он доруи равони нажанд,
Замона дида фаровону дер монда ба банд [162,6].

Мунҷик дар байти аввал ба Худованд муроҷиат намуда, аз ӯ “доруи равони нажанд”-ро талаб дорад, то мамдуҳи худро аз марг наҷот диҳад. Бинобар ин, шоир ба “ҷони ошиқ сӯзон” ва “чу рӯи ҳосид зард” ва зи меҳр пухтаву “ноёфта зи дуд газанд”, ки ин ҳама ташбеҳҳо ба ҷавон будани шоҳ ишора дорад:

Чу ҷони ошиқ сӯзон, чу рӯи ҳосид зард,
Зи меҳр пухтаву ноёфта зи дуд газанд [162,6].

Дар байтҳои поёнӣ хислатҳои шоҳи худро тавсиф мекунад, ки шоҳи фавтида дар миёни сипоҳ танаш “аз пӯлод”, яъне оҳанинтан офарида шудааст, ки ҳеч шахси осӣ наёраст ба ҷониби ӯ нуки найзаи хешро рост кунад ва аз итоат берун нашуду аламро барнаканд. Чун офтоб аз миёни гард берун ояд ва бар душман битозад ва ба ӯ пирӯз шавад:

Басо сипоҳо гӯӣ, ки ҳастӣ аз пӯлод,
Чу дур ба найза бисуфту ба теғ бипроканд.
Ба ҳеч осӣ бар нуки найза рост накард,
Ки на ба тоат бозомаду алам барканд.
Ба рӯзи базми вай, бар ганҷи гавҳараш бигрӣ,
Ба рӯзи разми вай аз ахтари адӯш биханд.
Чу офтоб зи гард андарун падид ояд,
Адӯ камар бигушояд, чу ӯ гушод каманд [162,7].

Марги инсон як ҳодисаи табиӣ буда, замона онро фаровон дидааст. Бинобар ин, вақте ки марг фаро мерасад ва, ба таъбири шоир, “чи бегонаву чӣ хешованд” яксон аст.

Бад-ин ҷафо, ки худованд кард, маъзур аст
Ба гоҳи мулк чи бегонаву чӣ хешованд [162, 7].

Дар сарчашмаҳо доир ба мамдӯҳи Мунҷик дар ин қасида иштибоҳоте роҳ ёфтааст. Аз ҷумла Ҳидоят қасидаеро, ки дар васфи Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ будааст, дар ситоиши Тоҳир ибни Ҳусайни Сиистонӣ гумон карда, ба ин васила воқеаро ба 22 сол ақиб бурдааст [59, 188].

Иштибоҳи дигар дар мавриди қасидаи мазкури Мунҷик он аст, ки воқеаи дар сафари Макка ба ҳайси ҷонишини хеш гумоштани Халаф ибни Аҳмад, ки шавҳари хоҳари Тоҳир ибни Ҳусайн омезиш ёфтааст. Тоҳир ӯро халъи силоҳ карда, худро шоҳ хонд. Халаф аз сафари ҳаҷ баргашта, бо Мансур ибни Нуҳ пайваст. Мансур ду бор ба ёрии ӯ

шитофт ва Тоҳирро шикаст дод. Халаф дубора бар тахт нишаст. Аҳмад Идорачии Гелонӣ монандии ин ду ҳодиса ва зикри номи Тоҳир дар як қасидаи Мунҷикро ба мушоҳида гирифтааст [59, 188], ки мо ҳам ҷонибдори ин ақида ҳастем.

Ба андешаи мо, қисмати аввали қасидаи «Ломия»-и Мунҷик низ ба навъи адабии марсия тааллуқ дорад, ки ба гумони ғолиб ба сӯги амири адабпарвари чағонӣ Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммад суруда шудааст. Ин бахши қасида аз 9 байт иборат мебошад.

Аз чашм гирифтани офтобро хоби завол, яъне маънии фаро расидани шабро дорад. Дар осмон баромадани "хайли ситорагони хаёл", ки ба назар намерасад, гувоҳи он аст, ки шоир аз ҳодисае андӯҳборе хабар медиҳад. Хусусан, мисраи «Ба ҷоми нола майи доғи дӯст моломол» гувоҳи он аст, хотири шоирро «доғи дӯст", яъне дидори дӯсти фавтидааш озурда сохтааст ва ӯ ба ёди рафиқаш "ҷоми нола"-ро моломол карда, дар хилват май менӯшад, то ғаму андӯҳаш таскин ёбад. Ҳатто аз нолаҳои пурсӯзу ҷонгудози ӯ ҳазордастон овоз дода, гуфта, ки нолаи ту маро аз шохи дарахт поён овард, аз ин бештар нола макун. Шоир дар ин ҳолат талмеҳ мекунад ва ба булбул посух медиҳад, вой аз дасти фироқи дӯст дигар рӯи ӯро нахоҳам дид:

Маро зи дида гирифт офтоб, хоби завол,
Куҷо бароyад хайли ситорагони хаёл.
Ба ҷома - бар биншастам, ба хилва май хӯрдам
Ба ҷоми нола майи доғи дӯст моломол.
Ҳазордастон овоз доду гуфт: Чӣ буд?
Маро зи шох фикандӣ ба нола, беш манол.
Ҷавоб додаму гуфтам: «Туро магар бинакушт,
Қазо ба дасти фироқ - андарун чароғи висол [162,15].

Гиря кардан ҷузви таркибии маросими дафн мебошад. Яъне, ба василаи гиря кардан ёди шахси гумшуда анҷом дода мешавад ва бо ин роҳ дил аз ғаму ғусса холӣ мешавад ва рӯҳи одам сабуктар мегардад.

Шоир мегӯяд, ки ба марги шоҳ чунон гиря кардам, ки дили хора хун шавад андар шах ва дарахти заранг аз гиряҳои ман ба зугол (ангишт) табдил гардад. Ва сипас ба тавсифи некӯиҳои дӯсти хеш мепардозад:

Чунон бигирям, гар дӯст бори ман надиҳад,
Ки хора хун шавад андар шаху заранг зугол.
Куҷо шуд он санами моҳрӯи ғолиямӯй,
Далели ҳар хатаре бар дили раҳӣ ба далол.
Ба зулф танг бибандад бар оҳуи тангӣ,
Ба дида дида бидӯзад зи ҷодуи муҳтол.
Фиғони ман ҳама з-он зулф, к-андар ӯ нақш аст
Ҳама тирози малоҳат бар остини ҷамол.
Таборакаллаҳ аз он чеҳраи бадеъу латиф,
Ҳама саросар феҳристи фитнаро тимсол.
Ҳавои ӯ ба дилам - бар ҳама табоҳӣ кард,
Ҳавои хубон ҷустан ҳама ғам асту вубол.
Чаро ба сабр накӯшам, ки сабрдӯст бувад,
Касе, ки баста бувад ақли ӯ камар ба камол.
Магар зи чашми мухолиф ба боғи давлати хеш
Баланд сарв набинад на навнишонда ниҳол.
Битозу он фараси тундсайр пеши ман ор,
Ки соқи ӯ зи ҷануб асту сумми ӯ зи шимол.
Дижогаҳе, ки ба беша - дарун сапедадамон
Зи бими шаннаи ӯ шер бифканад чангол.
Басо гаҳо, ки бар ӯ - бар замона кор накард,
Кашид чун пари бозон бар ӯ ба наъл ашкол [162,16-17].

Месазад ба ин нукта низ таваҷҷуҳ кард, ки Мунҷик барои сурудани марсия натанҳо аз қолаби қасида истифода кардааст. Аз ӯ рубоии бисёр зебое боқӣ мондааст, ки ба василаи он дарду алами хешро иброз дошта, ки бисёр таъсирбахш мебошад:

Ку дӯст, ки бар мурдаи[38] душман гиряд,

В-андар сари остину доман гиряд.

Хун аз дили худ ба орият бистонад,

Бар дидаи хеш ораду бар ман гиряд [162,8].

Гузашта аз ин, аз ӯ ду байти фард боқӣ мондааст, ки аз рӯи муҳтаво эҳтимол меравад, ки ҷузъе аз марсияҳои ӯ бошад:

Бар марги падар гарчи писар дорад сӯг,

Дар хок ниҳон кунад-ш монандаи пӯк [162,51].

Байти дигар:

Ё Раб, чаро набурд марг аз мо

Ин солхӯрда Золи таносонро? [162, 36].

Бартарии ин марсияҳои Мунҷик дар қиёс бо марсияҳои ҳамсони Фаррухӣ дар ин аст, ки шоир дар вақти сурудани онҳо фақат аз ашё, одамон ва ҳаводиси марбут ба сарнавишт ва шахсияти амир ёд накардааст, балки он чи ба зоҳири сарнавишти амирони Чағонӣ дахл дорад, васила буда, мабдаи асосии ҳунари шоирии ӯ дар эҷоди ин қасидаҳо тасвири образноки муҷассамаи руҳи онҳоест, ки (аз ҷумла худаш низ) сарнавишти маънавиашон бо шахсияти бузургзодагони дудмони чағонӣ пайванди ногусастанӣ дорад.

[38] Дар баъзе аз баёзҳо ба ҷои ин калима «гиряи» омада, ки ба назари мо иштибоҳи котиб аст.

## III.3. Ҳаҷву мутоиботи Мунҷик

Паҳлуи дигари фардияти ҳунарии Мунҷикро осори ҳаҷвии ӯ мушаххас месозад, ки, мутаассифона, миқдори каме аз он то замони мо расидааст. Ҳамин чанд пора ашъори ҳаҷвии шоир гувоҳи он аст, ки Мунҷик аз бузургтарин шоирони ҳаҷвнигори адабиёти форсии тоҷикии садаи чаҳоруму панҷум будааст.

Ҳаҷв, - менависад донишманди тоҷик Холиқ Мирзозода, - шахс ва ё воқеаҳои манфии ҳаётро беамон тамасхур намудан мебошад.

Ҳаҷвнигор лаҳзаҳои маҳз хандаовари воқеаҳо ва хислатҳои шахсро ёфта, онро фош ва хандахариш мекунад. Он ханда - хандаи шодию хурсандӣ не, заҳрханда аст – дар он қаҳру ғазабу нафрату адоват ифода ёфтааст. Ба ҳамин тариқ, дар асари ҳаҷвӣ нуқсонҳои ҷамъият ва одамон дар қиёфаи хандаовар фош карда мешавад ва ба онҳо нафрати хонандаро меорад [91, 180.]

Ҳаҷв аз қадимулайём дар эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик вуҷуд дошт ва дар адабиёти хаттӣ асосгузори он, ба қавли адабиётшиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ мебошад. Ин донишманд дар китоби «Одамушшуаро Рӯдакӣ» фасли махсусеро ба ҳаҷву мутоиботи Рӯдакӣ ихтисос додааст [ 44, 228-231].

Барои мисол, намунае аз осори боқимондаи устод Рӯдакӣ меорем:

Пушт кӯжу сар тавилу рӯй бар кирдори нил,

Соқ чун сӯҳону дандон бар мисоли устура.

Соҳибқирони шоирон намуди зоҳирии шахси ҳаҷвнамудаи хешро бо вожаҳои «пушткӯж» (букрӣ), «сартавил» (тоссар) ва ташбеҳҳои «рӯй бар кирдори нил» (кабуди сиёчатоб) ва ба сӯҳон монанд кардани соқ ва мисли устура, яъне поку дандонҳояшро тасвир мекунад.

Чунонки мулоҳиза мешавад, дар асарҳои ҳаҷвӣ, чи назм ва чи наср, шоир ё нависанда ҳақ дорад, ки ашё ва хислатҳои

ҳаҷвшавандаро аз будааш зиёд ҳаҷв намояд. Дар ин сурат, адиб аз санъатҳои муболиға, иғроқ ва ғулувв истифода намояд, то ки хонанда ба он хислатҳо натанҳо нафрат пайдо кунад. Ба маънии дигар, ҳаҷв дар зоти худ як навъ мубориза мебошад.

Нуктаи дигар ин аст, ки на ҳар шоиру нависанда метавонад ҳаҷвнигор бошад. Албатта, ин ба истеъдоди фитрӣ ва завқу салиқаи ӯ вобастагии зич дорад.

Мунҷик ки аз шоирони ҳамасри Рӯдакист, ба назари мо, бинобар ривоҷ доштани ин навъи адабӣ онро устодона ба кор бурда, идомадиҳандаи суннати адабии устоди шоирон будааст.

Забеҳуллоҳ Сафо барҳақ навиштааст, ки "Мунҷик илова бар қудрате, ки дар мадҳ ва сохтани қасоиди бузурги мадҳӣ ва васфиву ғазал дошт, дар ҳаҷв низ саромади шоирони аҳди худ шумурда мешуд" [131,101]. Ба ифодаи дақиқтар, Мунҷик ба ширинии сухан, малоҳати гуфтор, балоғати калом, ваҷоҳати баён, ҳусни таркиб, шевозабонӣ ва нуктапардозӣ номвар шуда ва дар ҳазл низ "дасти қавӣ доштааст" [34, 102].

Мунҷик истеъдоди баланд доштани худро дар абёти алоҳида зикр намудааст. Аз ҷумла, ӯ ба шахсе, ки ҳавҷ мекунад, ишора месозад, аз таборат касе намонд, ки Мунҷик ҳаҷв накарда бошад. Ин байт гувоҳи он аст, ки шоир дар ин навъи адабӣ ҳунарманд будааст:

Аз Одам - андарун ба таборат касе намонд,
К-ӯро ҳиҷо накардаст Мунҷик ном ном [162,21].

"Ҳаҷвияҳои Мунҷик, - менависад Х. Мирзозода, - миқдоран кам бошад ҳам, нисбат ба шеърҳои ҳаҷвии шоирони дигари асри Х зиёд буда, шояд ӯ шоири асосии равияи ҳаҷвии ин аср бошад» [90, 243].

Моҳияти ин ҳадафи ҳунариашро худи Мунҷик дарк карда, дар қитъаи зер шарҳ ҳам додааст:

Қалами ман-т ҳиҷо карду ман огоҳ наям,
Зи даҳан берун кардам ба сари корд забон-ш.
Банд бар пой ниҳодам-шу сияҳ кардам рӯй,
В-аз дарозо бикафонида ҳама пушту миён-ш [4, 429].

Дар ҷои дигар, шоир худ дорои истеъдоди баланди фитрӣ будани худро дар ҳаҷв ситоиш мекунад ва ба шахси ҳаҷвшуда муроҷиат карда мегӯяд, ки ҳаҷви ту барои ман ба гунаи озмун аст. Дар пораи зер шахсе ҳаҷв карда шудааст, ки хоҷа, яъне мансабдор ва обрӯманд мебошад. Ӯ ин хоҷаро сагтабиат хонда ва шоир қалами тези ханҷармонанди худро барои он ба ҳаҷви ӯ ба кор бурдааст, ки маъмулан чунин теғи тезро барои озмун, яъне ҷароҳӣ кардани саг таҷриба мекунанд:

Эй хоҷа, мар маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту – бар кардам озмун.
Чун теғи нек, к-аш ба саге озмун кунанд,
В-он саг бувад ба қимати он теғ раҳнамун [162,22].

Дар мавриди дигар, ба шахсе, ки ҳаҷв мекунад, хитоб менамояд ҳар кӣ туро ҳаҷв карду ҳаҷви туро хонд, рӯзи қиёмат вақте ки пурсандаҳо савобу хатои шахсро мепурсанд, ӯ на гунг, балки бо забони равон посух хоҳад дод, ки айбу нуқсонҳои ӯ чунину чунон аст:

Ҳар кӣ туро ҳаҷв гуфту ҳаҷви туро хонд,
Рӯзи шаҳодат забони ӯ нашавад гунг [162,30].

Ё дар мавриди дигар мегӯяд, ки то ҷон дорам аз ҳаҷви ту даст барнахоҳам дошт. Калиди ин байт дар вожаи «луғ», ки дар гуфтори мардуми Мовароуннаҳр мавриди истеъмол буда, нуҳуфтааст. Онро Асадии Тӯсӣ дар «Луғати фурс» ба маънои «дӯшидан» оварда, ки воқеан дуруст ва он имрӯз дар лаҳҷаи мардуми Сурхондарё истифода мешавад:

Ман зи ҳиҷои ту боз буд нахоҳам,

Тоти фалак ҷону хоста накунад луғ [162,49].

Воқеан Мунҷик шоире шӯхтабъ ва латифапардоз ҳам будааст. Он чи Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар бораи шӯхтабъӣ ва огоҳии Убайди Зоконӣ гуфтааст, дар бораи ҳамаи шоироне, ки дар адаби форсии тоҷикӣ ба ҳаҷву ҳиҷо номвар гардидаанд, камубеш сидқ дорад. Зеро ҳама дар ҳолу ҳавое чун Убайди Зоконӣ, албатта, бо истисноҳое мезистаанд. Ба ифодаи Аҳмад Идорачии Гелонӣ “Нобаҳинҷориҳо, дар сояи абзори куштор, зӯргуфтанҳо, ноҳақ карданҳову ҳақ намуданҳо, ба ҳуқуқи иҷтимоии миллат таҷовуз карданҳо ва он гоҳ ба ҳиллаҳое мардумфиребона онҳоро муваҷҷеҳ ҷилва доданҳо, хулоса инҳо ва монанди инҳо табъи зудранҷу дидаи бедор ва зеҳни кунҷкову замири огоҳ ва интиқодгари огоҳони зарифи моро чунон меозурд, ки чорае ҷуз интиқод ва роҳе ҷуз танзу зарофат пешравӣ намеёфтанд...Бино бар ин аз Бундори Розӣ гирифта то Тайёни Марғазӣ, аз Мунҷики Тирмизӣ гирифта то Сӯзании Самарқандӣ, аз Абуъалои Шуштарӣ гирифта то Анварии Абевардӣ, аз Абулаббоси Рабанҷании Бухороӣ гирифта то Убайди Зоконӣ ва хулоса, ҳамаи ононе, ки чун инон будаанд, оре, ҳама ва ҳама аз муҳити озорандаи озодагони рӯшанбин ба яксон дар ранҷ будаанд” [33, 194].

Ба ин тартиб, Мунҷик дар асре мезист, ки давраи Сомониён ба охир мерасид ва кишвар аз таҳоҷуми тозиён оромиш наёфта, майдони турктозии ғуломони турк гашта буд. Ахлоқ ба фасодӣ мегароид ва дар чунин аҳволе Мунҷики Тирмизии тезбину мӯйшикофи муҳити олуда ва дағалпарвару разилнавозро зери зарбаҳои дурбини танз ва ҳазл мегирифт, то доди худ аз “кеҳтару меҳтар” ситонад.

Ин муҳит то андозае бо фаҳшу қабоҳат омезиш меёфт ва мардуми оддӣ зери зулму фишори мансабдорони турк андозҳои зиёд месупориданд. Шоир ҳушдор медиҳад, ки шунидани “ҳазлу дурӯғ” ва гуфтани ҳазл дар мусулмонии он рӯзгор баробар ба “куфр” будааст.

Бинобар ин, ҳамчу рабут, яъне ҳудҳуд сарою қасри бузургон талаб кун, агар ҳаҷви ту неш дорад, чу мор манзили ту ҷои вайрона мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки касеро ҳаҷв кардан дар рӯзгори пас аз Сомониён ба шахси шоир хатар доштааст ва ӯ ба худ паём медиҳад, ки аз чунин хатарҳо худро эмин нигоҳ дорад:

Муҳолро натвонам шунид ҳазлу дурӯғ,
Ки ҳазл гуфтан куфр аст дар мусулмонӣ.
Сарою қасри бузургон талаб ту ҳамчу рабут,
Чу мор чанд гузинӣ ту ҷои вайроне [162,25].

Нуктаи муҳим он аст, ки ҳаҷву мутоиботи Мунҷик бештарашон якбайтӣ ва қисми боқимонда аз ду байт иборат мебошад. Бинобар ин, муайян кардани он ба кадом навъи адабӣ, аз ҷумла қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, мусаммат ва ғ. мушкил аст. Дар ин асос, мо бештар ба муҳтавиёти ин жанри мустақили адабиёт, ки хусусиятҳояш дар ашъори Мунҷик ба мушоҳида мерасад, такя кардем.

Ҳаҷви Мунҷик, чунонки аз мазмуну мундариҷаи он бармеояд, моҳиятан мазҳакаро ифода мекунад. Зеро дар мазҳака метавон тасвири хандаовар ва мазоҳи шоирро хаёлан тамошо кард, ки ин, албатта, ба ҳунари шоирии адиб бастагӣ дорад.

Садрӣ Саъдиев дар таҳқиқоти арзишманди худ «Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII» ҳаҷвиёти Сӯзании Самарқандиро ба се бахш тақсим кардааст: мутоиба, мазҳака ва танз [133,89], ки ба ҳаҷву мутоиботи Мунҷики Тирмизӣ ҳам сидқ мекунад.

“Мутоиба, - менависад Холиқ Мирзозода, - (ҳазул шӯхӣ). Ғалати машҳур “мутоиба” яке аз воситаҳои тасвири бадеъӣ аст, ки асоси он хандаоварист. Дар асари ҳаҷвӣ нуқсонҳои ҷамъиятӣ ва шахс сахт танқид карда мешавад, вале дар мутоиба лаҳзаҳои хандаовари зиндагӣ бо шӯхӣ, оҳистагӣ, хушҳолӣ ва нармсуханӣ тасвир ё ифода меёбад” [91, 80].

Дар мутоиботи Мунҷики Тирмизӣ амал кардани ду симои асосӣ, мисли қаҳрамони лирикӣ ва маъшуқа ба мушоҳида мерасанд. Мо аз ин андешаи донишманди тоҷик Садрӣ Саъдиев дар мавриди мутоиба ҷонибдорӣ мекунем, ки менависад: “Дар ин мутоибот шахси маъшуқа мавриди хандаю истеҳзо буда, қаҳрамони лирикӣ шахсест, ки бар маъшуқа - предмети ханда ва ба маънии васеи ин мафҳум афроди ҷосеа ва муҳити иҷтимоӣ механдад” [133, 89].

Мунҷик аз тариқи гуфтору кирдори масхараомез метавонад қаҳрамонҳои худро мавриди хандаю истеҳзо қарор диҳад. Чунин муносибат барои фарди шоире, ки мехоҳад тавассути сухан баъзе аз камбуду нуқсонҳоро ислоҳ кунад, хос буда, масъулияти як фарди иҷтимоиро нисбат ба муҳити ҷамъиятӣ ифода мекунад.

Дигар ин ки вақте ин абёти бозмондаи шоирро аз назар мегузаронем, ҳарчанд дар қисми аъзами онҳо номи шахси ҳаҷвшуда номуаяйн бошад, вале шоир баъзе аз хислат ва характери қаҳрамонҳои лирикии онҳоро ба таври мушаххас зикр кардааст, кӣ будани онҳо ошкор мегардад.

Ин аз як ҷониб, барои инъикос кардани муҳити иҷтимоӣ кумак расонад, аз ҷониби дигар, барои чи гуна мавқеи иҷтимоӣ доштани шоир низ муҳим мебошад.

Ҳаҷвиёти Мунҷик мисли ҳаҷви шоирони гузаштаи мо бештар ҳаҷви шахсӣ мебошад. Бархе аз қаҳрамонҳои ҳаҷву мутоиботи Мунҷики Тирмизӣ шахсони мушаххас ва воқеӣ ҳастанд. Масалан, Мунҷик бо шоири ҳамзамони худ Буркаъӣ мухолифат дошта ва ӯро ҳаҷв гуфта. Дар ду маврид номи ӯ дар шеър оварда шудааст, вале дар мавриди охирин ба ӯ ҳамчун шоир мурочиат кардааст. Танҳо аз ҳамин абёти боқимондаи Мунҷик ошкор шуд, ки дар асри X шоири камшинохтае ба номи Буркаъӣ зиста ва эҷод кардааст. Дар нашрҳои тоҷикии ашъори Мунҷик буркаъӣ бо ҳарфи хурд навишта шудааст, ки ташхис додани ӯ ҳамчун шахс мушкил мебошад.

Дар қитъаи аввал, муаллиф Бурқаъиро мазоҳу масхара карда, ӯро ба “талхтар аз оби фараж” ва таъби бадашро ба гирифтагии сари паж (сурин) ташбеҳ кардааст. Чашмашро чун чашми ғук, ки аз калон-калон буда, аз косахонаи сар барҷаста мебошад ва лафч, яъне лаби дурушти овехта ба мисли даҳони бози мӯзаи Хоҷа Ҳасани Исӣ монанд сохтааст:

Вайҳак Бурқаъӣ эй талхтар аз оби фараж,
То кай ин табъи бади ту ки бигирад сар паж.
Чашм чун хонаи ғук об гирифта ҳама сол,
Лафч чун мӯзаи Хоҷа Ҳасани Исӣ каж [162,29].

Ба занни қавӣ, Бурқаъӣ шоири мавриди баҳси моро низ ҳаҷв карда бошад, вале он дастрас нест ва мо аз муҳтавои он огоҳӣ надорем. Нуктаи муҳим ин аст, ки дар байти дувум, ки номи Бурқаъӣ зикр шудааст, ӯро Хоҷа ном мебарад. Ва ин ба он далолат дорад, ки Бурқаъӣ шахси муҳтарам ва машҳури замони худ дар муҳити адабии Чағониён будааст.

Донишмандони тоҷик М. Муллоаҳмадов ва Н. Нисорӣ байти дувуми болоро иқтибос карда, сипас чунин хулоса намудаанд: “Абёти парокандаи ҳаҷвии Мунҷик ҳама ҷанбаи шахсӣ дошта, мазамmати ҷиҳатҳои зоҳирӣ ва хислатҳои фардии ашхосро дарбар мегирад. Масалан, дар байти зайл (байте, ки иқтибос шуд-шарҳи мо) чашму лаби шахсе мавриди ҳаҷв қарор гирифтааст” [94, 52].

Ҳаҷви Мунҷик бисёр тезу нишонрас аст, зеро дар байти зер ба таркиби “обдода ташӣ” мулоҳиза фармоем, маънии байт равшан мешавад. Он ба ҳайси мифтоҳи байт хидмат мекунад. Вожаи “ташӣ”-ро Алиакбари Деҳхудо маънии “хорпушти калонро гӯянд, ки хорҳои худро монанди тир андозад... Хорпушти бузургеро гӯянд, ки хорҳои аблақи сафеду сиёҳ дорад ва чун касеро бинад худро ҳаракате диҳад” [11] маънӣ ба кор бурдааст. Вале масъала инҷост, ки шоир онро ба

«обдода ташӣ» ташбеҳ кардааст. Ин манзараи бисёр зебои диданист, зеро хорпушти дорои хорҳои бузург агар тар шавад, воқеан ба “калламуш”-и ниммурдае монанд мешавад. Ба ҳеч ваҷҳ шоир ӯро хуш надошта, симои қаҳрамони худро ҳатто дар лаҳзае, ки бо нармиву муолимӣ сухан мегӯяд, ба хорпушти обдода шабоҳат додааст:

Ба ҳеч рӯй ту, эй Хоҷа Бурқаъӣ, на х(в)ашӣ,

Ба гоҳи нармӣ гӯӣ, ки обдода ташӣ [162,59].

Мунҷик, чунонки тасаввур мекунем, ҳанӯз аз қабоҳат гуфтани Бурқаъӣ хаста нашуда, бо шӯхию зарофати хос мехоҳад хислатҳои ӯро ба мазҳака кашад ва ӯро ба махлуқе ғарибу аҷибе монанд кардааст, ки ташхис кардани он душвор мебошад. Мазҳакаи нешдори Мунҷик як навъи бархӯрди шахсияш ба Бурқаъиро ифода мекунад. Мунҷик тавассути тасвири хислатҳои бади шоир мехоҳад ба намоди мазҳакавии лирикияш бештар таваҷҷуҳ намоянд.

Дар байти нахуст ӯро бо лафзи “шоирак” таҳқир мекунад, ки навиштаҳояш арзиши адабӣ надоранд ва қади ӯро ба кованҷак, яъне бодринг ташбеҳ мекунад, ки ин ба кӯтоҳқад будани шахси ҳаҷвшуда ишорат дорад. Бар замми ин, ӯро ба беҳудагӯиву бадсуханӣ муттаҳам мекунад, ки лафзи “булкунҷак” ба он ишора дорад. Маънои вожаи “булканҷак” – ҳар чизи арибу ғариб ва турфаест, ки диданаш мардумро ба ханда оварад. Аз ин ду байт чунин маънӣ меояд, ки шоири мавриди баҳсу назари Мунҷик шахси қоматпасти беҳудагӯю ҳарзагӯе будааст. Дар байти дигаре, ки аз Мунҷик боқӣ мондааст, таркиби “хиёри кованҷак”-ро истифода бурдааст, ки ба тарию тозагӣ ва ҳаҷми бузурги он ишорат дошта, онро Деҳхудо зимни шарҳи вожаи “кованҷак” ҳамчун шоҳид овардааст:

З-ин сон, ки … мехурад харза,

Сераш накунад хиёри кованҷак [162,50].

Дар байти сонӣ ин ҳаракоти ин шоирро мавриди танзу мазоҳ қарор дода, андозаи қадашро аз “куни хар фурӯтар” панҷ урш паст медонад ва ба тариқ ӯро накӯҳиш мекунад ва мурод аз манҷак барҷастагии мардона аст, ки барҷаҳидани шахси ҳаҷвшударо сабуктар аз манҷак (олат) мешуморад:

Эй шоираки ба қадди кованҷак,
Беҳудадарою сухан булканчак.
Аз ...ни хар фурӯтару панҷ урш,
Мебарҷаҳад сабуктар аз манҷак [162,14].[39]

Кӣ будани шахсияти Аҳмади Ғарча, ки қаҳрамони лирикии шоир аст, ба мо маълум нест. Фақат ба раис будани ӯ таъкид мекунад. Вале аз байти зери Мунҷик чунин маънӣ ҳосил мешавад, пушту қафои раис Аҳмади Ғарча танҳо аз сафча, яъне харбузаи хом ё норасида пур будааст. Мунҷик байти дигаре ҳам дорад, ки калимаи муродифи калимаи харбуза – сафҷа ба кор бурда шудааст:

Чун сими сафҷа шохи дарахтон ҷӯйбор,
Чун зари хафҷа барги дарахтон бӯстон [162,21].

Пас равшан мешавад, ки ин шахси ҳаҷвшаванда харбузафурӯше будааст, ки харбузаҳои ӯ хому норасидаро ба фурӯш мегузоштааст. Аз ин рӯ, мавриди мазоҳу истеҳзои шоир қарор гирифтааст:

Пушту қафои раис Аҳмади Ғарча,
Ҳеч нахоҳад магар, ки сафчаву сафча [162,57].

Дар байти дигаре ҳам номи Аҳмади Рай зикр гардида, ки ба андешаи мо ҳамон Аҳмади Ғарча аст. Шоир Аҳмади Райро қаҳба, яъне марди баду зинокор, сустаҳду бадхӯ гуфта ва ба ин сабаб хонаи ӯро ганда гуфта, ки зағор ва кундаи пӯсида монанд кардааст:

[39] Ин пора дар матнҳои тоҷикӣ чунин баргардон шудааст:
Эй шоирак, ба қадр кованҷак,
Беҳударою наҳсу булкунчак.
Аз...ни хар фурӯтарӣ як раш,
Як арш биҷҳӣ сабуктар аз мунҷак.

Аз қаҳбаву ганда хонаи Аҳмади Рай.

Монад ба зағору дар кундаи рай [162,59].

Шахси дигаре, ки номаш муайян аст, Хоҷа Абулфазли Тайиимӣ мебошад. Шоир ба хотири ёфтани пуле барои таъмини маишати рӯзгораш ба назди шахси сарватманд Хоҷа Абулфазли Тайиимӣ меравад. Ва ин шахс тақозои маро, ки манзум карда будам, бишунид, сар фурӯ тофт. Ин ҷо матлаби асосӣ дар калимаи «рова» нуҳуфтааст, ки ба маънои «зорӣ» омадааст. Аз тарсу ҳарос зора карду сар фурӯ тофт, яъне тақозои маро баровара насохт:

Рафтам ба назди Хоҷа Абулфазли Тайиимӣ,
Бар тамаи он ки моле ёбам зи зарру сим.
Рӯзи дигар чу шеъри тақозои ман шунид,
Сар дар кашид ҳамчу кашад роваро зи бим [162,21].

Баъзе аз муҳаққиқон дар даврони шӯравӣ ба тақозои сиёсати давр шоирони дарбориро ба он хотир танқид мекарданд, ки бештар ба мадҳ гароиш дошта, ба дигар анвои адабӣ таваҷҷуҳи камтар доранд. Ва ашъори ҳаҷвиро гӯиё ин шоирон аз муҳити дарбор берун таълиф карда, як навъ халқияти шеърро таъмин мекарданд. Албатта, чунин ақидаҳо то андозае саҳеҳ нестанд ва пояи илмияшон заифтар мебошад.

Мутаассифона, бояд гуфт, ки ин андеша дуруст набуда, ба наҳве маҳдуд шинохтани рисолати осори ҳунарӣ ва ҷиддӣ нашинохтани моҳияти мундариҷавӣ ва ғоявии ҳаҷви шоир аст. Дар вақташ Садрӣ Саъдиев низ ба ин андеша гароида, ба сабаби он ки "дар он (осори ҳаҷвӣ-шарҳи мо) ашхоси конкретӣ ва воқеӣ танқид шудаанд", ҳаҷви Сӯзаниро "монанди ҳаҷви дигар шоирони гузаштаи мо ҳаҷви шахсӣ" унвон карда буд, ки саҳеҳ нест [134, 101]. Чунонки донишманди шаҳири эронӣ Абдулҳусайни Арринкӯб ишора кардааст, танз ихтисос ба маънии ғайри ҷиддӣ надорад ва гоҳ маонии ҷиддӣ ҳам ба ранги

танз баён мешавад [73, 112], ки пеш аз ҳама моҳияти иҷтимоӣ дошта, шоир ба василаи танқиди иллату нуқсонҳои ашхоси алоҳида камбудиҳои муҳити иҷтимоӣ ва ахлоқи ҷомеаро ошкор мекунад. Ҳадафи Мунҷик аз ҳаҷви ашхоси алоҳида, пеш аз ҳама, ошкор кардани аъмол ва ахлоқи афродест, ки омили коҳиш ёфтани вазъи иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи солим ҳастанд. Шоир бо тасвири хулқу хӯйи фард диққати хонандаро аз ҷузъ ба кулл бурда, иллату норасоиҳои шахсиятҳо, бузургони дину давлатро ошкор ва ба ин тартиб фасоди иҷтимоию ахлоқии дар ҷомеа ҳокимро ба хонанда менамояд.

Мунҷик пеш аз Сӯзанӣ ҳамин гуна ҳаҷви иҷтимоиро дар адабиёти форсии тоҷикӣ асос гузошт. Ҳаҷви ӯ дар нигоҳи аввал масхараомез намояд ҳам, дар асл танз ва тамасхури кушандаест, ки аксаран аз ҳудуди истеҳзои нарму сабук ва зарофати муқаррарӣ берун рафта, моҳияти амиқи иҷтимоию ахлоқӣ касб мекунад. Дар ин замина метавон аз ҳаҷвияҳои нешдори Мунҷик сухан гуфт. Дар ин гуна ҳаҷвияҳо шоир чеҳраи маънавии ашхоси ҷудогонаро тасвир ва касолатҳои ахлоқии онҳоро фош кардааст, ки аксаран ба дараҷаи ифшои рози шахсият расида, заминаи фурӯпошии ахлоқи ҷомеаро ошкор месозад. Мисоли ин гуна ҳаҷви Мунҷик, абёти дар боло иқтибосшуда мебошад, ки дар он тасвирҳои – рӯйи пурриш, чашми бешарми шахсе, пушту қафои раиси аҳмақи ғарча, чашм чун хонаи ғук, се ҳокиманд ин ҷо чун ғулба ҳама дузд ва ғайра ҷанбаи амиқи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дошта, чеҳраи ислоҳотхоҳи Мунҷик ва моҳияти андешаи шоиронаи ӯро ошкор месозад.

Ашъори боқимондаи ҳаҷвии Мунҷики Тирмизӣ бидуни қаҳрамон мебошанд. Ба ибораи дигар, дар онҳо мисли намунаҳое, ки иқтибос овардем, шахсият ва номи қаҳрамон мушаххас нест.

Чунонки ба мушоҳида расид, шоир тавассути танқиди иллату нуқсонҳои шахсони ҷудогона камбуду норасоиҳои муҳити иҷтимоии рӯзгори худ, айбу иллатҳои ҷомеаро ошкор мекунад. Яке аз вазифаҳои асосии ҳаҷв низ раҳнамун сохтани масъулин ва ақли солим барои бартараф кардани иллату норасоиҳои афроди давлатӣ, махсусан вазирону ҳокимон ва решадор гардидани фасоду ришва мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, дар ашъори ҳаҷвии Мунҷик бевосита алоқаманд аст, танқиди зулми зимомдорони замони худ мебошад. Бад-ин далел, ки ӯ худ аз мулозимони дарбори шоҳи чағонӣ буд ва чи гуна сурат гирифтани воқеаҳоро бо чашми сар дида, шоҳиди онҳо буда, бо онҳо бархӯрд дошта ва мушоҳидаҳои шахсии хешро ба қолаби назм даровардааст.

Дар ашъори ҳаҷвии шоир баъзе аз хислатҳо ва ҳолатҳои номақбули хоҷагони дину давлат низ бисёр тунд ҳаҷву масхара карда шудааст:

Рӯят ба ришат - андар нопайдо
Чун к... марди ғарча ба румкон – дар [162,54].[40]

Дар фарҳангҳо таркиби «марди ғарча» - марди беҳамият, беномус, ба чашм худбин ва дайюс, муханнаси нодон, аблаҳ, аҳмақ, нодон ва ҷоҳил шарҳ дода шудааст ва муроди шоир аз ин байт тамасхури шахси серришест, ки аз бисёрии мӯй чеҳрааш дида намешавад.

Қаҳрамони байти зер низ муайян нест, вале ба гумони ғолиб, гап дар бораи марди калта ё қадпасте меравад, ки риши дароз дошта, ба таносуби зоҳирии ӯ халал ворид карда, ба қавли маъруф онро номутаносиб сохтааст. Дар ин манзараи музҳик, албатта, ба пеши

---

[40] Ин байт қаринаи дигар ҳама дорад, ба ин сон:
Рӯят ба зери ришак андар нопайдо,
Чун марди ғарча ба рагмони дар.

чашм буз намоён мешавад ва муаллиф бо истифода аз санъати иҳом қаҳрамони лирикии худро ба буз монанд кардааст:

Чаро-т риш дароз омадасту боло паст,

Муҳол бошад боло чунону риш чунин [162,56].

Яке аз мухтассоти ҳаҷв дар адабиёти асри Х, бешубҳа, ба тариқи равшан мушоҳидоти тасвирии он мебошад, ба эҳтимоли қавӣ, ба заминаи воқеӣ доштани он далолат мекунад. Дар ҳаҷву мутоиботи Мунҷики Тирмизӣ, ба андешаи мо, ин нукта асосӣ мебошад. Шоир талош кардааст, ки хонанда симои қаҳрамони худро равшан бибинад.

Масхараи намояндагони дину давлат, аз ҷумла хоҷа, имом, қозӣ ва ғ. аз ҷониби шоир ба омилҳои иҷтимоӣ бастагии бештар дорад ва ба ин васила мехоҳад, аз як тараф, сирру асрори онҳоро фош намояд, аз тарафи дигар, шахсияти онҳоро маълум созад. Барои мисол, дар пораи зер хоҷае мавриди танқид қарор гирифтааст, ки ғуломи рус дошта, ӯ аз ҳад зиёд "навгуворд", яъне пургӯю сергап мебошад. Дар байти дувуми ин мутоиба шоир ба масъалаи шоҳидбозӣ ё рухбозӣ ишора карда, ғуломро ба мокиён ташбеҳ кардааст. Вале муроди ӯ хоҷа буда, кирдори пасти ӯ мазоҳ шудааст:

Хоҷа яке ғуломаки рус дорад,

К-аз ногуворд хона чу тус дорад.

Эдун ба табъ к... хурад, гӯӣ

Чун мокиён ба...н – дари ...с дорад [162,28].

Шоир дар мавриди дигар ба хоҷа ишора дорад, ки ғуломи нав харида ва ӯ чаҳор хислатро дорад: сустҳил –ром, каммуқовимат, ки зуд таслим мешавад, ҳарзагард –суханчину даллок ва беҳудагӯву беҳудагард, латра – дорои либосҳои кӯҳнаю садямоқ ва малоза – бадзабону фарбеҳ. Мақсади шоир аз ин гуна тавсиф кардани ғулом корношоям будани он аст, ки хоҷа дар харидани ӯ иштибоҳ карда ва мавриди ҳаҷву мутоибот қарор гирифтааст. Ин ба нодонӣ ва аҳмақии

Хоҷа низ тааллуқ дорад, ки хубро аз бад ташхис карда наметавонад ва ҳамон зарбулмасали машҳурро ба ёд меорад: «Ҳарчӣ пеш омад, хуш омад»:

Хоҷа ғуломе харид дигар тоза,
Сустҳилу ҳарзагарду латра малоза [162,33].

Гоҳи дигар ба нодонӣ ва ҷоҳилии баъзе хоҷагон ишора мекунад, ки ба қавли маъруф –Худо давлат додааст, ақлро на. Таркиби «оҳанинсифол» ба муомилаи дурушти хоҷа ишорат дорад. Бинобар ин, шоир дар ин байт тамсили машҳури «он ҷо, ки путк бояд хоиск беҳуда аст»-ро бисёр ба маврид истифода карда, хоҷаро ба гавзи дарунхолӣ шабоҳат додааст:

Он ҷо ки путк бояд хоиск беҳудааст,
Гавз аст хоҷа сангинмағзу оҳанинсифол [162,51].

Аз назари Мунҷики Тирмизӣ ҳокимони дузду фасодкор низ дур намондааст. Ӯ онҳоро ҳам танқид карда, ба қавли мисашонро баровардааст. Нуктаи дигар ин ки дар ин байт низ шоир баршумурдани хислатҳои ин гунаduздонро барои мушаххас шудани шахсияти онҳо истифода кардааст, ки дар зоти худ ба маҳорату ҳунари шоирии ӯ вобастагӣ дорад. Образҳои ҳаҷвии офаридаи шоир бисёр аҷибанд. Онҳо ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва шахсии шоирро ифода месозанд. Агар образҳои ҳаҷвии шоирро аз нуқтаи назари усули тасвири бадеъӣ мавриди баррасӣ таҳлил намоем, ки бисёр навиштаҳои шоир дар адабиёти асри Х тоза буда, собиқа надоранд. Дар байти зер, шоир чунин манзарарo ба мушоҳида мегирад, ки дар давлати дудмони Чағониён се ҳокимаке зиндагӣ мекардаанд, ки рӯзу рӯзгорашон ба василаи талаву тороҷ кардани моли мардум ба даст меояд ва онҳоро Мунҷик рӯирост "дузд" меномад. Ва муҳимтар аз ҳама ба тамсил рӯй меорад, зеро калимаи "ғулба" – маънои "акка"-ро дошта, зоғчаи сиёҳу сафед, яъне аблақ аст.

Ин паранда чунин хислате дорад, ки аз хонаҳои мардум чизҳои қобили хӯрданиро, ба мисли ғалла, ҷав, дони ҷуворӣ, мош, нахӯд ва ҳатто меваҷотро медуздад ва лақаби “парандаи дузд”-ро дорад. Шоир образе меофарад, ки ҳокимони фармонфарморо ба “ғулба” ташбеҳ кардааст. Агар ғулба ҳар чизи қобили истифода ба хӯрданро дуздад, ҳокимони замони ӯ дорои чаҳор хислат будаанд, ки аз дигарон фарқ доранд. Ин хислатҳои мартуб ба ҳокимон: майхорагӣ, занборагӣ, малъунӣ ва хасисӣ будааст, ки ба ин восита симои ҳақиқии онҳоро мушаххас месозад:

Се ҳокимаканд ин ҷо чун ғулба ҳама дузд,

Майхораву занбораву малъуну хасисанд [162,41].

Ҳамин тафриқаи иҷтимоӣ сабаб шудааст, ки шоир ба маҷлисиёни ҳазрати шоҳ бо суол мурочиат намояд, ки оё дарёи шумо наҳанг дорад ва ба номи Худованд онҳоро қасам медиҳад, оё ранги он ноне, ки шумо тановул мекунед, аз ноне, ки мо мехӯрем, фарқ дорад. Тариқи ин образ шоир мехоҳад тафовути дарбориёнро аз мардуми оддӣ нишон диҳад, ки ба адами адолати иҷтимоӣ ва набудани баробарии яксони мардум далолат дорад. “Ҳаёти дарбории шоир аз он ҷиҳат хуб буд, - менависад Холиқ Мирзозода, - ки ёрии моддӣ мегирифт, шуҳрат пайдо мекард ва девони шеърҳо ба воситаи котибони дарбор паҳн мешуд. Аммо хизмати дарбории шоир ҷиҳатҳои манфии бисёр ҳам дошт: аввало аз ҷиҳати ғоявӣ, рӯҳӣ ва эҷодӣ маҳдуд аст. Вай бояд мувофиқи табъи шоҳ шеър гӯяд, ӯро мадҳ ва душманонашро ҳаҷв кунад, бо ин роҳ ба худ душман ҳам пайдо мекунад. Шароити бади дигари дарбор ин аст, ки он ҷо муносибатҳо ба рашку рақобати шоирон асос ёфтааст, ки он оқибат ба душманӣ меанҷомид, боиси иғвою туҳматҳо мегашт. Ҳар кас бо ҳар роҳ, ки худро ба подшоҳ наздик мегирифт ва аз раъйи ӯ истифода мекард, ба ҳариф ва рақибаш зараре оварда метавонист” (Х. Мирзозода, с. 173). Ба ин гуфтаҳо ду байти Мунҷик далел шуда метавонад:

Эй маҷлисиёни ҳазрати шоҳ,

Дарёи шумо наҳанг дорад.

Аз баҳри Худо маро бигӯед,

То нони шумо чӣ ранг дорад? [162,4-5]

Дар чунин вазъияти бади иҷтимоию ахлоқӣ шоире мисли Мунҷик наметавонист ба муҳити олудаву дағалпарвар ва разилнавоз дил бандад. Танҳо имкон дошт, ки бо теғи ҷоншикори танзу ҳазл дарди инсони ҷомиаашро ифшо созад:

Ҳама тафохури онҳо ба ҷуду дониш аст,

Ҳама тафохури инҳо ба ғошия-сту ҷиноғ [5, 429].

Мунҷик дар чанд маврид сарватмандони хасису мумсикро ҳаҷв карда ва хасосатро яке аз хислатҳои разилаи инсон ба ҳисоб меоварад. Ин байт аз лиҳози баён низ тозагӣ дошта, хусусан дар мисраи дувуми он чеҳраи воқеии мумсикро ба хубӣ тавсир кардааст. Яъне, қаҳрамони шоир чунон марди хасису мумсике будааст, ки аз каффи ӯ ҳатто наметавон донаи наскро, ки бисёр хурд аст, берун овард. Чунин тасвирҳо қувваи фошкунандагӣ дошта, феълу хислатҳои шахсони мумсику тангдастро ба намоиш мегузорад:

Он к-ӯ зи санги хоро оҳан бурун кашад,

Наске зи каффи ӯ натавон худ бурун кашид [5, 420].

Аз рӯйи муҳтаво ин байт низ ба мардуми хасис марбут аст:

Дар паи бӯи таоме чу чунон бӯй кунӣ,

Ки саги кӯи касе бӯй наёбад ба машоме [162,59].

Дар «Девони Мунҷик. Ашъори пароканда» ба ҷуз аз намояндагони табақоти ашроф ҳаҷви шахсони касбу корашон гуногун ба мушоҳида мерасанд. Барои намуна, аз роҳгардии марди дабба изҳори ҳайрат мекунад ва суол медиҳад, бо ду «хояи фанҷ» чи гуна ҳаракат мекунӣ. Ба эҳтимоли қавӣ, ба ин мард писханд мезанад, ки бисёр фарбеҳ будааст:

Аҷаб ояд маро зи ту, ки ҳаме

Чун кашӣ он гарон ду хояи фанҷ [162,39].

Шоир ба фурӯмоягон ва ҳаромзодагон рӯи хуш надорад. Дар таълимоти замони ӯ, ки исломист, аз ҳаромзода ҳамеша парҳез мекарданд ва мегуфтанд, ки ҷинсаш тоза нест. Вақте ӯ медонад, ки аслаш олуда аст, вале дар баробари ин кибру ғурур ва манманӣ мекунад, ӯро ба "астар" ба улуфаи саворӣ, яъне асп баробар медонад ва мегӯяд ҳарчанд ту дар тахтапушти асп саворӣ, вале аз хотир набарор, ки аз табори "сандӣ". Санд дар фарҳангҳои тафсирӣ ба маънии "ҳаромзода" омадааст:

Эй санд чу астар, чӣ нишинӣ ту бар астар,

Чун хештанеро накунад мард мусаххар [5, 422].

Дар байти дигар аз муродиф ё синоними ҳамин маънӣ истифода кардааст. Хашук низ ба маънии валад-уз-зино омада, шоир гуфта, ки ҳама сирру асрор дар охир ифшо хоҳад шуд, ҳатто "хашук":

Аё балоя, агар коркард пинҳон буд,

Кунун тавонӣ боре хашук пинҳон кард [162,40].

Ҳарчанд Мунҷики Тирмизӣ мулозими дарбори Чағониён буд, вале ҳаҷву мутоибаҳои ӯ дорои завқи баланди бадеӣ мебошад. Ӯро бидуни шубҳа чун устоди беҳамтои ҳаҷв метавон эътироф кард. Ҳаҷву мутоиботи шоир дорои арзиши баланди таърихӣ доранд.

Қаҳрамони баъзе аз қитаъоти боқимондаи шоир маъшуқа мебошад. Образи маъшуқа дар мутоиботи Мунҷик низ мавқеи муҳим дорад. Шоир тавассути гуфтору кирдори масхараомези ҷинси латиф баъзе хислатҳои маъшуқаро мавриди хандаю истеҳзо қарор додааст. Аз ҷумла, дар ин пораи зер шоир занеро ба тасвир мекашад, ки меҳраш чун миёнаш лоғар, яъне кам буда, кинаш чун суринаш фарбеҳ аст. Ба назар чунин менамояд, ки маъшуқааш нисбат ба ӯ бетавофут шудааст ва шоир ранҷида, бад-ин васила ӯро мазоҳ менамояд. Дар

байти дувум мехоҳад аз рухи ҷононаи хеш бӯсае ситонад, вале май, ки бо лаб таносуб дорад, ба ин фатво намедиҳад:

Меҳраш ҳама чун миёнаш лоғар,
Кинаш ҳама чун суринаш фарбӣ.
Гулзор рухаш надод рухсат,
Майро зи лабаш ба шурб фатвӣ [162,24].

Маъшуқаи шоир шанг – шӯху зариф ва ширинҳаракоту хубу зебост. Вале маънои дувуми калимаи «шанг», чунонки Алиакбари Деҳхудо, ин байти Мунҷикро шоҳид овардааст, «дарахти сарв» мебошад. Ва зимнан таркиби «шангу чанг»-ро низ тавзеҳ дода: чанг – гулнор бошад ва шанг – дарахтест бебарг ва чӯбе сахт дорад. Муроди шоир дар ин байт он аст, ки ҳарчанд маъшуқаи ширинşамоилу моҳчеҳрай, вале чун сарв дили ошиқро гулнор, яъне хун созӣ. Ба назар чун мум мулоим гуфторӣ ва дилат бисёр сангин аст:

Эй ту чу шангӣ ки ҳамчу шанг кунӣ чанг
В-эй ту чу мумӣ, ки ҳамчу мум кунӣ санг [162,30].

Зани поров образи дигари шоир аст. Вожаи «поров» дар фарҳангҳо ба маънии «зани пир» ва «гандапир» омадааст. Зани пир вақте ки бук, яъне карнайро биёбад, хеле шоду масрур мегардад ва табъаш болида мегардад. «Айюқ» ба маънои ситорае омадааст, ки нигоҳбон ва бозодоранда аз амалҳои бад буда, вале Алиакбари Деҳхудо дар «Луғатнома» менависад, ки «ва форсии ин се ситора ба қадим назди авоми эронӣ «дегпоя» будааст». Пас, муроди шоир маълум мешавад, вақте ки бук садо медиҳад, зани солхӯрда ҳамеша ҷониби дегпоя барои омода намудани таом меравад. Чун ин маънӣ ҳосил шуд, албатта, дар лаби хонанда ва шунаванда ханда зоҳир мегардад. Чунонки шоир мефармояд:

Зани поров чун биёбад бук,
Сар зи шодӣ кашад суи Айюқ [162,50].

Аммо дар баъзе аз нусхаҳо мисраи аввал дар шакли «Зани порсо чун биёбад бӯқ» омадааст, ки дар ин сурат вазни он халал меёбад.

Гармоба дар рӯзгори Мунҷик ҷузви зиндагии мардум будааст. Он дар шеъри устод Рӯдакӣ ҳам дида мешавад. Вале Мунҷик онро ба сурати ҳазлу мазоҳ истифода карда, як лаҳзаи бисёр зеборо ба қолаби шеър даровардааст. Лағзидани мардеро дар дари даҳлези гармоба, ки об аз меъёр ё ҳадди эътидол зиёд буда, чунин тасвир намудааст:

Як рӯз ба гармоба ҳаме об фурӯ рехт,

Марде бизадаш лаҷ ба ғалат бар дари даҳлез [162,46].

Яке аз санъатҳои муҳимме, ки дар ҳаҷв истифода мешавад, тамсил мебошад. Мунҷик низ дар ҳаҷву мутоиботи хеш аз ин санъат устодона истифода кардааст. Ба ин абёт таваҷҷуҳ фармоед:

Он саги малъун бирафт, ин сангро аз хештан,

Тухмро монанд бо шанг эдараш бар ҷой монд [162,40].

Ё:

Вой аз он ово, ки гар гавпора он ҷо бигзарад,

Бифганад нозода бачча, бозгирад зода шер [162,46].

Ва:

Ҷанг карда нишаста андар зин,

Бар тани кӯсадум рехта фаш [162,47].

Ё ин ки:

Гардан зи дари ҳазор силӣ,

Лафчат зи дари ҳазор забғар [162,9].

Адиби ҳаҷвнигор дар баъзе аз байтҳои худ барои қаҳрамононаш аз алфози бисёр қабеҳ истифода мебарад ва ба занни қавӣ, нисбат ба онҳо кудурат ва хусумати шахсӣ доштааст. Мо бидуни тавзеҳ чанде аз онҳоро мисол меорем:

Ба лифи хурмо печида хоҳамат ҳама тан,
Фишурда хоя ба анбур, бурида..р ба гоз [162,46].

Ва:

Меҳмон накард шодӣ чандон ба неъматаш,
К-аз баҳри к... хоҷа кунӣ ту ҳаме куруж [162,47].

Ё:

Он, ки-т кулӯхрӯй лақаб кард, хуб кард,
Зеро лақаб гарон набувад бар дили фағок.
Андар ҷаҳон кулӯх фаровон бувад, вале
Рӯи ту он кулӯх, к-аз ӯ...н кунанд пок [162,30].

Ё ки:

Чашми бешарми ту гар рӯзе биёшӯбад зи дард,
Нӯки хораш хокшӯ бод, эй дарида чашму...н [162,55].

Ё ин ки:

Эй сохта бар домани идбор таназзул,
Ғаммоз чу бабғоиву пургӯй чу булбул [162,51].

Ҳамчунон:

Пирию дарозию хушкшанҷӣ,
Гӯӣ ба г.. олуда латрғанҷӣ [162,59].

Баррасии ҳаҷву мутоиботи Мунҷики Тирмизӣ моро ба чунин натиҷа мерасонад, ки сабки ҳаҷвнигории ӯ идомаи мантиқии сабки устод Рӯдакӣ буда, бо тасвирҳои зебо, мушаххас ва зинда, суханҳои фаҳмо, таъбирҳои сода ва таносуби сухан маъруф будааст. Маҳз ба ин сабаб онҳо дар фарҳангу луғатҳои тафсирии форсии тоҷикӣ ҷой гирифта, аз нобудӣ эмин мондаанд. Мунҷик дар ҳаҷву ҳиҷо, бешак, кошифи мазмунҳои нағзу марғуб, маонии борику латиф ва бикру тоза буда, неруи тахайюл, ки гувоҳи ҳунари ӯст, дар осори боқимондаи ҳаҷвии ӯ маҳсус ва ошкор мебошад. Ҳарчанд дар ин гуна осор ӯ аз дашному фуҳшу носазо низ худдорӣ накардааст, вале чунин

ҳаҷвияҳояш низ моҳияти амиқи иҷтимоию ахлоқӣ дошта, баёнгари чеҳраи ҳунарии ӯянд. Вай ҳеч гоҳ мисли Анварӣ ба тақозои сила касеро таҳдид ба ҳаҷв накардааст, ки ин фазилати инсонию ҳунарӣ низ аз мушаххасоти сабки фардӣ ва ҳунарии ӯст. Ҳарчанд миқдори умумии чунин абёт хеле маъдуданд, вале Мунҷики Тирмизиро ҳамчун устоди мумтоз дар навъи адабии ҳаҷв муаррифӣ кардаанд.

## III.4. Абёти парокандаи Мунчик

Эҳсон Муқаддами Шаворибӣ дар таҳқиқоти арзишманди худ абёти боқимондаи Мунчики Тирмизиро ба се бахш тақсим кардааст: 1) абёти пайваста, 2) абёти парокандаи мураттаб ва 3) абёти пароканда.

Чунин тақсимбандӣ ба микдори абёти боқимондаи шоир далолат дошта, дар бахши аввал асосан қасоид ва ғазалиёти шоир, дар бахши дувум абёти прокандаи мураттаб, ки ҳудудан то 3-4 байт мондаанд ва дар бахши охир асосан ашъоре, ки фақат аз як байт иборат мебошад, фаро мегиранд.

Мо пеш аз он ки ба баррасии бахши охир пардозем, тасмим гирифтем, ки дар хусуси абёти парокандаи мураттаб, яъне ғазалҳои Мунчик низ изҳори андеша намоем.

Иллати дар ин бахш овардани ғазалҳои шоир микдоран кам будани шумораи онҳо мебошад. Аз Мунчик дар девоне, ки аз ҷониби Эҳсон Шаворибии Муқаддам таҳия шуда, аз ҷумлаи охирин ашъори матбӯъи шоир ба шумор меравад, ба ҳисоби мо, ҳамагӣ панҷ ғазал боқӣ мондааст.

Дар ғазали аввал тавсифи ёр ва табиат бештар ба мушоҳида мерасад, ки хосси ғазал, хусусан дар саргаҳи адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри X мебошад. Эҳтимол дорад, ин пора аз ҷумлаи ташбиби қасида бошад. “Аммо дар ин шеър, - менависад Холиқ Мирзозода, - тасвир аз муносибати ҳиссиёти ошиқ ва маъшуқ бо омехтагии тасвири табиат иборат аст, ки як компоненти бутуни ишқиро дарбар мегирад ва он аз матлаи ишқии шакли ғазал оғоз ёфтааст” (Х. Мирзозода, с. 242). Дар ин ғазал маҳорати тасвиргарии Мунчик хеле зиёд ба мушоҳида мерасад ва онро метавон намунаи барҷастаи ғазал дар адабиёти форсии тоҷикии асри X шумурд. Ин ғазал аз 7 байт иборат

мебошад. Масалан, шоир дар ин ғазали бисёр зебои худ калимаи тоҷики “садбарг”-ро ҳамчун номи гули маъруф ёд кардааст, ки хоси лаҳҷаи мовароуннаҳрӣ мебошад. Чунонки шоир менависад:

Зулфайни баршикаставу қадди санавбарӣ,
Зери ду зулфи ҷаъдаш дар хатти анбарӣ.
Ду лаб ақиқу зери ақиқаш ду раста дур,
Наргис ду чашму зери ду наргис гули тарӣ.
Чашму ду зулфу ду лаб ҳар се мушаъбиданд
В-аз якдигар гирифта ҳама сеҳру дилбарӣ.
Хулди барин шудаст, нигаҳ кун ба кӯҳу дашт,
Сад гуна гул шукуфта ба ҳар сӯ, ки бингарӣ.
Гӯӣ, ки Муштарист ба ҳар наргисе – дарун,
Рахшанда ҳамчу ду рухи маъшуқи саътарӣ.
Сурху сапеду зарду бунафшу кабуду лаъл,
Наврӯз карда бар гули садбарг заргарӣ.
Хира шавад ду чашми ту чу бингарӣ бад-ӯ,
Ҳар сӯ, ки рӯ ниҳӣ, надиҳад дил, ки бугзарӣ [162,24-25].

Ғазали дигари шоир низ дар тавсифи маъшуқа гуфта шуда, аз 12 байт иборат аст. Он бо матлаи зер оғоз мешавад:

Чи дурр аст он ба зери лаълу шаккар,
Чи моҳ аст он ба зери меғи анбар [162,7].

Дар он ду нуктаи муҳим мавҷуд аст: шоир дар мавриде ба нофи оҳуи Хархез ишора мекунад, ки мушк аз он рӯяд. Хархез, бино ба таҳқиқи Саид Нафисӣ дар китоби “Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ”, яке аз ноҳияти Бухоро мебошад, ғизолони зебо дорад:

Ба нофи оҳуи Хархез монад
Насими ёсамину варди аҳмар [162,8].

Нуктаи дувум он аст, ки шоир аз Борбад ёдовар шуда, нағмаи мурғони навогарро ба мусиқии асили ин хунёгари бузург муқоиса мекунад:

Ба зери Борбад монад ба дастон
Ҳаме минқори мурғони навогар [162,8].

Ғазали севуми Мунҷик низ ишқӣ мебошад. Дар китоби "Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" ин ғазал дар се пораи алоҳида омадааст, ки иштибоҳи таҳиягарон мебошад. Гумони ғолиб он аст, ки таҳиягарони ашъори Мунҷик онҳоро аз ҷунгу баёзҳои гуногун дарёфтаанд. Аммо мо ба ин ақида ҳастем, ки вазни ин ду пора як буда, бо ҳам иртиботи маъноӣ ва сохторӣ доранд. Вазни он мустафъилун мафоилун мустафъилу фаӯл аст.

Пораи аввал:

Эй хубтар зи пайкари дебои арманӣ,
Эй поктар зи қатраи борони баҳманӣ.
Он ҷо, ки мӯи ту, ҳама барзан ба зери мушк,
В-он ҷо, ки рӯи туст, ҳамеша бараҳманӣ [162,24].

Пораи дуюм:

Андар Фурот ғарқам, то дида бо ман аст,
В-андар баҳори ҳуснам, то ту бари манӣ.
Гар ангубинлабӣ, сухани талх мар чарост,
В-ар ёсуманбарӣ, ту ба дил чун ки оҳанӣ [162,25].

Пораи севум:

Мангар ба моҳ, нураш тира шавад зи мушк,
Магзар зи боғ, сарви сиҳӣ пок бишканӣ.
Хуррамбаҳор хонад ошиқ туро, ки ту
Лоларуху бунафшахату ёсумантанӣ.
Моро ҷигар ба тири фироқи ту хаста гашт,
Эй сабр бар фироқи бутон нек ҷавшанӣ [162,25].

Чунонки дида мешавад, дар ғазали боло муносибатҳои поки ошиқона ҳамеша бо сифатҳои неку писандидаи зебоӣ ва латофати ҳусни инсонӣ тасвир шудааст.

Илова ба ин, Эҳсон Муқаддами Шаворибӣ боз 1 байти нави дигар дарёфта, ба он илова кардааст, ки дар маҷмӯъ 8 байтро ташкил дода, як ғазали комилро ташкил мекунад:

Куштӣ маро ба дӯстиву кас накушта буд,

З-ин зортар касеро ҳаргиз ба душманӣ [162,25].

Муҳаммад Умари Родуёнӣ дар китоби "Тарҷумон-ул-балоға" зимни таърифи санъатҳои бадеӣ чанд байти Мунҷикро низ овардааст, ки ба шоири мумтоз ва машҳур будани ӯ далолат дорад. Аз ҷумла, байти:

Эй номаи офтоб зи Кайвон,

Баҳромсиҳиву Муштариунвон [162,32]–ро барои санъати илтифот мисол овардааст. Он байти матлаъ мебошад. Се байти дигарро Эҳсон Шаворибии Муқаддам аз фарҳангу луғатномаҳо дарёфта, ба он афзудааст, ки дар айни замон 4 байтро ташкил мекунад:

Тур аст ба навбат андарун заррин,

Тир аст ба заҳмат андарун паррон.

Он ҷо, ки ақими хашми ту озар,

Он ҷо, ки насими сулҳи ту найсон.

Ар чӣ ба мисли мунозиат Хизр аст.

Андар ниҳадаш аҷал ба лаб пистон [162,32-33].

Ва ниҳоят ғазали панҷум бо ин матлаъ шуруъ мешавад:

Бомдод асту ҳаво кӯи ҳабиб аст ба ҷӯш,

Абри торик баромад [ба] май рӯшан кӯш [162,13].

Ин ғазал аз панҷ байт иборат буда, эҳтимол меравад, ки ноқис бошад. Он дар бораи май ва зар баҳс мекунад.

Метавон ба ин хулоса расид, ғазал дар асри X аз навъҳои асосӣ ва мутадовили шеъри форсии тоҷикӣ буда, Мунҷики Тирмизӣ низ яке аз гӯяндагони моҳири он будааст.

Тибқи маълумоти Эҳсон Шаворибии Муқаддам аз Мунҷики Тирмизӣ 126 абёти пароканда боқӣ мондааст. Бояд гуфт, ки дар асри X гуфтани фардбайт расм набудааст. Ва бегумон ин байтҳои пароканда аз таркиби ашъори Мунҷики Тирмизӣ ҳангоми зарурат, хусусан таҳияи луғату фарҳангҳои тафсирии форсии тоҷикӣ баргирифта шудаанд.

Аз Мунҷик байтҳое боқӣ мондааст, ки сиришти вижаи гӯяндаашонро ифода мекунанд. Аз чунин намунаи ашъори ӯ бармеояд, ки вай фақат ба ситоишгарӣ машғул нашуда, балки аз канори норавоиҳо ба осудагӣ ва бепарвоёна намегузаштааст, аз дидани ношоистаҳо чашм намепӯшида ва айбпӯш низ набудааст.

Ӯ дар тавсифи бозаргоне гуфта:

Гандум биёр аз Калак, аз Домғон бибар

З-анвои меваҳову зи ақсоми ғаллаҳо [162,37].

Мунҷики Тирмизӣ, чунонки гуфта омад, устоди забардасти чеҳранигориву тасвирсоз аст. Каломе, ки ӯ ба силки назм мекашад, сода ва дар навбати худ равшан ва ба чашм аён мерасанд. Ба абёти зер таваҷҷуҳ намоед, ки қаҳрамони лирикии шоир ба таври зинда амал мекунад:

Моҳро дар маҳфили хуршеди ман,

Ҷой андар саффи пояндон бувад [162,41].

Ва:

Гар барфиганам гарм дили хеш ба гӯгирд,

Бе пуд зи гӯгирд забона занад оташ [162,47].

Ё:

Дод дар дасти ӯ маранда об,

Хӯрд об аз маранда ӯ башитоб [162,26].

Яке аз мавзуъҳои асосии шеъри форсии тоҷикӣ ишқ буда, шоирон кӯшиш кардаанд, ки онро ба гунаҳои мухталиф тавсиф намоянд. Аз ҷумла, дар абёти бозмондаи Мунҷик ҳам дар мавзуи мазкур байтҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо бештар лаззату иштиёқи ишқ тараннум шуда, гоҳе дигар дарди ҷудоию фироқ ба назар мерасад. Шоир худро бандаи нигор медонад, ки ба банди ишқи ӯ гирифтор шудааст. Ёре, ки шоир ба тасвир мекашад, ҳусну ҷамоли зебо ва дилрабо дошта, рӯяш ба «куличаи офтоб» ва «барги вартоҷ» шабеҳ будааст. Аз ин чунин маъно бармеояд, ки маъшуқаи шоир зардинарӯ буда, ки ирқи суғдӣ ё ориёӣ дорад:

Мисоли бандаву они ту, нигоро,

Куличаи офтобу барги вартоҷ [162,38].

Мунҷики Тирмизӣ дар гуфтани шеъри ошиқона низ аз шоирони забардасти замони худ будааст. Дар ин гуна шеърҳо, пеш аз ҳама, ҳиссиёти ошиқонаи шоир, ки худ қаҳрамони лирикии он аст, ғалаба дошта, дар он лаззати васл, ҳусни зебои ёр, нозу истиғно ва ишваю ҷилваҳои ӯ ба тасвир кашида мешавад. Масалан, дар пораи зери шоир гуле, ду ранг дорад, яке ба дур(р) ва дигаре ба «ақиқ» ташбеҳ шудааст, ки зебоии нигорро ба пеши чашм намоён месозад. Ва дар байти дувум барниҳодани рухсора ба рухсор, ки моҳияти муҳаббати ду дилдодаро ифода мекунад, ба таври вуқӯъгаро ба силки тасвир кашида шудааст, ки онро дар адабиёт манзаранигорӣ меноманд:

Неку гули дурангро нигаҳ кун,

Дурр аст ба зер ақиқи сода.

Ё ошиқу маъшуқ рӯзи хилват

Рухсора ба рухсора барниҳода [162,23].

Шоир дар байти зер бо истифода аз санъати муқобала ва тазодд чеҳраи қаҳрамони лирикии худро ба ваҷҳи аҳсан офаридааст. Ӯ маъшуқаи худро аввал ба моҳ ташбеҳ сохтааст, вале баъдан ба моҳ будани ёр шубҳа кардааст. Сипас ӯро ба сарв монанд кардааст, аммо дар охир ба ин ақидаи худ зид баромадааст. Далели ӯ, ин аст, ки моҳ кулаҳ напӯшад ва сарв камар набандад. Аммо ёри шириншамоили ӯ кулаҳ ба сар дошта ва қабо пӯшидаву камар баста, ки тасвири шоирро зиндатар сохтааст:

Чу моҳ буд бар сарву на моҳ буду на сарв,
Камар набандад сарву кулаҳ напӯшад моҳ [162,23].

Мунҷик дар байти зер ҳамин манзараро ба гунаи дигар офаридааст:

Ба рӯй гӯӣ моҳ аст, барниҳода кулоҳ,
Ба бурз гӯӣ сарв аст, дар миёни қабоҳ [162,23].

Ё ки:

Боло чун сарви наврасида баҳорӣ
Кӯҳе ларзон миёни соқу миён – бар [162,43].

Саҳаргоҳон дар рӯи гулҳо, аз ҷумла наргис, ки ба чашм шабоҳат дорад, афтидани шабнам манзараи маъмулӣ ва табиӣ мебошад. Вале шоир ин тасвири сода ва одиро ба ёри худ мансуб медонад ва ашки чакида истодаи ёри гуландоми худро чунон ба тасвир мекашад ва онро «сиришки ҷонрабо» меномад. Ин «сиришки ҷонрабо» сиришки одӣ нест, балки тавассути он нозу истиғнои маъшуқа ба тасвир кашида шудааст, ки худи шоир ба хонандаи хеш мурочиат карда мегӯяд, ки ту дар миёни наргисон «сиришки ҷонрабо» дидаӣ. Яъне, он фақат ва фақат махсуси ёр аст:

Миёни наргисон - андар сиришки ҷонрабо дорад,
Сиришки ҷонрабо дидӣ миёни наргисон – андар?! [162,44]

Лаҳзаҳои дидору мулоқот бо ёр дар ҳама замонҳо пур аз эҳсосоти ширин мебошад. Шоир вақте ки аз дур ёри худро дар кӯча бо кафи гуҳарафшон мебинад, яъне ёри ӯ, дар баробари ҳусну ҷамоли зебо доштан, бо зевару ороишот музайян гардидааст, ба офтоби осмон монанд гаштааст:

Ба кӯчае, ки равӣ бо кафи гуҳарафшон,

Чу осмон дара созӣ зи бас гуҳарборӣ [162,58].

Ба шавқ омадани ёр, тапидани дили беқарор ва танг ба оғӯш кашидани дилдор дар чанд байти шоир хеле зебо ба қалам омадааст, ки аз онҳо намунае меоварем:

Дили ман омада дар шавқи ту чу тундар ҷӯшон,

Хуш он замон, ки кашам танг андар оғӯшат [162,38].

Дар канори ин, шоир дарди фироқро чашидааст. Ӯ ба ёри худ мурочиат карда, мегӯяд, ки аз ишқи ту «осеван», яъне осема нашудаам, вале ин саргаштагиву парешонӣ маро аз куҷост?

Гар на ишқат кард осеван маро,

Аз чи рӯ саргаштаву осеванам [162,54].

Ӯ ёри хешро сангиндил мегӯяд, ки аз рафтани ӯ дар дили ман ҷуз нола чизе боқӣ намонд ва маро чорае нест, ки ёрро баргардонам. Вожаи «чарвида» инҷо ба маънии «ҷустани чора» омадааст:

Ӯ сангдилу ман бимонда нолон,

Чарвидаву рафт зи даст чора [162,33].

Дар мавриди тавсифи май абёти бозмондаи шоир миқдоран зиёд набошанд, вале он ба мушоҳида мерасад. Зеро дар адабиёти асри X хамриясароӣ ба ҳукми анъанаи нек даромада буд, ки ҳамоно сардафтари адабиёти тоҷик устод Рӯдакӣ бо қасидаи «Модари май» ва ғазалу рубоиёти ҷудогона бинои ин навъи адабиро гузошта буд. Хамрия навъи ҷудогонаи адабӣ буда, дар он бода, май, шароб, васоилу абзори майнӯшӣ, муғаннӣ, мусиқӣ, суруд, базм ва

хурсандиҳои инсон бозтоб мешавад. Май ҳамчун моеи махмуркунанда ҳамчун василаи шеър ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба мафҳуми маҷозӣ тасвир шудааст. Дар шеъри Мунҷик он ба маънои аслӣ омада, асли он аз ангур мебошад, ки дар шеъри форсии тоҷикӣ «духтари раз» гӯянд. Он мояи шодиву сурур ва фараҳмандии инсон буда, бо нӯшидани ҷуръае аз он ғаму дарду алами одам фаромӯш мешавад. Мунҷик онро хеле табиӣ тасвир кардааст:

Он талху бад-ӯ умри талх ширин,

Он зарду бад-ӯ рӯи зард ҳамро [162,27].

Шоир дар баробари ин, инсонро дар ҳаёти панҷрӯза даргузар медонад ва чунонки дар байти зер дида мешавад, шахсе ки дар он мавриди баҳс қарор дорад, хеле солхӯрда ва пир шуда. Бинобар ин, шоир ба Худо муроҷиат мекунад, ки солхӯрдаам, маргро ба ман осон кун, ҷони маро ба ҷонофарин бисупор, ки шаҳду талхи зиндагиро чашидаам:

Ё раб, чаро набурд марг аз мо

Ин солхӯрда Золи таносонро? [162,36]

Чунонки дар боло ишора рафт, яке аз омилҳои боқӣ мондани шеъри Мунҷик шарҳу басти баъзе калимаҳои нодир ва камистеъмол дар фарҳангу луғатҳо будааст. Мо низ баъзе абёти шоирро аз ин зовия мавриди баррасӣ қарор медиҳем, то ба ҷаҳонбинии маънавии Мунҷик тавассути вожаҳои шеъри ӯ ворид шавем. Бисёре аз ин вожаҳо имрӯз дар истифода нестанд ва ба истилоҳи забоншиносӣ онҳо ба гурӯҳи «архаизм» дохил мешаванд.

Дар байти зер маънии калимаҳои «ғулба» ва «тафшила» номаънусанд. «Ғулба» парандаест аз ҷинси зоғ, ки онро «зоғча» ҳам меноманд ва фарқаш аз зоғ дар он аст, ки каме хурдҷусса буда, пару болаш сиёҳу сафед аст. Онро имрӯз "акка" низ мегӯянд. Калимаи дигар «тафшила» мебошад. Онро Асадии Тӯсӣ дар «Луғати фурс»

чунин шарҳ баста: «Гӯшт ва гандано ва гавзи мағз ва хоядирҳам ҳар як андар кунанд ва бипазанд ва тафшила хонанд». Байт маънои ҳаҷвӣ дорад, ки дар боло тавзеҳ додем. Мо гунае, ки Деҳхудо дар «Луғатнома»-и хеш овардааст, саҳеҳ мешуморем:

Ғамзӣ, эй нобакор, чун ғулба,

Рӯй чунонки, пухта тафшила [162,58].

Аммо таҳиягарони матни тоҷикӣ «пухта»-ро ба гунаи «пахта» хондаанд, ки ғалати фоҳиш буда, байт маънои худро гум мекунад.

«Девча» - кирмаке бувад, ки ба пашм афтад. Бинобар ин дар намад падидор шудани он таносуб дорад:

Дил бипардоз замонею манеҳ пушт бад-ӯ,

Ки падидор шудат девча андар намадо [162,35].

«Табук» ба маънои «табаҷи чӯбӣ» омада ва эҳтимол дорад муарраб шуда, ба гунаи «табақ» даромада бошад:

Ман фаромӯш накардастаму нахоҳам кард

Он табуки чуву он товаи ашнони туро [162,36].

«Харғун» - номи шаҳр аст. Дар «Луғати Фурс», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» низ номи шаҳр гуфтаанд, вале шарҳ надодаанд, ки чи маъно дорад:

Бо Абибакре шавӣ чун қасаб шакаррез,

В-он дигар муъзини хом омад аз Харғуно [162,27].

«Рабуха» ба маънои хушӣ» ва «хушояндӣ» меояд. «Фарҳанги Ӯбаҳӣ» онро чунин шарҳ карда: «Хушӣ ва лаззате, ки дар вақти ҷимоъ даст диҳад», аммо дар «Фарҳанги Анҷуморо» онро «касе, ки ба ғояти лаззати орамидан расад» тавзеҳ дода, ин байти Мунҷикро шоҳид овардааст:

Гаҳ рабуха гардад ӯ бар пушти ту,

Гаҳ шавад зераш рабуха хоҳарат [162,37].

«Варда» -ро луғатнигорон «хонаи кабӯтар дар сангистон» маънӣ бастаанд ва онро «бурҷи кабӯтархон» низ хондаанд. «Това» ҳамон «тоба» аст, ки имрӯз дар забони адабии тоҷикӣ мустаъмал мебошад. Ноне, ки дар тоба мепазанд, кулча номанд:

Чун мурғаш аз ҳаво ба суи варда

Аз меъда боз това шавад нонат [162,].

Дар байти поён калимаи «нахчад» камистеъмол буда, ба маънои «рими оҳан» омадааст:

Ду мори газанда ба бари ду лаб ду сон,

З-он қаляи чун тоъун, з-он нони чу нахчад [162,38].

Ин байт дар «Луғат»-и Деҳхудо ба гунаи зер омада:

Ду мор ба газанда бар ду лаби ту дусон,

З-он қаляи чу тоъун, з-он нон ҳамчу нахчад.

«Хашук»-ро муаллифони фарҳангу луғатномаҳо ба маънии «ҳаромзода» овардаанд.

Аё балоя, агар коркард пинҳон буд,

Кунун тавонӣ боре хашук пинҳон кард [162,40].

«Олғуна» ба гунаи «олгуна» ва «гулгуна» низ ояд ва маънои сурхӣ бошад, ки занон дар рӯ моланд зиннатро. Ба маънои «ғоза», «сурхӣ» ва «сурхоб» низ овардаанд. Дар байти зери Мунҷик ба маънои луғавияш дарҷ шудааст:

Рӯ киро дар набард гардад зард,

Сурх рӯяш ба олғуна кунанд [162,41].

«Бижофад» сарморезаро гӯянд, ки дар байти Мунҷик бо «баҳоргаҳ» таносуб дорад. Ва мисраи дувумаш масалро монад, ки дар фасли баҳор дар рӯи сабзаҳо шабнам менишинад ва шутури ташна онро бихӯрад:

Агар надонӣ, биндеш то чигуна бувад,

Ки сабзахӯрда бифожад баҳоргаҳ уштур [162,44].

«Бихафад» - маънои «сурфа»-ро адо мекунад ва дар байти зери шоир ба маънои маҷозӣ омада. Яъне Боди саодатасар, ки боди сабост, агар «сурфа» кунад, боди саҳар ғолиясо, яъне хушбӯ ва муаттар шавад:

Чун бихафад боди саъодатасар,

Ғолиясо гардад боди саҳар [162,44].

«Ҷоф» дар луғат ба маънои «занеро гӯянд, ки бар як шавҳар ором нагирад ва ҳар рӯз шавҳаре хоҳад» ва «зани бидеҳкор» ва «зани қаҳба ва салита» омадааст ва шоир низ дар байти зер зани руспиро ҳаҷв кардааст:

Ҷоф - ҷоф асту шӯхгину сутург,

Зинда магзор дулро зинҳор [162,43].

«Зобгар» - зобғар бошад, яъне навкиса. Шоир ҳамин маъниро дар байт корбаст карда:

Гӯяд: Манам меҳтари бозори шаҳрҳо,

Бас коҷ хӯрд меҳтари бозору зобгар [162,29].

«Жах» - нолаи зору ҳазинро гӯянд. Овози ҳазин ва оҳиста, зорию нола, бонгу овоз, ҳаёҳу ва ҳаёбонгу ҳалолушро низ «жах» хонанд. Чунонки Мунҷик гуфта:

Бӯй барангехт гул чу анбари ашҳаб,

Бонг баровард мурғ бо жаху танбур [162,45].

«Заванҷ»-ро Асадии Тӯсӣ дар «Луғати Фурс» чунин шарҳ карда: «Асиб ва рӯда ва монанди он бувад, ки фароҳам наварданд гирд ё дароз. Рӯдаҳои гӯсфанд бошад, ки бо гӯшту пия пур карда, қоқ кунанд ва дар вақти ҳоҷат пазанд ва хӯранд». Ҳамин маъниро Мунҷик дар байти худ нек адо кардааст:

Агар ман заванҷат бихурдам гаҳе,

Ту акнун биёву заванҷам бихур [162,45].

«Гавпора» дар луғат ба маънии «рамаи гову хар» ва «галаи говмеш» тавзеҳ шуда:

Вой аз он ово, ки гар гавпора он ҷо бигзарад,

Бифганад нозода бачча, бозгирад зода шер [162,46].

«Пӯж»-ро Асадӣ ба маънии «миёни лаби боло ва бинӣ бувад» оварда, ки дар байти шоир ба маънии аслияш истифода шудааст:

Имрӯз боз пӯжат эдун битофтаст,

Гӯӣ ҳаме ба дандон хоҳӣ гирифт гӯш [162,48].

«Каноғ» - «кирми пилла бошад, яъне кирме, ки абрешим метанад». Асадӣ онро «торе, ки аз он берам ё дебо бофанд» маънӣ карда ва дар зери он байти Мунҷикро шоҳид овардааст:

Зи тобанда моҳе шудам чун чароғ,

Зи симин маҳе ҳамчу заррин каноғ [162,48].

«Ғаранг» - садои хирхире, ки ба сабаби гиря кардан ё фишурдани гулӯ дар ҳалқ ва синаи мардум афтад. Овози нарм ва шикаста бувад дар гулӯ аз гиря. Аз ҳамон решаи «ғурру ғирев» сохта шудааст. Ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ гунаи «ғурингидан» вуҷуд дорад, ки ҳамин маъноро адо мекунад. Дар байти Мунҷик ба ҳамин маъно омада:

Ба хурӯш - андараш гирифта ғирев,

Ба гулӯ - андараш бимонда ғаранг [162,51].

«Бафхам» - ба маънии бисёр бошад. Бисёр ва фаровон. Дар байти Мунҷик ба ҳамин маънӣ омадааст:

Бад-он монад бунафша бар лаби ҷӯй,

Ки бар оташ ниҳӣ гӯгирди бафхам [162,52].

«Оштин» дар луғат ба маънои «тухми мурғ» омадааст. Деҳхудо онро дар шакли «оштина» забт кардаст:

Пеш гирифта сабад ба оштин,

Ҳар як ҳамчун дар тим ҳаким [162,54].

«Кунғола» ба маънии «хостан ва хостгорӣ» кардани духтар меояд ва имрӯз низ дар забони адабии тоҷикӣ мустаъмал аст. Аммо маъноҳои дигаре ҳам дорад: дархост ва талаб; руспӣ ва фоҳиша. Деҳхудо ба ин бовар аст, ки кунғола аз калимаҳои «каниз» ва «ғола» (пасванди тасғир) сохта шуда, маънии руспиро дорад. Ба маънии «бахил ва мумсик» ва «тамаъу ҳирс» низ овардаанд. Дар Фарҳанги «Нозим-ул-атиббо» ба маънои «баҳодур» ва «паҳлавон» низ омадааст.

Аз жола пуш бад, ки кунғола,
В-он нола занад в-ин хоро машкан [162,54].

«Шакиш» - ҷуволе бошад, ки аз дӯх созанд ва он гиёҳест, ки аз он ҳасир бофанд. Дар байти Мунҷик ба маънии «ҷувол» омада, ки даҳони мухотабашро ба шакише монанд карда, ба далели он ки бадзабон буда ва лафзи нек аз он берун намеомада, ки шоир онро пур аз саргин гуфтааст. Ин байт ҳаҷвӣ мебошад:

Ду кашшаш буд монанди ду наълайн,
Даҳонаш чун шакише пур зи саргин [162,56].

«Яшма» дар луғат ба маънои «пӯсти хоми сафед» ва «чарму пӯсти хомеро гӯянд, ки ба зӯри дастмолаш расонида бошад, на ба оташи дабоғат» омада. «Чарбу» ҳамон пиҳ, яъне равғани ҳайвоноти аҳлиро гӯянд:

Чу хон ниҳод, наҳоре фурӯ ниҳад пешат,
Чу табъи хеш ба хомӣ, чу яшма бе чарбу [162,56].

«Хокшӯ» луғатнигорон онро «тухмест сиёҳрангу реза, ки онро бо кофур дар чашм кашанд», «тухмест доруӣ ва сурхи майгун бувад» тавзеҳ додаанд. Шоир аз хосияти шифобахшии ин тухм ба чашм огоҳ буда ва онро чунонки фарҳангнигорон овардаанд, ба кор бурдаанд:

Ҷуди ту суд дорад бар иллати ниёз,
Чунонки суд дорад бар чашм хокшӯ [162,56].

«Паноғ» - муншӣ, дабир ва нависандаро гӯянд ва дар байти шоир ба маънои аслӣ омадааст:

Маро паноғи ту дастинае набишт чунон,
Ки тира гардад Артанги монавӣ аз ӯй [162,59].

«Колим» ба маънии «занеро гӯянд, ки шавҳараш мурда ё талоқ гирифта бошад», яъне бева. Дар байти зер миёни «колим» ва «шӯй» санъати мутазодд истифода шудааст:

Пои ту аз миёна рафту занат
Монд колим, ки низ накнад шӯй [162,60].

Адабиёти асри X форсии тоҷикӣ аз ҳайси фарогирии мавзуъ ниҳоят рангоранг ва ғанӣ мебошад. Дар ин маврид мо ҷонибдори ин андешаи донишманди номии тоҷик Аълохон Афсаҳзод мебошем, ки дар асари «Одамушшуаро Рӯдакӣ» менависад: «Аксари адибони дигаре, ки дар ин аср рӯз ба сар мебурданд, низ соҳиби шуҳрати хос буда, аз Бухоро, Балх, Марв, Самарқанд, Чағониён, Тирмиз, Ҳирот, Сарахс, Гургон ва Нишопур барин шаҳрҳо ва бисёр музофоти Мовароуннаҳру Хуросон маншаъ гирифта, бештаринашон дар Бухоро, ки дар аҳди Сомониён маркази бузурги илмиву адабӣ ба ҳисоб меёфт, ҷамъ омада буданд. Дар замонҳои баъдина кам ба назар мерасад, ки дар як аср ин қадар суханварони соҳибмақоме ба камол расида бошанд, ки соҳиби табъи салим ва истеъдоди фитрӣ бошанд» [44,125].

Чунонки мо осори бозмонда ва дастраси Мунҷики Тирмизиро таҳқиқу баррасӣ кардем, гуфтаҳои боло ба ашъори шоири мавриди гуфтугӯи мо низ сидқ мекунад, бидуни шубҳа, аз шоирони забардасти замони худ будааст.

# Хулоса

Натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зерин ҷамъбаст гардидаанд:

1. Даврони ҳукумати Сомониён асри бартарии сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмиву адабӣ, шукуфоии фарҳангӣ ва ҳифзи суннатҳои миллии тоҷикӣ буд. Дастоварди бузурги Сомониён ҳамгироии мутлақ, фароҳам овардани шароити кору фаъолият барои аҳли илму адаб, донишпажӯҳӣ ва маърифатҷӯӣ дар ҳамаи самтҳои маорифи миллӣ буд. Илова ба ин, Сомониён барои зуҳур ва ташаккули ҳукуматҳои маҳаллӣ дар қаламрави худ тамоми имкониятро фароҳам меоварданд. Яке аз ҳамин гуна ҳукуматҳо ҳукумати Оли Муҳтоҷ будааст, ки замони тадриҷан, ба қавли Носири Хусрав, “з-Оли Сомон” “тиҳӣ” ва “аҳволу сомон”-и ин минтақа дигар шудан, хеле муддат дар ҳифзи шукӯҳу шавкати давлатдории миллӣ ва пешрафти илму адаб ва фарҳанг хидмати басазо анҷом додаанд [ 5-М].

2. Яке аз вилоятҳои давлати Сомониён, ки воҳаи Сурхонро фаро гирифта, дар масири болооби Амударё қарор дорад, Чағониён мебошад. Мардуми бумии онро “чағонӣ” ва подшоҳонашро “чағонхудот” мегуфтанд. Хонадоне, ки дар таърих ва ҷуғрофиёи форсии тоҷикӣ ба “Чағониён” маъруфанд, маҳз аз ҳамин ноҳия бархостаанд. Чағониён дудмоне буданд, ки дар эҳёи забони форсии тоҷикӣ, илму адаб ва ҳифзи арзишҳои милии меросӣ саҳми бузург гузошта, барои бузургтарин шоирони манотиқи мухталифи Эронзамин дар вазъиятҳои мураккаби таърихӣ паноҳгоҳ ва маҳалли зисту эҷод будаанд. Ин хитта, ки барҳақ аз бозмондагони ҳамон “чағонхудот”-ҳои даврони Сосониён ҳастанд, ба Оли Муҳтоҷ ва Муҳтоҷиён низ машҳуранд. Аз насли ин табори шуҳратманд ду тан ба дониш ва шеър иштиҳор дошта, дар ташаккулу таҳаввули давлатдорӣ ва илму адабиёту фарҳанги форсии тоҷикӣ низ хидмати бузург

кардаанд. Яке Фахруддавла Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффар ибни Муҳтоҷ ибни Аҳмади Чағонӣ ва дигаре Абуяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Музаффар ибни Муҳтоҷ ибни Аҳмади Чағонӣ мебошанд. Ин ду амир, ки худ шоир будаанд ва абёти парокандае аз онҳо боқӣ мондааст, шоироне чун Дақиқӣ, Фаррухӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Лабибӣ ва Бадеъи Балхиро паноҳ дода, барои зиндагии осоишта ва пешрафти ҳунари шоириашон мусоидат кардаанд, бегумон, хидмати бузург дар ҳифзи муҳит, эҳёи илму адаб ва фарҳанги миллӣ мебошад [12-М].

3. Муҳити адабии Чағониён бо вазъи мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои хоси инкишоф ва ҳимоят аз аҳли илму адаб дар таърихи давлатдории тоҷикон нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Аз ин рӯ, ҳеч ҷои таааҷҷуб нест, ки шоироне чун Дақиқӣ, Фаррухӣ, Мунҷик, Лабибӣ ва Бадеъи Балхӣ дар дарбори хонадони Оли Муҳтоҷ ҷойгоҳ ва иззату икром ёфтаанд. Бо дастгирӣ, ташвиқ ва талоши амирони ин хонадон Абулмузаффари Чағонӣ ва Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммади Чағонӣ, ки ҳар ду ба шеъру шоирӣ алоқаи тамом доштанд, шеъри форсии тоҷикӣ дар ин давра ба шукуфоӣ расид, ки бо мухтассоти мавзуиву сохторӣ ва ҳунарӣ мумтоз аст [1-М].

4. Тасвирҳои шеърӣ дар эҷодиёти шоирони ин давра аксаран ҳиссӣ ва мураккаб буда, ҳар ду тарафи тасвир дар берун ҷойгир аст. Ҳамчунин аносири тасвир дар шеъри шоирон бештар миллӣ буда, унсурҳои арабият камтар ба мушоҳида мерасад [3-М].

5. Дар шаклгирӣ ва таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии шеъри ин давра, бахусус сабки инфиродӣ, корбурди мазмунҳо, донишҳо, иттилоот, шуғли шоирӣ ва зеҳнияти хоси нажодии шоирон аҳаммияти фавқулода доштааст. Ҳамчунин мавзуъ ва ғояҳое, ки замона пеш гузоштааст, дар шаклгирии идроки бадеӣ ва ҳунарии шоирон таъсиргузор будааст.

6. Дар раванди ташаккули сабки хуросонӣ нақши шоирони ин аҳд бузург буда, ин дигаргуниро мо ҳам дар корбурди саноеи бадеъӣ, сувари хаёл ва ҳам тасвиргарӣ дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоиву ахлоқӣ мушоҳида мекунем. Бо вуҷуди камистеъмол будани саноеи бадеъӣ, шеъри шоирони ин давра аз балоғату фасоҳат холӣ набуда, корбурди алфози сода, пок ва беғаш аз мухтассоти тарзи нигориши онҳост. Камистеъмол будани алфози бегона низ аз афзалиятҳои сабки ин давра ба шумор меояд .

7. Забони шеъри шоирони ин давра тозагӣ ва қудрати хос дошта, вижагии онро нирумандии баён ва тарзи устувори суханофаринӣ, ки омили табиии тақвияти шеваи тафаккури бадеист, муайян менамояд. Такя ба воқеияти одии зиндагӣ ва дар пироҳани зебо ва тасвирии забон фаро гирифтани он шайъро дар шеъри ин шоирон ба унсури бадеӣ бадал месозад. Чунин усули корбурди воситаҳои забонӣ танҳо ба хотири баёни маънии осон буда, "бар вазне хушу лафзе ширин ва иборате матину қавофие дуруст ва таркибе саҳлу маонии латиф" (Шамси Қайси Розӣ) устуворанд. Ба ин далел сабки ин давра вижагиҳои замони таърихӣ ва фарҳангиеро ифода мекунад, ки соҳибаш дар он зиста ва нишонаҳои арзишманди онро бо тарзи нигоришаш такмил дода ва ҳифз намудааст [2-М].

8. Балоғат ва фасоҳати шеъри шоирони ин давра, ки ҷузъи ҳунари тасвиргарии онҳост, яке аз омилҳои шаклдиҳии сабки инфиродии онҳост. Дар заминаи кутуби адабию таърихӣ фақат дар мисоли "маҳосини шеър ва саноати мустаҳсан"-и он аз шоирони ин ҳавза, аз ҷумла Дақиқӣ, Фаррухӣ, Мунҷик, Лабибӣ, Бадеъи Балхӣ ва Тоҳири Чағонӣ иқтибос кардаанд, ки далели эътироф ва истиқболи сабки ҳунарии онҳост.

9. Осори Мунҷик ва шоирони муосири ӯ ифодагари сабки тоза ва мондагори ашъори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва таълимӣ буда, бо содагию

равонии калом ва дар пардаи тасвир ифода кардани афкору андеша имтиёз дорад. Ин шоирон дар заминаи саноеъи лафзиву маънавӣ, бахусус тасвиргарии ақлонию ҳиссӣ сабки тозаро рӯи кор оварданд, ки назари шоирони баъдӣ ба он далели таъсиргузорӣ ва мондагории он аст [2-М].

10. Қасидаҳои Мунҷики Тирмизӣ дар сабки хуросонӣ суруда шуда, мисли дигар муосирони ӯ мазмунан мадҳӣ буда, ба ситоишу тамҷид ва мадҳу санои амирони Оли Муҳтоҷ махсус гардонида шудаанд. Яке аз мазиятҳои қасоиди Мунҷик аз он иборат аст, ки аз лиҳози корбасти вожагон, таъбирҳои мардумӣ, ибораҳои рехта ниҳоят пурмоя ва рангин аст. Сабку услуби ӯ дар сурудани шеър бо Фаррухӣ ҳамвазн мебошад ва дар шеъри ӯ тозакориҳои зиёде ба назар мерасад. Чунонки аз шеъри ӯ бармеояд, Мунҷик дар сохтани мадҳ ва қасоиди бузурги мадҳӣ ва васфӣ қудрат дошт, ба маҳорати баланди шоирӣ доштани ӯ далолат дорад [4-М].

11. Мунҷик яке аз саромадони навъи адабии ҳаҷв дар рӯзгори хеш будааст. Ҳаҷву мутоибаҳои ӯ нишонрас, ҳадафманд ва коромад буда, чунонки Ризоқулихони Ҳидоят менависад: "касе аз тири таънаш нарастӣ ва аз каманди ҳаҷваш наҷастӣ". Ҳатто, шоири асри XII Сӯзании Самарқандӣ, ки дар ҳаҷв маҳорати тамом дошт, худро бо Мунҷик муқоиса мекунад. Ин, албатта, гувоҳи он аст, ки сухани Мунҷик дар ҳаҷв мақоми шомих доштааст [12-М].

12. Дар абёти мутафарриқае, ки аз Мунҷик бозмондааст, тозагиҳои зиёде ба назар мерасанд. Шеъри Мунҷик бо лафзи хубу маънии бикр, ибораҳои балеғ ва истиораҳои нодир дар миёни ашъори ҳамасронаш шинохта ва эътироф гардидааст ва бадеънигороне чун Муҳаммад Умари Родуёнӣ ва Рашиди Ватвот дар саргаҳи илми бадеъи форсии тоҷикӣ аз абёти ӯ барои санъатҳои бадеъӣ намунаҳои зиёдро шоҳид овардаанд, ки ин бешак аз иштиҳори шеъри ӯ дар адаби форсии тоҷикӣ дарак медиҳад.

13. Сабку баёни шеъри Мунҷикро метавон идомаи мантиқии сабки хуросонӣ, ки устод Рӯдакӣ бунёд гузоштааст, номид. Зеро забони осораш забони ширадорест, ки ба ҳама табақаҳои мардум ошност ва ин моро ба ин бовар мерасонад, ки забони шеъри ӯ дар такомулу инкишофи забони адабии тоҷикӣ саҳми назаррас дорад [3-М].

14. Корбасти санъатҳои ташбеҳ, истиора, тарсеъ, таҷнис, муқтазаб (иштиқоқ), мутазодд, иънот, ҳусни тахаллус, иғроқ, муроотунназир, таҷоҳули ориф, илтифот, истидрок, суолу ҷавоб, луғаз, мукаррар ва тасҷеъ моро ба ин натиҷа мерасонад, ки шеъри Мунҷик аз назари бадеият рангоранг аст. Дар шеъри Мунҷик заминаҳои тасвири бадеӣ бо озодии тахайюл ва истифодаи мустақилонаи саноеъи адабӣ вуҷуд доранд, метавон ба ин натиҷа расид, ки нақши шоир дар ибтикороти маъонии тоза дар шеъри замони худ барҷаста буда,  ба раванди минбаъдаи ташаккул ва таҳаввули сабки шеъри тоҷикӣ таъсири матлуб доштааст [3-М].

# ТАВСИЯҲО БА ИСТИФОДАИ АМАЛИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқи мавзӯъ ва масъалаҳои баррасигардида бармеояд, ки рӯзгор ва осори Мунҷики Тирмизӣ, бо вуҷуди он ки дар масъалаи пажӯҳиши адабиёти асри X ё адабиёти давраи Сомониён ҳанӯз ҳам пурра омӯхта нашудааст. Бар ин мабнӣ, дастовард, натиҷагириҳои илмӣ ва дурнамои мавзуи таҳқиқиро ҷамъбаст намуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зер иавсияҳо пешниҳод карда мешаванд.

1. Ашъори боқимондаи Мунҷики Тирмизӣ дар шинохтии ашъори давраи Сомонӣ ҳоизи аҳаммият мебошад. Зеро шеъри ӯ дар саргаҳи шеъри форсии тоҷикӣ қарор дошта, бо тасвирҳои воқеӣ Мунҷикро ҳамчун шоири тасвирсоз ва навбати худ бузург муаррифӣ менамояд;

2. Мавзуъҳои ашъори Мунҷики Тирмизӣ гуногун буда, шоир дар онҳо васфи маъшуқа, меҳру муҳаббати самимӣ, зебоиҳои ҳаёт, инчунин некию накӯкорӣ ва ростию ахлоқи ҳамидаи инсонӣ суруда шудаанд. Инчунин шоир, ки бозгӯкунандаи воқеиятҳои замон аст, дар як силсила ҳаҷвияҳои худ аъмоли бади инсониро мазаммат карда, ба ин восита мехоҳад нуқсу камбудҳои замонро ислоҳ намояд. Аз ин зовия, ба таври комил омӯхта шудани адабиёти ин давра муфид аст;

3. Диссертатсияи мо дар омӯзиши баъзе паҳлуҳои камомӯхташудаи адабиёти давраи Сомонӣ ва ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, ки маҳдудаи он асрҳои IX-X-ро фаро мегирад, бавижа дар шинохти рӯзгори Мунҷики Тирмизӣ ва осори баҷқимондаи адабии ӯ мусоидат менамояд;

4. Аз Мунҷики Тирмизӣ ҳамагӣ 436 байт шеър боқӣ мондааст, ки ба жанри қасида, марсия, ҳаҷву мутоибот ва фард тааллуқ дорад. Аксари ин абёт дар фарҳангҳои тафсирӣ, мисли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ боқӣ мондааст, ки ин худ нишонаи маъруфияти шеъри Мунҷик мебошад ва калимаҳои меҳварии ин гуна фарҳангҳои қадимро ташкил дода, дар шинохти шеъри давраи Сомонӣ нақши бориз дорад. Аз ин зовия омӯхтани шеъри Мунҷик бисёр муфид мебошад;

5. Мероси боқмондаи Мунҷики Тирмизӣ бешак ифодагари сабки тоза ва мондагори ашъори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва таълимӣ буда, бо содагию равонии калом ва дар пардаи тасвир ифода кардани афкору 157 андеша мумтоз аст. Ва аз лиҳози омӯхтан ва баррасии фанни

балоғат, бавижа бадеъ, ки дар ҳоли ташаккулу таҳаввул қарор дошт, далели иштиҳори шеъри ин шоир мебошад;

6. Абёти зиёди Мунҷики Тирмизӣ дар нахустин китобҳои фанни бадеъи форсии тоҷикӣ, ба мисли “Тарҷумону-л-балоға”-и Муҳаммад Умари Родуёнӣ ва “Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър”-и Рашидуддини Ватвот ҳамчун шоҳиди санъатҳои бадеъӣ омадаанд ва ин худ гувоҳи маъруфият ва дар навбати худ яке аз омилҳои боқӣ мондани ашъори шоир мебошад. Аз ин дидгоҳ омӯхтану баррасии шоир низ дорои аҳаммияти хос аст;

7. Яке аз вижагиҳои ашъори боқимондаи Мунҷик ҳаҷвиёти ӯ мебошад, ки шоирро аз ҷумлаи саромадони бузурги ҳаҷвиясарой гардонидааст. Ҳаҷвияҳои ӯ нишонрас ва ҳадафманд буда, баррасии шеъри ӯ аз ин зовия дар омӯзиши навъи адабии ҳаҷв, хусусан дар саргаҳи шеъри форсии тоҷикӣ муҳим мебошад;

8. Шеъри Мунҷики Тирмизӣ асосан дар сабки хуросонӣ суруда шудаанд ва бо корбасти вожагони зебо, мақолу зарбулмасал ниҳоят пурмоя ва рангин буда, дар он тозакориҳои ҳунарии зиёд ба назар мерасад, вале мутаассифона то кунун ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин дидгоҳ, омӯзиши шеъри Мунҷик яке аз заруриёти шеъри давраи Сомонӣ буда, муаррифии он дорои аҳаммияти хос аст;

9. Дастовардҳо ва баррасиҳои дар диссертатсия суратгирифта дар омӯзиши таърихи адабиёти классикии точик, дарсҳои махсуси факултетҳои филолгия, муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ, ба магистрон, унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ метавонад ҳамчун замина мавриди истифода қарор гирад;

10. Дар маҷмуъ, Мунҷики Тирмизӣ бо осори боқимондаи худ дар шаклгирӣ ва ташаккули адабиёти давраи Сомонӣ саҳми бориз гузошта, таълифи рисолаи ҳозир қадами нахустин дар таҳқиқ ва шинохти рӯзгору осори шоир аст. Бояд гуфт, ки то кунун дар масъалаи таҳқиқи рӯзгору осори Мунҷики Тирмизӣ рисолаи ҷудогонаи монографӣ вуҷуд надошт. Бар ин мабнӣ, дар рисола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки муҳимтарин масъалаҳои мавҷудаи эҷодиёти адиб мавриди баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст, ки барои адабиётшиносон метавонад ҳамчун раҳнамо мавриди истифода қарор гирад.

# КИТОБНОМА

1. Манобеъ ва сарчашмаҳо


1. Авфӣ, М. Лубоб-ул-албоб [Матн]. Аз рӯи чопи профессор Браун, бо муқаддима ва таъликоти аллома Муҳаммад Қазвинӣ ва нусхаи таҳқиқоти Саид Нафисӣ ва тарҷумаи дебочаи инглисӣ ба форсӣ бо қалами Муҳаммад Аббосӣ / - Номаи аввал. – Китобфурӯшии Фахри Розӣ. – Таърихи чоп: 1361. – 2036 с.
2. Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс [Матн]. / Тӯсӣ Асадӣ. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. -294 с.
3. Ашъори парокандаи қадимтарин шуарои форсизабон [Матн]. Аз Ҳанзалаи Бодғисӣ то Дақиқӣ (ба ғайр аз Рӯдакӣ). Бо тасҳеҳу муқобала, тарҷума ва муқаддима ба забони фаронсавӣ. Ба кӯшиши Жилбер Лазар, устоди мадрасаи забонҳои шарқи Порис / - Теҳрон: Анҷумани эроншиносии Фаронса дар Теҳрон. – Сандуқи пусти 1968-11, 1982 / 1362. – 224 с.
4. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн] / Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1957. – 346с.
5. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн]. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худой Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов / - Душанбе: “Адиб”, 2007. –480с.
6. Балёнӣ Авҳадӣ, Тақиюддин Муҳаммад ибни Муҳаммад. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин [Матн] / Тақиюддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Авҳадии Балиёнӣ.–Теҳрон: Мероси мактуб, 1389, ҷ. 1. -794 с.
7. Ватват, Рашид ад-дин. Сады волшебства в тонкостях поэзии (Хадаиқ ас-сихр фи дакаик аш-шиър)[Текст] Перевод с персидского, исследование и комментарий Н. Ю. Чалисовой. / Рашид ад-дин Ватват. –Москва: Наука, 1985. -324 с.

8. Ганҷи бозёфта. Бахши нахуст. Шомили аҳвол ва ашъори Лабибӣ, Абӯшакури Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯҳанифи Лашкарӣ, Ғазоирии Розӣ, Абултаййиби Мусъабӣ [Матн] / Гирдоваранда Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон: обонмоҳи 1334 хуршедӣ, чопхонаи Ҳайдарӣ. – 417 с.
9. Девони Рӯдакӣ. Маҷмӯаи ашъори баҷоймонда аз Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ [Матн] / Ба шарҳ ва тавзеҳи Манучеҳри Донишпажӯҳ. – Теҳрон: интишороти Тӯс, 1374. – 142с.
10. Қаввос, Фахруддин Муборакшоҳ. Фарҳанги Қаввос[Матн] / Фахруддини Муборакшоҳи Қаввос. –Хуҷанд: Нуримаърифат, 2003, -294 с.
11. Луғатнома. [Матн] Ҷилди 1. Таълифи Алиакбари Деҳхудо / Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон: чопи Сирус, 1348. – 1225с.
12. Мунтахаби "Тарҷумон-ул-балоға" ва Ҳадоиқ-ус-сеҳр" [Матн] / - Душанбе: Дониш, 1987. – 144с.
13. Намунаҳои адабиёти тоҷик [Матн] / Тартибдиҳандагон: Мирзозода,Суҳайлӣ, Икромӣ, Лутфуллоева, Бузургзода. – Сталинобод, 1940. – 604с.
14. Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Умар ибни Алӣ. Чаҳор мақола ва таъликот [Матн]. Бар асоси нусхаи аллома Муҳаммад Қазвинӣ, бо тасҳеҳи муҷаддад ва шарҳи луғот ва иборот ва тавзеҳи нукоти адабӣ. Ба эҳтимоми устод Муҳаммад Муъин / Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ. – Теҳрон: Муъин, 1388. – 736с.
15. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. – Дунанбе: Ирфон, 1986. – 169с.

16. Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди дувум [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 544с.
17. Раҳин, С.М. Дақиқинома [Матн]. Ҳовии ашъори Муҳаммад ибни Аҳмад Дақиқии Балхӣ. Бо муқаддима ва таълифот / Саид Махсуми Раҳин. – Кобул, 1352. – 241с.
18. **Родуёнӣ, Муҳаммад ибни** Умар. Тарҷумон-ул-балоға [Матн] / Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Бо эҳтимоми дуктур Муҳаммадҷаводи Шариат. –Исфаҳон: Дижнабишт, 1386. -984 с.
19. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим [Матн]. Бо тасҳеҳ ва таъликот ва ҳавошии Муҳаммадризо Тоҳирӣ. / Амин Аҳмад Розӣ.– Теҳрон: Суруш, 1378. Ҷ. 1. – 515 с.
20. Рӯдакӣ. Ашъор [Матн] / - Душанбе: Адиб, 2007. – 414с.
21. Рӯдакӣ. Девон [Матн] / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Олмотӣ, 2007. – 256с.
22. Рӯдакӣ. Стихи [Текст] / - Москва: “Наука”, 1964. – 480с.
23. Тазкираи адабиёти бачагон [Матн] / - Душанбе: Маориф, 1982. – С.25-26.
24. Тирмизӣ, Мунҷик. Ашъори пароканда [Матн]. (садаи чаҳоруми ҳиҷрӣ). Ба кӯшиши Эҳсон Шаворибии Муқаддам.–/ Мунҷики Тирмизӣ. –Теҳрон: Мероси мактуб, 1391 (2012) 45+ 110 с.
25. Тӯсӣ, Н. Меъёр-ул-ашъор [Матн] / Насируддини Тӯсӣ. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 152с.
26. Ӯбаҳӣ Ҳофиз.Туҳфат-ул-аҳбоб ё Фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ [Матн] / Ҳофизи Ӯбаҳӣ. –Душанбе:Ирфон, 1992. -288 с.

27. Фарзона. Дақиқӣ [Матн] / Фарзона. Фаррухӣ, Девон / Бо кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. Чопи дувум – Теҳрон, 1349. – 468с.
28. Хусрав Носир. Сафарнома. [Матн] / Носири Хусрав.– Душанбе: Ирфон, 1970. Ба чоп тайёркунандагон К. Айнӣ ва С. Айнӣ. -115 с.
29. Хусрав, Н. Девон [Матн] / Ба тасҳеҳи Саид Насруллоҳи Тақавӣ – Теҳрон : чопхонаи Гелон, 1339. – 348с. 132с.
30. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши Мехралӣ Гургонӣ. –Теҳрон:Захро, 1344. -631 с.
31. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши М. Мусаффо. –Теҳрон: Амири Кабир, 1339. -486 с.
32. Ҳудуд-ул-олам [Матн]. Таҳиягари матн Н.Қосимов. Муҳаррири масъул ва муаллифи пешгуфтор аъзо-кореспонденти АФ РСС Тоҷикистон А.Мухторов / - Душанбе: Дониш, 1983. – 132с.
33. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарнҳои 3-5 ҳиҷрии қамарӣ [Матн] / Тасҳеҳи Маҳмуди Мудаббирӣ. – Аввали баҳори 1370. – 704с.
34. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ [Матн] / Таҳия ва нақду баррасии Аҳмад Идорачии Гелонӣ. - Теҳрон, 1356. – 438с.
35. Шоирони аҳди Сомониён [Матн] / Мураттибон ва омодакунандагон Худой Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 1999. – С. 66-74.

2. Адабиёти илмӣ-назарӣ

36. Абдуллаев, И. Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане X начала XI вв. [Текст] / И. Абдуллаев. –Ташкент: Фан, 1984. – 294с.

37. Абдуллоев, А., Саъдиев, С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII [Матн] / А.Абдуллоев, С.Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 262с.

38. Абдуллоев, А. Дақиқӣ ва сабки назми асри X [Матн] / Комсомоли Тоҷикистон. – 1978. – 17-уми декабр.

39. Абдусатторов, А. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён [Матн] / А.Абдусатторов. – Душанбе, 2001. – 220с.

40. Айнӣ, С. Устод Рӯдакӣ [Матн] / С. Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 2, китоби якум. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – С.129-153.

41. Айнӣ, К. Қасида дар осори Рӯдакӣ [Матн] / Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинобод, 1958. – С.98-111.

42. Афсаҳов, А. Кошкӣ, андар ҷаҳон шаб нестӣ [Матн] / А.Афсаҳов // - Маориф ва маданият. – 1978. – 14-ум декабр.

43. Афсаҳзод, А. Фаррухии Сиистонӣ [Матн] / А.Афсаҳзод. Пайванди қарнҳо. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 1989. – 189с.

44. Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2008, - 312 с

45. Бартолд, В. В. Чаганиан [Текст]. Сочинения. Т. 3 / В. В. Бартолд. – Москва: "Наука". Главной редакция восточной литературы, 1965. – 711с.

46. Бахтин, М.М. Эстетика словестного творчества [Текст] / М.М.Бахтин. – Москва: Искусство, 1979. – 424с.

47. Бертельс, Е.Э. Расцвет литературе в X в. [Текст]/ Е.Э.Бертельс. История персидско-таджикской литературы. – Москва, 1960. – С. 109-168.
48. Бертельс, Е.Э. Персидская поэзия в Бухаре X в. [Текст]/ Е.Э.Бертельс. Избраннные труды: история литературы и культуры Ирана. – Москва: “Наука”, 1988. – С. 382-428.
49. Бертелс, Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Е. Э. Бертелс. –Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 584 с.
50. Брагинский, И.С. Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Рӯдакӣ / И.С.Брагинский. - Душанбе: “ЭР-ГРАФ”, 2009. – 157с.
51. Брагинский, И.С. Поэзия Иранского возрождения [Текст]/ И.С.Брагинский. Исследование по Таджикской культуре. – Москва: «Наука», 1977. – С.137-149.
52. Брагинский, И.С. О возникновении газели в таджикской и персидской литературе [Текст]/ И.С.Брагинский // Советское востоковедение. – 1958. – 2. – С. 94-100.
53. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э. Браун. Тарҷумаи Алибошшо Солеҳ [ва дигарон]. –Теҳрон: Марворид. 1366. Ҷ. 1. -464 с.
54. Бушмин, А. Наука о литературе [Текст]/ А.Бушмин. – Москва: Современник, 1980. – 334с.
55. Веселовский, А.Н. Историческая поэтика [Текст] / А.А.Веселовский. –Ленинград: Гослитиздат, 1940. – С. 348-358.
56. Виноградов, В.В. О язике художественной литературе [Текст]/ В.В. Виноградов. – Москва, 1927. 178с.
57. Винокур, Г.О. Критика поэтического текста [Текст]/ Г.О.Винокур. –Москва, 1927. 178с.

58. Ворожейкина, З.Н. Исфаганская школа поэтов и литературная жизн Ирана в предмонголское время [Текст]/ З.Н.Databaseодейкина. – Москва: Наука, 1894. – 270с.
59. Восеъ, Қ. Абӯмансури Дақиқӣ [Матн] / Қ.Восеъ // Газетаи муаллимон. – 1984. – 29-уми сентябр.
60. Гиунашвили, Ч.Д. К вопросу о значимости принципа научного историзма в персдско-таджикской текстологии [Текст]/ Ч.Д.Гиунашвили // Актуалные проблемы Иранской филологии – Душанбе: “Дониш”, 1985. – С. 260-265.
61. Грюнебаум, Г.Э. Концепсия плагиата в арбской теории [Текст]/ Г.Э. Грюнебаум // Основние черти арабо-мусулманской културы. – Москва: Наука, 1981. – С. 127-156.
62. Ғаззолӣ, М. Туҳфат-ул-мулук [Матн] / М.Ғаззолӣ. – Теҳрон, 1389. – 246с.
63. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б.Ғ.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704с.
64. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди 1 [Матн] / Б.Ғафуров. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. – 384с.
65. Ғоибов, Ғ. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ.Ғоибов. – Душанбе: “Амри илм”, 1999. – 225с.
66. Ғуломризоӣ, М. Сабкшиносии шеъри порсӣ. Аз Рӯдакӣ то Шомлу [Матн] / М.Ғуломризоӣ. – Теҳрон: чопи Гулшан, 1377. – 108с.
67. Дармститер, Д. Происхождение персидской поэзии [Текст]/ Д.Дармститер. – Москва, 1924. – 220с.

68. Дастғайб, А. Рӯдакӣ шоире бо алфози хуш ва маонии рангин [Матн] / А. Дастғайб // Паёми навин. – 1345. – 2. – С. 15-26.
69. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо [Матн] / Алиакбари Деҳхудо. Зери назари доктор Муҳаммад Муин ва доктор Саидҷаъфари Шаҳидӣ. –Теҳрон: Муассисаи Луғатномаи Деҳхудо, Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. -14464 с.
70. Жирмунский, В.М. Теория литературы. Поэтика, стилистика [Текст] / В.М.Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1977. – 260с.
71. Жирмунский, В.М. Сравнительное литературоведение [Текст] / В.М.Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1979. – 493с.
72. Занд, М. Шест веков славы [Текст] / М.Занд. – Москва: Наука, 1964. – 251с.
73. Зарринкӯб, А. Амир Муиззӣ модеҳи куштаи мамдӯҳ [Матн] / А. Зарринкӯб. Корвони ҳулла. – Душанбе: “Деваштич”, 2006. – С. 111-120.
74. Зарринкӯб, А. Накди адабӣ. Ҷилди аввал [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон. - Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1354. – 404с.
75. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1978. – 326с.
76. Иморӣ, А. Абӯшакури Балхӣ ва Носири Хусрав дар чанд шеър ва ақоиди қадими Эронӣ [Матн] / А.Иморӣ // - Фарҳанги Эронзамин, ҷилди 24. – Теҳрон, - 1358. – С. 1-28.
77. Имомӣ, Н. Устоди шоирон Рӯдакӣ. Шарҳи ҳол, гузидаи ашъор [Матн] / Н.Имомӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1378. – 184с.
78. Кадканӣ, Ш. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри

назарияи балоғат дар ислом ва Эрон. Вироиши 2 [Матн] / Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732с.

79. Кожинов, В.В. Художественная реч как форма искусства слова [Текст]/ В.В.Кожинов // Теория литературы. – Москва: Наука, 1956. – С. 234-316.

80. Конрад, Н.И. Старое востоковедение и его новые задачи [Текст]/ Н.И.Конрад. – Запад и Восток. – Москва: ГРВЛ, 1972. – С. 7-28.

81. Корман, Б.О. Изучение текста художественного произведения [Текст]/ Б.О.Корман. – Москва: “Просвешение”, 1972. – 286с.

82.Куделин, А.Б. Средневековая арабская поэтика (вторая половина 8-9 вв. [Текст] / А.Б.Куделин. – Москва: Наука, 1983. – 220с.

83.Қодиров, Б, Муртазоев, Б. Чағониён адабиёти [Матн] / Б.Қодиров, Б.Муртазоев. – Тошканд: “Янги аср авлоди”, 2002. – 79с.

84. Қосимӣ, М. Тасвири хирад дар шеъри Носири Хусрав [Матн] / М.Қосимӣ // Номаи пажӯҳишгоҳ. – Душанбе, 2003. – С. 97-110.

85. Лихачёв, Д.С. Поэтика древнеруской литературы [Текст]/ Д.С.Лихачёв. – Ленинград, 1967. – 260с.

86. Лихачёв, Д.С. Развитие русской литературыX-XVIII веков. Эпохи и стили [Текст] /Д.С.Лихачёв. Избранние работы в трёх томах. Том 1. – Ленинград: “Художественная литература”, 1987. – С. 24-260.

87. Лотман, А.Ф. Анализ поэтического слова [Текст]/ А.Ф.Лотман. – Ленинград: “Просвешения”, 1872. – 238с.

88. Лотман, А.Ф. В школе поэтического слова / А.Ф.Лотман. – Москва: “Просвешения”, 1988. – 240с.
89. Маҳҷуб, М.Ҷ. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. Баррасии мухтассоти сабки шеъри форсӣ аз оғози зуҳур то поёни қарни панҷуми ҳиҷрӣ [Матн] / М.Ҷ.Маҳҷуб. – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ ва Ҷомӣ. Чопи аввал, бе таърихи нашр. – 737с.
90. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (1) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. – 478с.
91. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода.Душанбе: Маориф. 1992, -240 с.]
92. Мирзоев, А. Абӯабдулло Рӯдакӣ [Матн] / А.Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. – 277с.
93. Муъин, Ф. “Анисон”, “Анбистон” [Матн] / Ф, Муъин // Яғмо. – 1354. – Шумораи 3. – С. 162-173.
94. Муллоаҳмад, М.Нисорӣ. Рӯдакӣ ва сухансарои ҳамрӯзгори ӯ [Матн] / М. Муллоаҳмад, М.Нисорӣ. – Теҳрон: Рӯзгор, 1381. – 264с.
95. Муллоаҳмад, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ [Матн] / М.Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 261с.
96. Муллоаҳмад, М. Суннатҳои бостонӣ дар адабиёти аҳди Сомонӣ [Матн] / М.Муллоаҳмадов. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 26-33.
97. Муллоаҳмадов, М. Фаррухии Сиистонӣ [Матн] / М.Муллоаҳмадов, - Душанбе: Дониш, 1978. – 143 с.
98. Мусаффо Мазоҳир. Посдорони сухан. Чакомасароён. Ҷ. 1. [Матн] / М. Мусаффо. С. 45].

99. Мусулманкулов, Р.Персидско-таджикская поэтика X-XV вв. [Текст] / Р.Мусулмонкулов. – Москва: Наука, 1989. – 240с.
100. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ [Матн] / Қ.Мухторӣ. – Душанбе: ҶДММ "Анҷумани Деваштич", 2006. – 129с.ср
101. Мухторов, А. Ҳисор. Очерки таърихӣ (охири асриXV аввали асри XX) [Матн] /А.Мухторов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 304 с.
102. Муътаман, З. Шеър ва адаби форсӣ [Матн] / З.Муътаман. – Техрон, 1332. – 560с.
103. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн] / А.Насриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 187с.
104. Нафисӣ, С. Муҳити зиндагӣ, аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ [Матн] / С.Нафисӣ.– Порис: Анҷумани Рӯдакӣ, 2022. – 752 с.
105. Нафисӣ, С. Китоби "Тухфат-ул-мулук" [Матн] / С.Нафисӣ // Маҷаллаи "Мехр". – 1312. – Шумораи 2 ва 3. – С. 5-12.
106. Неъматов, Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X [Матн] / Н.Неъматов. – Душанбе: ирфон, 1989. – 304с.
107. Нуъмонӣ Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. –Душанбе: Душанбе: ДДОТ. 2016. Тарҷумаи форсии Саидмуҳаммад Тақии Фахр Доии Гелонӣ. Таҳияи А. Набавӣ. Ҷ. 5.
108. Ноҷӣ, М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М.Ноҷӣ. – Душанбе, 2001. 1295с.
109. Османов, М.Н. Стиль персидско-таджикской поэзии IX-X вв. [Текст] / М.Н.Османов. – Москва: Наука, 1974. – 267с.
110. Османов, Н.У. Основние принсипы советской текстологии в их приложении к подготовке научного текста "Шахнаме"

[Текст] / Н.О.Османов // Советское востоковедение. – Москва: Наука, 1978. – 1978. – С. 122-210.

111. Проблемы исторической поэтики литератур Востока [Текст]/ - Москва: Наука, 1988. – 311с.

112. Прохоров, Е.И. Текстология. Принцип издания классической литературы [Текст] / Е.И. Прохоров. – Москва: Наука, 1988. – 220с.

113. Ранҷбар, А. Равиши таҳқиқ ва маъхазшиносӣ [Матн] / А.Ранҷар. – Теҳрон: Асотир, 1368. – 168с.

114. Рейснер, М.Л. Эволютсия классической газели на фарси (X- XIXвв.) [Текст]/ М.Л.Рейсар. – Москва: Наука, 1089. – 221с.

115. Рипка, Я. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Ян Рипка. – Теҳрон, 1354. – 234с.

116. Рипка, Я. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Ян Рипка. – Москва: Прогресс, 1970. – 440с.

117. Рипка Ян. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Рипка Ян. Тарҷумаи Абулқосими Сиррӣ. – Теҳрон: Сухан, 1384. Ҷ. 1. - 620 с.

118. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Шафақ Ризозода.–Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи паҳлавӣ, 1352. - 648 с.

119. Родманиш, И. Сабкҳои таърихӣ ва назарияи нажодии таърих [Матн] / И. Родманиш, - Теҳрон: интишороти Кавир, 1370. – 254с.

120. Сайидӣ, М. Чағониён ва Хатлон то ҳамлаи муғул [Матн] / М. Сайидӣ // - Адабиёт ва санъат. – 2006. – 30-уми ноябр.

121. Салимов, Ю. Сабкшиносӣ [Матн] / Ю.Салимов. Ёдгори умр. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 488с.
122. Салимов, Н. Марҳилаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) [Матн] / Н.Салимов. – Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2003. – 398с.
123. Сатторзода, А. Рӯдакӣ ва шеъри рӯдакивор [Матн] / А.Сатторзода // Армуғони ганҷи сухан (ҷилди аввал). – Хуҷанд, 2007. – С. 21-29.
124. Сатторзода, А.Тазоди зиндагӣ дар таносуби шеър [Матн] / А.Сатторзода. Кӯҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. – С. 10-23.
125. Сатторзода, А. Шеъри ҳолия дар замони Сомониён [Матн] / А.Сатторзода. Кӯҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. – С. 23-29.
126. Сатторзода, А. Тарзи сухани Хоҷу ва зарурати баррасии ҷанбаи ҳунарии шеъри форсӣ [Матн] / А.Сатторзода, Кӯҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. – С. 37-43.
127. Сатторзода, А. Шеър дар аҳди Борбад [Матн] / А.Сатторзода. Кӯҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. – С. 6-10.
128. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А.Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 140с.
129. Сафо, З. Андарз [Матн] / З. Сафо // - Хабар. – 1371. – якшанбеи хурдод. – С. 9.
130. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон [Матн]. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор / З.Сафо. – Душанбе: интишороти байналмилалии “Алхудо”-Тоҷикистон, 2001. – 160с.

131. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар қаламрави забони форсӣ. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи салҷуқӣ [Матн] / З.Сафо. – Теҳрон, 1371. – 716с.
132. Сафавӣ, К. Нигоҳе ба чигунагии пайдоиши сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ [Матн] / К.Сафавӣ // - Забон ва адабиёт. Маҷаллаи донишкадаи адабиёти форсӣ ва забонҳои хориҷа. – Баҳор ва тобистони 1381ҳиҷрии шамсӣ. – Шумораи 15. – С. 26-41.
133. Саъдиев, С. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII [Матн] / С. Саъдиев. Душанбе: Дониш, 1974. – 164с.
134. Саъдиев, С. Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII [Матн] / С.Саъдиев. Душанбе: Дониш, 1980. – 137с.
135. Саъдиев, С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих [Матн] / С.Саъдиев. – Тошканд: “Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси”, 2012. – 400с.
136. Сирус, Б. Вазни осори боқимондаи Рӯдакӣ [Матн] / Б.Сирус // Рӯдакӣ ва замони ӯ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – С. 128-141.
137. Соколов, А.И. Теория стилистики [Текст]/ А.И.Соколов. – Москва: Исскуство, 1968. – 340с.
138. Стеблин-Каменский, М.Н. Историческая поэтика [Текст]/ М.Н.Стеблин-Каменский. – Ленинградский Университет, 1978. – 246с.
139. Тарбият, М. Маснавӣ ва маснавигӯёни эронӣ [Матн] / М.Тарбият // - Маҷаллаи “Меҳр”. – Шумораи 3. – Соли панҷум. – С. 225-231.
140. Тақизода, С. Забони фасеҳи форсӣ [Матн] / С.Тақизода // Маҷаллаи “Ёдгор”. – 1327. – Шумораи 3. – С. 12-16.

141. Тоҳирҷонов, А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ. Тарҷумаи М.Муллоаҳмад [Матн] / А.Тоҳирҷонов. – Душанбе, 2008. – 166с.
142. Турсунов, А. Эҳёи Аҷам [Матн] / А.Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 206с.
143. Тротский, В.Ю. Стилизатсия "слово" и "образ". Сборник статей. Составител В.В.Кожевников [Текст]/ В.Ю.Тотский. – Москва: "Просвешения", 1964. – С. 164-194.
144. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ) [Матн] / - Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 951с.
145. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2 (дар таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ) [Матн] / - Москва: Советская Энсиклопедия, 1969. – 949с.
146. Фрай, Р.Н. Наследие Ирана [Текст]/ Р.Фрай. – Москва: Наука, 1972. – 468с.
147. Фурӯзонфар, Б. Сухан ва суханварон [Матн] / Б.Фурӯзонфар. –Теҳрон: интишороти Хоразмӣ, 1380. -713 с..
148. Футӯҳӣ, М. Балоғати тасвир [Матн] / М. Футӯҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 461с.
149. Холшевников, В.Е. Основы стиховедения. Русская стихосложение [Текст]/В.Е.Холшевников. - Издателство Ленинградского Университета, 1972. – 168с.
150. Холшевников, В.Е. Стиховедение и поэзия [Текст]/ В.Е.Холшевников. – Ленинград: Издателство Ленинградского Университета, 1991. – 256с.

151. Храпченко, М.Б. Поэтика и стилистика [Текст]/ М.Б.Храпченко. Творческая индивидуалность писателя и развитие литературы. Издание четвертое. - Москва: “Художественная литература”, 1977. – С. 98-175.
152. Хоҷаева, М. Таҳқиқи услуби осори адабӣ [Матн] / М.Хоҷаева. – Хуҷанд, 1994. – 160с.
153. Хромов, А.Л.О некоторых словах языка эпохи Рудаки сохранившихся в таджикских говорах верхове Зеравшана [Текст]/ А.Л.Хромов // Рӯдакӣ ва замони ӯ. – Сталинобод, 1958. – С. 222-225.
154. Хромов, А.Л. Сагдийские топонимия родины Рудаки / А.Л.Хромов [Текст]// Ёдбуди устод Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 27-32.
155. Ҳасан, И. Симои шоирони форс дар ҳазор сол [Матн] / И.Ҳасан. – Теҳрон, 1377. – 340с.
156. Ҳиравӣ, Ҷ. Эрон дар замони Сомониён [Матн] / Ҷ.Ҳиравӣ. – Душанбе, 1998. – 124с.
157. Ҳерман, Э. Таърихи адабиёти форсӣ [Матн] / Э. Ҳерман, Тарҷумаи Ш. Ризозода. –Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 361 с.
158. Ҳодизода, Р. Сухансарои барҷаста [Матн] / Р.Ҳодизода // - Тоҷикистони Советӣ. – 1978. – 17-уми декабр.
159. Ҳодизода, Р. Ақидаҳои эстетикии Форобӣ [Матн] / Р.Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 76-90.
160. Ҳодизода, Р. Рӯдакӣ ва муҳити адабии ӯ [Матн] / Р. Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1998. – С. 39-53.

161. Ш. Ҳусейнзода. Аз сарчашмаҳои тафаккури реалистӣ. [Матн] Дар маҷм.: Гуфтор аз ганҷи сухан. / Ҳусейнзода Ш. –Душанбе: Ирфон, 1985, - с. 83.

162. Шаворибии Муқаддам, Э. Шарҳи аҳвол ва ашъори Мунҷики Тирмизӣ [Матн] / Мунҷики Тирмизӣ. Девон. Ба кӯшиши Эҳсон Шаворибии Муқаддам. Ба нашр тайёркунанда ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳот Р.Абдуллоев.– Тошканд: "Yangi nashr", 2016. – С. 12-39.

163. Шамисо, С. Баён ва маъонӣ [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1383. – 245с.

164. Шамисо, С. Сабкшиносии шеър. Чопи нуҳум [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1374, - 430с.

165. Шамисо, С. Куллиёти сабкшиносӣ [Матн] / С.Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1386. – 429с.

166. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. –Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

167. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278с.

168. Шарифов, Х. Рӯдакӣ ва шакли байти адабиёти классикӣ [Матн] / Х.Шарифов. Суннатҳои адабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 9-26.

169. Шарифов, Х. Адабиёти аҳди Сомонӣ [Матн] / Х.Шарифов. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х.Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – С. 5-97.

170. Шарифов, Х. Мазмунҳои иҷтимоӣ дар шеъри Рӯдакӣ [Матн] / Х.Шарифов, Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – С. 144-173.

171. Шарифов, Х. Диди замонии сабки шеъри Рӯдакӣ [Матн] / Х.Шарифов. Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – С. 98-143.

172. Шафақ, Р. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Р. Шафақ. – Теҳрон: интишороти Оҳанг, 1369. – 380с.

173. Шаҷеъӣ, Р. Сабки шеъри порсӣ дар адвори мухталиф. Бахши нахуст сабки хуросонӣ [Матн] / Р. Шаҷеъӣ. – Теҳрон: интишороти донишгоҳи Шероз, 1340. – 231с.

174. Элсберг, Я.Е. Индивидуальние стили и вопросы историко-теоретического изучения [Текст]/ Я.Е.Элсберг // Теория литературы. – Москва: Наука, 1965.– С. 34-59.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия:**

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

II.

[1-М]. Жумакулов Ж.П. Муҳити адабии Чағониён дар замони Мунҷик / Ж.П. Жумакулов // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ, ISSN: 2308- 7420). - 2020. №3. – С. 137-147.

[2-М]. Жумакулов Ж.П. Осори Мунҷик ва хусусиятҳои бадеии он / Ж.П. Жумакулов // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ, ISSN: 2308-7420). - 2022. №3. – С. 134-141.

[3-М]. Жумакулов Ж.П. Тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик / Ж.П. Жумакулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. № 3. 2023. – С. 224-229.

[4-М]. Жумакулов Ж.П. Марсияҳои Мунҷики Тирмизӣ / Ж. П. Жумакулов // "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ" (ISSN 2219-5408)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 2 (103). 2023. – С. 103-108.

[5-М]. Jumakulov J.P. The Role of. X – XI Centuru Chaganian Litereru Environment in the Persian Language Litereture / J.P. Jumakulov // International Journal of Research. – 2020. - №7 (ISSN: 2348-6848). – P. 21-31.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-M]. Jumakulov J.P. Poetik images in Munjik's heritage / J.P. Jumakulov // International Scientific Journal ISJ Theoretical and Applied Science Philadelphia USA. - 2021. Vol: 102. – P. 1037-1041.

[7-M]. Jumakulov J.P. Poetiks of Mujik Termizi's poems / J.P. Jumakulov // Asian Journal of Multidemensional Research. ISSN: 2278-4853. - 2022. Vol.11,Issue 10. . – P. 293-297.

[8-M]. Jumakulov J.P. Munjik Termizi and his scientific-literaru heritage / J.P. Jumakulov // European Journal of Interdisciplinary Research and Development. ISSN(E): 2720-5746. – 2022. Volume-10. – P. 322-328. [9-M]. Jumakulov J.P. Munjik's legacy and its literal features / J.P. Jumakulov // Academicia. An International Multidisciplinary Research Journal. – 2022. Vol: 10, issue 11. – P. 833-839.

[10-M]. Жумакулов Ж.П. Термизий шеъриятининг қиёсий таҳлили / Ж.П. Жумакулов // Ислом Тафаккури (ISSN: 2181-9572). – 2022. № 4. – С. 79-83.

[11-M]. Жумакулов Ж.П. Забон ва услуби осори Мунҷики Тирмизӣ / Ж.П. Жумакулов // Илмий ва профессионал таълим жараёнида мулоқот, жамият, фан ва маданиятлар интегратсияси. Халқаро илмийамалий анжуман. – 2021. Самарқанд, 12-13 ноябр. – С. 335-337.

[12-M]. Жумакулов Ж.П. Назаре ба аҳвол ва осори Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониёни асри X ва ибтидои асри XI / Ж.П. Жумакулов // Армуғони "Ганҷи сухан" (Баёзи муҳаққиқон ва шоирони вилояти Суғд) Ҷилди ҳафтум. Гирдоварӣ ва вироиши номзади илми филология, дотсент Шарифҷон Тоҷибоев. – Хуҷанд: Ношир. – 2022. – С. 385-395.